ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ Ш.ШОҲТЕМУР

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 338 (631.15)

Исломзода Обид Олим

# ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАМИНҲОИ КИШОВАРЗӢ ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ

(ДАР АСОСИ МАВОДҲОИ ВИЛОЯТИ СУҒД)

Диссертатсия

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ
аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ

Роҳбари илмӣ: Мирсаидов С.А.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

Душанбе - 2025

Мундариҷа

**МУҚАДДИМА** ........................................................................................................ **3**

**БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ ДАР АСОСИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАМИНҲОИ ТАЪИНОТИ КИШОВАРЗӢ** .......... **13**

1.1. Муносибатҳои назариявии муосир доир ба моҳият ва арзёбии амнияти озуқаворӣ ........................................................ 13

1.2. Ҷанбаҳои методологии арзёбии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар низоми таъмини амнияти озуқаворӣ ............................. 27

1.3. Накши бунёдии самаранокии истифодабарии заминҳои кишоварзӣ ба таъмини захиравии амнияти озуқаворӣ ............................................ 43

**БОБИ II. АРЗЁБИИ ВАЗЪИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАМИНҲОИ ТАЪИНОТИ КИШОВАРЗӢ ВА САТҲИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРИИ ВИЛОЯТИ СУҒД....64**

2.1. Арзёбии ҳолати муосири рушди соҳаи кишоварзӣ ва фонди заминҳои кишоварзии вилояти Суғд ........................................................ 64

2.2. Таҳлили самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзии вилояти Суғд ........................................................................ 79

2.3. Ҳолати истиқлол ва амнияти озуқаворechoии вилоят дар доираи истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ........................................ 95

2.4. Арзёбии ҳолати идоракунии самараноку устувори заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар вилоят........................................................114

**БОБИ III. РОҲҲОИ АСОСИИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАИ ЗАМИНҲОИ ТАЪИНОТИ КИШОВАРЗӢ ВА ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВИИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРИИ ВИЛОЯТИ СУҒД** ......................................................... **132**

3.1. Асосноккунии консепсияи ташкил ва идоракунии истифодабарии устувори заминҳои кишоварзӣ ..............................................132

3.2. Мукаммалгардонии усулҳои баланд бардоштани самаранокии истифодабарии замин.....................................................149

**Хулоса** ............................................................................................................ **171**

**Рӯйхати адабиёт** ............................................................................................ **175**

**Номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ**

ВМКБ – Вилояти мухтори куҳистони Бадахшон;
ИА – Иттиҳоди Аврупо;
ИМА – Иёлоти муттаҳидаи Америка;
КДИЗГ – Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ;
МАС – Муҷтамеи агросаноатӣ;
НТҶ – Ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурӣ;
СММ - Созмони Милали Муттаҳид;
СҲИР - Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд;
ФАО (СММ) (FAO UN)– Ташкилоти кишоварзӣ ва озуқаворӣи Созмони Милали Муттаҳид;
FIES (Food Insecurity Experience Scale) - Миқёси таҷрибаи амнияти озуқаворӣ.

# Муқаддима

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Дар "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" ба масъалаи таъмини амнияти иқтисодӣ (амнияти озуқаворӣ), ки ҳамчун ҷузъи асосии амнияти иқтисодии мамлакат ба ҳисоб меравад, таваҷҷӯҳи хоса дода шудааст, масалан:, "...барои таъмин намудани амнияти озуқаворӣ гуногунии (диверсификатсияи) истеҳсолоти кишоварзӣ, яъне ҷорӣ намудани навовариҳо бодарназардошти беҳбудии муҳити зист ва сифати замин, ташаккули низоми идоракунии захираҳои замин ва об дар асоси тақсимоти одилона, мақсаднок ва устувори он барои парвариши зироатҳои кишоварзӣ пешбинӣ гардидааст" [5]. Воқеан ҳам, дар асоси ташаккули муносибатҳои истеҳсолии соҳаҳои кишоварзӣ муносибатҳои истифодабарии замин қарор дорад, ки он ҳамзамон сатҳи таъмини амнияти озуқаворӣ ва тамоюлҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии ҷомеаро муайян мекунанд. Имрӯз ҳукумат кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки пайваста бо коркарду такмили меъёрҳову қоидаҳои расмӣ тартибот ва сатҳу сифати истифодаи оқилонаву самараноки заминҳои кишоварзиро барои таъмини амнияти озуқаворӣ муқаррар намояд. Бинобар он, афзудани маҳдудияти захираҳои замин ҳамчун сарвати табиии сол аз сол мақоми махсуси ниҳодиро пайдо менамояд. Пешрафти ҷамъият дар тамоми марҳалаҳои рушди худ ба истифодабарии замин алоқамандӣ дорад: зеро замин ҳама вақт сарчашмаи ҳаётгузаронии инсон ва манбаи боигарии миллатҳо мебошад.

Шароити ҳозира пайваста бо афзудани нуфузи аҳолӣ ва талаботи он ба маҳсулоти озуқаворӣ, аз як тараф баръало ҳис шудани маҳдудияти захираҳои заминҳои кишоварзӣ масъалаи истифодаи оқилонаву самараноки он бо шарҳи васеи ин мафҳумҳо мубрамият пайдо мекунад. Ин мафҳумҳо дар низоми институтсионалии мамлакат қарор гирифта меъёру қоидаҳои маҷмӯи муносибатҳоро, бахусус муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодиро ҷиҳати истифодаи замин ифода менамоянд. Масъалаи исти-

фодаи оқилонаи замин ба мақсади таъмини амнияти озуқаворӣ ба ғайр аз аҳамияти соф назариявӣ, боз масъалаҳои аниқ намудани меъёрҳои арзёбии иқтидори иқтисодии замин ва истифодаи самараноки он, ки арзиши амалӣ дорад, тақозо менамояд. Зеро, масаълаҳои идоракунии заминҳои кишоварзӣ вобаста ба таъмини амнияти озуқаворӣ пеш аз ҳама бо банақшагириву азнавтақсимкунӣ, ҳифз ва назорати заминҳо аз ҷониби мақомоти идораи давлатӣ алоқаманд аст. Ташаккули механизми самаранок истифода бурдани замин аз тарафи хоҷагӣ бе ба вуҷуд овардани низоми илман асосноки механизми истифодаи самараноки он барои дар сатҳи истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ имконнопазир аст. Бояд гуфт, ки механизми мазкур консепсияи аз ҷиҳати илмӣ асосноки онро вобаста ба талаботи имрузаи низоми муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ мувофиқро тақозо менамояд.

Бояд қайд намуд, ки ташаккули механизми иқтисодии тақсим ва истифодаи оқилонаи замин ба консепсияи классикии назарияи рента асос ёфтааст, ки асосгузорони он иқтисодчиёни намоён В. Петти, А. Тюрго, А. Смит, Д. Рикардо, К. Маркс, А. Маршал ва дигарон мебошанд. Имрӯз вобаста ба тағйир ёфтани вазъи иқтисодиву иҷтимоӣ як қатор масъалаҳои ташаккули механизми самарабахши иқтисодии истифодаи он ба қадри кофӣ инкишоф наёфтаанд, ё худ ба шароити имрӯза мувофиқ нестанд. Ташаккули низоми самараноки муносибатҳои истифодабарии замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба андешаи мо, танҳо дар асоси таҳқиқ бо мақсади муайян кардан ва асосноккунии илмии механизмҳои ҳуқуқӣ ва ташкилию иқтисодӣ имконпазир аст, ки омӯзиши мафҳум ва мундариҷаи унсурҳои алоҳидаи онҳоро талаб менамояд. Имрӯз тамоюли манфии раванди истифода ва ҳифзи сарватҳои замин, номукаммалии низоми тақсимоти истифодаи замин яке аз омилҳои заиф гардидани низоми амнияти озуқавории ҷумҳурӣ мебошад. Баҳснокии масъала, аҳамиятнокии он ва нокифоягии муаммоҳои дар боло зикргардида, мавзуъ ва объекти

таҳқиқотро ташкил дода, интихоби мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои кори диссертатсияро муайян менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ**. Масъалаи истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва вобаста ба он масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ таваҷ-ҷуҳи олимони тамоми ҷаҳонро ба худ ҷалб мекунад. Дар давраи ҳозира муаммоҳои илмии ташаккули механизми иқтисодии рушди муносибатҳои замин ва истифодаи оқилонаву самараноки он дар нашрияҳо ва моногра-фияҳои олимони ИДМ инъикос ёфтааст: Г. Бистров, С. Горемикин, Р. Гумеров, Ҷ. Дункан, Р. Кларк, Н. Комов, М. Коробейников, В. Коровкин, А. Костяев, С. Липский, П. Лойко, В. Милосердов, С. Пилиев, Р. Простерман, Л. Ролфес, М. Сулин, А. Ткач, М. Тейшер, Р. Трейси, К. Фукс, И.Г. Ушачёв, В.Я. Узун, Ю.Хромов ва дигарон.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксари масъалаҳои мазкур дар асарҳои олимон Р. Носиров, Р.Р. Қудратов, З.Р. Шарифов, А.М. Мадаминов, А.Б. Мирсаидов, Ш.Т. Одинаев, И.Ҳ. Самандаров, Ҳ.Б. Раҳматзода, С.С. Садриддинов, Х.У. Умаров ва дигарон мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд. Аммо, ба сабаби ба таври фаъолона тағйир ёфтани вазъияти иҷтимоию иқтисодӣ ва демографии мамлакат дар давраи соҳибистиқлолии мамлакат ва гузариш ба зинаи индустриаливу аграрии рушди иқтисодӣ, зарурати боздиди масъалаҳои ташаккули механизмҳои истифодабарии оқилонаи заминҳои кишоварзӣ вобаста ба амали намудани масъалаҳои амнияти озуқаворӣ дар мамлакат ба миён меояд. Бинобар ин, дар асоси андешаҳои бунёдӣ ва муносибати методологии асарҳои олимони ватанӣ ҷуръат намудем, ба ҳалли муаммоҳои зикршуда шурӯъ намоем.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзӯъҳои илмӣ**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (3.08.2018, №1544)», «Стратегияи миллӣ рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №392, аз 01.10. 2016), «Барномаи

миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2016-2020 (БМР 2016-2020)», «Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020», «Барномаи давлатии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020», «Барнома оид ба беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023» алоқамандӣ дорад. Диссертатсия мувофиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади асосии таҳқиқот ин пеш аз ҳама таҳияи консепсияи ташаккули низоми муосири идоракунии самараноки муносибатҳои заминистифодабарандагон дар шароити муосир, вобаста ба баланд бардоштани истифодаи самараноку оқилонаи заминҳои кишоварзӣ дар самти таъмини амнияти озуқаворechoии давлат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Ҷиҳати ноил шудан ба ин ҳадаф вазифаҳои зерин муайян карда шуданд:

– таҳқиқи назариявии моҳият ва арзёбии амнияти озуқаворӣ дар шароити муосир;

– тавсифи иҷтимоию иқтисодии заминҳои кишоварзӣ ва меъёрҳои арзёбии истифодаи самараноки он дар низоми таъмини амнияти озуқаворӣ;

– муайян намудани нақши бунёдии самаранокии истифодабарии заминҳои кишоварзӣ ба таъмини амнияти озуқаворӣ;

– арзёбии ҳолати муосири рушди соҳаи кишоварзӣ ва фонди заминҳои кишоварзии вилояти Суғд ва таҳлили сатҳи самаранокии он;

– асоноккунии консепсияи ташкил ва идоракунии истифодабарии устувори заминҳои кишоварзӣ ҳамчун шарти таъмини амнияти озуқаворӣ;

– коркарди тавсияҳо доир ба мукаммалгардонии самтҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин.

**Объекти таҳқиқот** фонди замин, ҳамчун объекти идоракунӣ, механизми ташкиливу иқтисодӣ идоракунии заминҳои кишоварзӣ маҳсуб меёбад, ки ба таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат менамояд.

**Мавзӯи таҳқиқот** муносибатҳои иқтисодиву ташкилӣ, идоракунӣ вобаста ба истифодаи оқилонаву самараноки заминҳои кишоварзӣ, ки кафолати таъмини амнияти озуқавории мамлакат ва минтақаҳои онро муайян менамояд, мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот**. Фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки дар шароити сол аз сол тезутунд шудани муаммои маҳдудияти захираҳои заминӣ, бахусус заминҳои кишоварзӣ, вобаста ба афзудани шумораи аҳолӣ ва талаботи он ба маҳсулоти озуқаворӣ омили калидии зиёд намудани сатҳу сифати маҳсулоти озуқаворӣ ва таъмини амнияти озуқавории мамлакатро истифодаи самараноки заминҳои таъиноти кишоварзӣ муайян менамояд. Аз ин ҷиҳат, такмили илман асоснокёфтаи усулҳои истифодаи оқилонаву самараноки замин ва тақвият бахшидани самаранокии фаъолияти корхона ва ташкилотҳои кишоварзӣ, рушди устувори истеҳсолоти кишоварзӣ тақозои замон мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот**ро асарҳои олимон (махсусан иқтисодшиносон), ки ба масъалаҳои идоракунии низоми заминҳои кишоварзӣ ва истифодаи самараноку оқилонаи он бахшида шудааст, ҳисоботу гузоришҳои илмии пажуҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва санадҳои дахлдорӣ меъёрӣ ва ҳуқуқӣ доир ба мавзӯи таҳқиқот ташкил додаанд.

Зимни таҳқиқоти илмӣ усулҳои абстраксияи илмӣ, диалектика, оморию риёзӣ, дедуксия ва индуксия, таҳлили омилӣ, таҳқиқоти иҷтимоӣ ва ғайраҳо истифода шудаанд.

**Сарчашмаи маълумот**. Ба сифати сарчашмаҳои маълумот маводҳои ҳисоботии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва

савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаҳои минтақавии он, Раёсати кишоварзии вилояти Суғд, ҳисоботҳои солонаи корхонаҳои кишоварзӣ, нашрияҳои илмии маводҳои конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-амалӣ, маълумотҳо аз Интернет-сомонаҳои расмии мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ истифода шудааст.

**Пойгоҳи таҳқиқот**. Диссертатсия дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур иҷро гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар асосноккунии нуқтаҳои назари-явию мукаммалгардонии механизмҳои ташкиливу иқтисодии идораку-нии заминҳои кишоварзӣ, асосноккунии тавсияҳои амалӣ оид ба рушд ва такмили усулҳои баланд бардоштани истифодаи самараноки он дар корхонаҳои кишоварзии вилояти Суғд дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ ифода ёфтааст.

Натиҷаҳои асосии дар кори диссертатсионӣ баёнгардида ва унсур-ҳои нававарии илмӣ инҳоянд:

– таҳлили мафҳуми моҳияти амнияти озуқаворӣ, дар асоси адабиёти иқтисодӣ ва пешниҳоди он ҳамчун: амнияти озуқаворӣ хусусияти ҷараёни ба озуқаворӣ таъмин будани аҳолӣ буда, ҳолати амниятии ин ҷараёнро дар дараҷаи дастрасии доимии аҳолӣ бо озуқавории зарурӣ муайян менамояд;

– таҳлил ва асоснок гардидааст, ки низоми идоракунии муносибатҳои истифодаи заминро барои ноил гардидан ба дараҷаи лозимаи таъминоти озуқаворӣ ва таъмини саноат бо ашёи хом равона кардан зарур аст: омезиши манфиатҳои стратегӣ дар самти истифодаи заминҳои кишоварзӣ, яъне истифодаи оқилонаи замин ҳамчун захираи табиии маҳдуд ва ивазнаша-ванда; сода намудани низоми баҳисобгирӣ ва бақайдгирии ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин; такмил ва амалисозии самараноки назорати истифодаи заминҳои кишоварзӣ;

– мубрамияти истифодаи замин ҳамчун объекти стратегӣ ҷиҳати таъмини амнияти озуқавории аҳолӣ ва падидаи гуногунсамт ва мураккаб таҳлил карда шуда, се марҳалаи муҳими истифодаи он муайян гардидааст:

o марҳалаи якум, муайян намудани мақсади истифодабарии қитъаи замин;

o марҳалаи дуюм, истифодабарии бевоситаи воқеии қитъаи замин барои амалӣ намудани ин ҷараён, яъне дастгирии дахлдори иттилоотӣ, технологӣ, захиравӣ, молиявӣ, соҳибкорӣ ва маркетингӣ лозим аст;

o марҳалаи сеюм, такрористеҳсолкунӣ, нигоҳдории сифати ҳосилхезии хок, барқарор намудани сохтори сифатии хок, ки ба сармоягузорӣ ниёз дорад, дар бар мегирад.

– тамоюли истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва татбиқи технологияи муосири истеҳсолоти кишоварзӣ ва сатҳи таъмини амнияти озуқавории вилояти Суғд, фарқияти истифодаи оқилонаи замин миёни ноҳияҳои аграрии вилоят арзёбӣ шуда, муҳимияти истифодаи самараноки заминҳои кишти кишоварзӣ барои вилоят асоснок карда шудааст;

– муайян карда шудааст, ки имрӯз дар соҳаи кишоварзии мамлакат мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар барномаҳои рушди комплекси агросаноатии минтақа доир ба пайвасти мантиқии сохтори ташкиливу технологии типи дуюм ва сеюм тадбирҳо андешида, дар ин раванд самтҳои афзалиятноки танзими давлатии дигаргунсозии индустриалӣ ба дастгирии рушди навъи сеюми сохтори ташкилию технологӣ равона шудааст;

– дар асоси ҷамъбасти таҳлили адабиёти илмӣ ва муқаррароти умумии эътирофшуда, консепсияи истифодаи замини аз ҷиҳати экологӣ бехатар, ки ба идоракунии оқилонаи заминҳои кишоварзӣ асос меёбад, пешниҳод карда шудааст;

– тавсияҳо доир ба такмили механизм ва усулҳои истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар самти таҳияву татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ ба мелиоратсия, суғуртакунонии хавфу хатарҳо, омезиши фаъолиятҳои кооперативҳои

истеҳсолӣ, хоҷагиҳои давлатӣ ва деҳқонӣ, оилавӣ ва ғайра пешниҳод карда шудааст.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Муқаррароти муаллифии мафҳуми амнияти озуқаворӣ дар пояи аҳкомҳои зерини он - амнияти озуқаворӣ.

2. Асоснок намудани муносибати низомӣ идоракунӣ вобаста ба истифодабарии замин ҷиҳати ноил шудан ба сатҳи зарурии таъминоти озуқаворӣ ва таъмини соҳаҳои саноат бо ашёи хом.

3. Арзёбии тамоюли истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва татбиқи технологияи муосири истеҳсолоти кишоварзӣ ва сатҳи таъмини амнияти озуқаврии вилояти Суғд.

4. Арзёбии барномаҳои рушди комплекси агросаноатии минтақа доир ба пайвасти мантиқии сохтори ташкиливу технологии типи дуюм ва сеюм ва самтҳои афзалиятноки танзими давлатии дигаргунсозии индустриалӣ ба дастгирии рушди навъи сеюми сохтори ташкилию технологӣ.

5. Пешниҳоди консепсияи истифодаи замини аз ҷиҳати экологӣ бехатар, ки дар асоси идоракунии оқилонаи заминҳои кишоварзӣ қарор мегирад;

6. Такмили механизмҳо ва методҳои истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар самти таҳияву татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба мелиоратсия, суғуртакунонии хавфу хатарҳо, омезиши органикии кооперативии давлатӣ ва деҳқонии индивидуалӣ, оилавӣ, оилавӣ-гурӯҳӣ дар иқтисодиёти деҳот ва ғайраҳо.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар муайян намудани самтҳои асосии такмили механизми иқтисодиву ташкилии истифодаи заминҳои кишоварзӣ, ки метавонад дар мавриди танзиму дастгирии давлатии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ истифода шаванд.

Дар диссертатсия таклифҳои методӣ ва тавсияҳои амалӣ густариши таҳқиқоти минбаъдаи илмиро мусоидат менамоянд. Дар диссертатсия тавсияҳо оид ба ташаккули низоми аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидабахши дар

мавриди ташкили тағйироти сохтории заминҳои кишт пешниҳод карда шудаанд. Пешгӯйии ҳамкориҳои ба мақсад мувофиқи ҷузъҳои идоракунии давлатии фонди замин имконият медиҳанд, ки масъалаҳои амалии ташкили истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои замин дар комплекси агросаноатии вилоят ҳал карда шаванд.

Тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсия пешниҳод шудаанд, барои истифода аз ҷониби барномаи мақсадноки беҳдошти замини вилоят қабул карда шудаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот**. Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанию хориҷиро дар соҳаи идоракунии заминҳои кишоварзӣ ва такрористеҳсоли ҳосилнокии он эҷодкорона истифода бурдааст. Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои иқтисодии таҳлил васеъ истифода шудаанд ва хулосаҳову пешниҳодҳо дар асоси ҷамъоварӣ, сохторбандӣ ва коркарди захираҳои иттилоотии дақиқ бо истифодаи воситаҳои технологияи иттилоотии муосир ба анҷом расидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот интишор ёфтаанд, ки ин эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ менамояд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Соҳаи таҳқиқот ба қисматҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мутобиқат мекунад: 1.2. Муҷтамаи агросаноатӣ ва кишоварзӣ. Зербанди: 1.2.2. Асосҳои илмии ташкил ва амалкарди муассисаҳои МАС; 1.2.6. Захираҳои заминии ташкилоти (муассисаҳои) МАС ва истифодаи самараноки онҳо; 1.2.14. Банақшагирӣ ва пешгӯйии фаъолияти ташкилоти (муассисаҳои) МАС; 1.2.16. Консепсияи менеҷменти аграрӣ ва баланд бардоштани самараноки он дар МАС; 1.2.18. Сифат ва рақобатпазирии маҳсулоти ташкилоти (муассисаҳои) МАС; 1.2.23.

Асосҳои амнияти озуқаворechii кишвар ва роҳҳои ҳалли он. Ҳолат ва методҳои идоракунӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст, ба монанди таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он. Муаллиф мустақилона доир ба такмили механизми ташкиливу иқтисодии идоракунии заминҳои кишоварзӣ, ки ба таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат менамояд ва алгоритмҳои пайдарпайии таҳлили истифодаи замин, мониторинги он ва консепсияи истифодаи замини аз ҷиҳати экологӣ бехатарро пешниҳод намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Муқаррароти асосии диссертатсия дар чорабиниҳои илмиву амалӣ мавриди муҳокима қарор гирифта, баҳои мусбат гирифтаанд.

Натиҷаҳои назариявӣ, методологӣ ва методие, ки дар диссертатсия ҷой доранд, аз тарафи муаллиф дар шакли маъруза дар конференсияҳои илмӣ-амалии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, Институти иқтисодиёт ва таҳлили системавии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар семинарҳои назариявӣ ва ҷаласаҳои факултети иқтисодии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур мунтазам мавриди муҳокима қарор меёфтанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Муқаррароти асосии таҳқи-қоти диссертатсионӣ дар 6 мақола, аз он ҷумла 3 мақола дар нашрияҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда нашр шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқад-дима, се боб, хулоса ва номгӯйи адабиёти истифодашуда иборат буда, дар 197 саҳифаи матни компютерӣ дарҷ гардидааст ва дорои 9 расм, 12 диаграмма ва 28 ҷадвал мебошад.

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ ДАР АСОСИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАМИНҲОИ ТАЪИНОТИ КИШОВАРЗӢ

## 1.1. Муносибатҳои назариявии муосир доир ба моҳият ва арзёбии амнияти озуқаворӣ

Дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” таваҷҷӯҳи махсус ба масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ, ки ҷузъӣ марказии амнияти иқтисодии мамлакат мебошад, зоҳир карда шудааст. Масалан, “...барои таъмин намудани амнияти озуқаворӣ диверсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ, пиёдасозии навовариҳо бо назардошти ҳифзи муҳити зист ва сифати қитъаҳои замин, беҳсозии низоми идоракунии захираҳои замину об тавассути тақсимоту истифодаи одилона ва устувори онҳо дар зироаткорӣ” [4] пешбинӣ шудааст.

Амнияти озуқаворӣ як соҳаи нисбатан нави таҳлил барои иқтисоддонҳои ватанӣ мебошад, ки дар солҳои истиқлолияти кишвар мубрамияти худро пайдо намудааст. Нахустин асарҳои махсус дар мавзуи таъмини амнияти озуқаворӣии мамлакат дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX — баъди пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ ва ба муносибати ислоҳоти куллии иқтисодӣ дар Тоҷикистон пайдо шуданд. Дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта масъалаҳои назариявӣ ва амалии амнияти озуқаворӣии миллӣ дар иқтисодӣ давраи гузариш оғоз шуда, минбаъд такмил ёфт [80, с.76-83]. Таъмини рушди комплекси агросаноатӣ дар пояи ҷалби сармояҳои манбааш гуногун, ичунин таҳияву амаликунонии барномаҳои мақсадноки миллӣ дар иқтисодиёти аграрӣ дар заминаи консепсияи амнияти озуқаворӣ қарор мегирад.

Бояд зикр намуд, ки ба мубрамияти масъалаи амнияти озуқаворӣ Ҳамоиши (Саммит) озуқаворӣии Рум (1996) ва нашри натиҷаҳои он афзоиши нави таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба мавзуи амнияти озуқаворӣ таккони ҷиддӣ дод [160, с.3-6].

Пайваста бо рушди муносибат ва механизмҳои бозорӣ дар тамоми самтҳои гуногуни фаъолияти комплекси агросаноатии мамлакат тамоюли мутобиқгардии корхонаҳои он ба марҳалаҳои нави тараққиёти иқтисодӣ сифати устувору динамикӣ пайдо намуд. Аммо, ҳар як марҳилаи рушд пайваста бо афзудани шумораи аҳолии кишвар муаммоҳои навро, бахусус муаммои таъмини амнияти озуқавориро рӯйи кор меорад ва вазифаҳои таъмини он хеле мураккаб мегардад. Дар ин маврид асосноккунии роҳҳои ҳалли самараноки онҳо, пеш аз ҳама, аз ҷобаҷогузории таҳқиқоти назариявии дахлдор вобаста ба омӯзиши категории мафҳуми «амнияти озуқавории миллӣ» мубрамият пайдо менамояд.

Дар низоми амнияти озуқавории мамлакат ва минтақаҳои он зуҳуроти сифатан мураккаб ва бисёрҷанбаъ хос аст, ки муайян кардан ва ё арзёбӣ намудан душвор аст. Вазъи ҳифзи манфиатҳои ҳаётии ҳар як фарди ҷомеа, умуман ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои дохилию беруна, нерӯи муқовимати агентҳои гуногуни ҷомеа ба онҳо бидуни талаф додани хусусиятҳои сифатии худ ва ғайра нишондиҳандаҳои умумии амнияти озуқаворӣ мебошад. Вобаста ба тавзеи моҳияту ҳадафҳои амнияти озуқаворӣ дар адабиёти илмӣ ақидаву андешаҳои гуногун ба назар мерасанд. Ҳар яке аз андешаҳои муҳаққиқон дар худ қолабу сифати муайянро доро буда, ҳамчун меъёри муҳими амнияти озуқаворӣ баррасӣ мешаванд. Масалан, метавон чунин пешниҳоди олими рус Р.Р.Гумеровро қобили қабул донист:

- таъмин намудани дастрасии баробари истеъмолгарон ба ҳаҷму сифати заруру мувофиқи маҳсулоти озуқаворӣ;

- пойдории сифати устувор дар таъмини озуқаворӣ (мафҳуми устувор метавонад бо мазмуни гуногун тавсиф карда шавад);

- худтаъминкуни бо маҳсулоти озуқаворӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии низоми озуқавории мамлакат;

- таъмини нерӯмандии низоми амнияти озуқавории кишвар, ки муқовимати баландро ба таҳдидӣ беруна дорад, худмухтор кор кардани низоми амнияти озуқаворӣ ва ғайра [65, с.28-32].

Дар маводҳои мониторинги гуногуни ҷаҳонии амнияти озуқаворӣ метавон қариб 200 таърифи амнияти озуқаворӣ ва 450 нишондиҳандаи онро пайдо намуд [228, с.60].

Аввалан, ба санадҳои ҳуқуқӣ, ки дар он мавқеи расмии давлат доир ба тавсири моҳияти амнияти озуқаворӣ ва мавқеи он дар низоми амнияти миллӣ тасвир шудаанд, рӯ меорем. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният», ки 28 июни соли 2011 (№721) қабул шудааст: "...ҳолати ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳими кишвар (шахс, ҷомеа ва давлат) аз таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷиро ифода менамояд" [14]. Бояд қайд кард, ки маҳсулоти озуқаворӣ ба ҳадафи асосии истеҳсолот маҳсуб ёфта, ба радифи талаботи аввалиндараҷаи аъзои ҷомеа дохил мешавад. Бинобар ин, дар тамоми давраи рушди ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа, ҳам аз ҷиҳати сиёсӣ ва ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ, истеҳсолкунандагони маҳсулоти озуқаворӣ ва бозори дохилии молҳои озуқаворӣ ба объекти муҳим дар низоми ҳифзи давлат қарор мегиранд. Дар консепсияи амнияти миллии кишвар ду ҷанбаи ҳолати муосири рушди комплекси агросаноатии кишвар, ки манбаи пайдоиши таҳдидҳо ба манфиатҳои миллӣ мебошад, таъкид карда мешавад: сатҳи нисбатан пасти рушди индустриалии истеҳсолоти агросаноатии ватанӣ ва вобастагии назарраси бозори дохилӣ аз маводи озуқаворији воридотӣ. Дар "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" таъкид шудааст, ки: «...беҳтар намудани вазъи истеъмоли ғизо дар байни аҳолӣ ҳамчун мушкилӣ боқӣ мемонад, зимнан норасоии ғизо ҳанӯз дар байни 26%-и аҳолӣ ба назар мерасад. Бори гарони норасоии ғизо дар Тоҷикистон аз нуқтаи назари иқтисодӣ назаррас буда, аз рӯйи ҳисобҳо аз сабаби аз даст додани қобилияти корӣ ва маҳсулнокӣ ҳамасола 41,0 млн доллари ИМА-ро ташкил медиҳад» [5].

Дар "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" таҳдидҳои асосии зерин қайд карда шудаанд:

– сатҳи пасти рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ вобаста бо рушд наёфтани заминаи технологӣ, сатҳи пасти фаъолияти инноватсионӣ, технологияҳои сермасраф ва ифлоскунанда, сатҳи баланди хӯрдашавии фондҳои асосӣ;

– ҳиссаи хурди пасандозҳои дохилӣ ва сармоягузориҳо, ки ба модернизатсияи соҳаи кишоварзӣ, индустриализатсия ва рушди он монеа мешаванд;

– нокифоя будани самаранокии идоракунии давлатӣ, аз ҷумла дар раванди банақшагирии стратегӣ, ки ин имкониятҳои таҳия ва татбиқи сиёсатро дар самти рушди иҷтимоию иқтисодӣ маҳдуд месозад;

– афзоиши бахши ғайрирасмӣ ва шуғли ғайрирасмӣ, ки ба сармоягузориҳо монеа мешаванд;

– қафомонии инфрасохтори обтаъминкунӣ аз талаботи иқтисодиёти миллӣ ва афзоиши аҳолӣ;

– хатари баланди офатҳои табиӣ ва осебпазирӣ вобаста ба тағйирёбии иқлим, ки барои рушди устувор таҳдидҳоро ба вуҷуд меоранд;

– нокифоя будани фазои соҳибкорӣ: “...танзиму дахлпазирии аз меъёри оқилона зиёд, мавҷудияти хавфҳои коррупсионӣ, душвориҳои маъмурии андоз, заиф будани сатҳи ҳифзи ҳуқуқҳои моликият (муносибати молу мулкӣ) ва ҳуқуқҳои фаъолияти соҳибкорон ва ғайра” [5].

Илова бар ин, афзоиши тафриқаи моликияти аҳолӣ ва вуҷуд доштани тоифаи камбизоат дар ҷомеаи деҳот, сатҳи баланди воридот дар бозори дохилии озуқаворӣ барои бисёр навъҳои молҳои истеъмолӣ, таҳкими рушди нобаробари иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо рушди нобаробари соҳаҳои аграрии минтақаҳоро мусоидат намудааст. Маълум аст, ки таҳдидҳои номбаршуда ба амнияти иқтисодии кишвар ва амнияти озуқавории он хеле алоқамананд. Афзоиши тафовути моликият сабаби кам шудани талаботи самаранок ба озуқа мегардад ва мутаносибан кам кардани истеъмоли он аз ҷониби табақаҳои назарраси аҳолиро мусоидат

менамояд. Воридоти озуқаворӣ ва ашёи хом барои истеҳсоли он ба истеҳсолкунандагони кишоварзии ватанӣ зарар мерасонад. Мавҷудияти тафриқаи тараққиёти иҷтимоию иқтисодии вилояту минтақаҳо, ки на танҳо монеаҳоро дар самти пешрафту тараққиёти бозори ягонаи озуқавории мамлакат эҷод менамояд, балки сатҳи устувориву эътимоднокии таъминоти озуқавориро низ коҳиш медиҳанд.

Дар "Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи амнияти озуқаворӣ", ки 29-уми декабри соли 2010 (№671) қабул шудааст, чунин омадааст: "...амнияти озуқаворӣ ҳамчун вазъи иқтисодии давлат мебошад, ки аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ бехатарии озуқавории кишвар таъмин гардида, дастёбии воқеӣ, ки барои ҳаёти солиму фаъол ва рушди демографии ҳамаи аҳолӣ зарур аст, кафолат дода мешавад" [14]. Ҳамин тавр, муҳимтарин ҳуҷҷатҳои ҳуқуқиву стратегӣ оид ба масъалаҳои амнияти миллӣ, аз ҷумла дар соҳаи иқтисодӣ, ба андозаи зиёд ба муаммоҳои амнияти озуқаворӣ дахл доранд. Дар онҳо таваҷҷӯҳи асосӣ ба истеҳсоли маҳсулоти озуқавории ватанӣ равона шудааст, ки ин ба ҳадафи стратегии давлат ва талаботи аҳолии мамлакат мутобиқ аст ва бо роҳи ҳисобу китоби дақиқ тавозуни озуқаворӣ чен карда мешавад. Диққати асосӣ ба худтаъминкунии озуқа дода шудааст. Мувофиқи меъёрҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки истеъмол таъмин намудани тавозуни истеҳсоли озуқа бо талаботи аҳолӣ чизи асосӣ ҳисоб карда шуд. Ҳатто, К.Маркс навишта буд, ки "истеҳсоли маҳсулоти хӯрока шарти аввалини ҳаётии истеҳсолгарон бевосита ва умуман ҳар як истеҳсолот мебошад..." [112, с.551].

Аммо, ба талабот мувофиқ кардани истеҳсоли озуқаворӣ на ҳамеша маънои ба даст овардани амнияти озуқаворӣ мебошад. Бинобар он, дар айни замон таҳияи консепсияи амнияти озуқаворӣ муҳаққиқонро водор кардааст, ки ба «тарафи дигари мафҳуми таъминоти озуқаворӣ», ки дастрасии аҳолӣ (шахсон ва оилаҳо) ба захираҳои озуқавориро инъикос менамояд, таваҷҷӯҳ кунанд. Унсури муайянкунандаи консепсияи нав дар

бозорҳо мавҷуд набудани маводи озуқа (маҳаллӣ ё воридотӣ) набуда, балки фароҳам овардани шароити моддию иқтисодӣ барои ҳар як шахс барои қонеъ гардонидани талаботи озуқаворӣ мебошад. Ҳамин тариқ, масъалаи тақсими захираҳо дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ масъалаи асосӣ мегардад. Дар замони муосир нуқтаи назари аҳли ҷомеаи ҷаҳон оид ба амнияти озуқаворӣ тадриҷан тағйир ёфта истодааст. Яъне, масъалаи таъмини сатҳи эътимоднокӣ ва устувории амнияти озуқаворӣ барои амалӣ гардонидани яке аз ҳуқуқҳои бунёдии инсон - ҳуқуқ ба озуқаи босифат, серғизо барои тарзи ҳаёти солим, дар ҷавҳари консепсияи муосири амнияти озуқаворӣ қарор гирифтааст.

Бинобар он, зарур аст, ки ба мафҳуми «амнияти озуқаворӣ» вобаста ба муносибатҳои нав муқаррарот ворид карда шавад. Дар адабиёти иқтисодӣ истилоҳи аслии «food security» бо ду тарз тарҷума шудааст: ҳамчун амнияти озуқаворӣ ё таъминоти озуқаворӣ. Ба гуфтаи П.Т.Бурдуков, дар варианти дуюми тарҷума маънои мафҳумро, ки таъмини дастрасии кафолатноки ҷисмонӣ ва иқтисодии маҳсулоти озуқавориро барои аҳолӣ муайян мекунад, дурусттар инъикос мекунад. Натиҷаи тарҷумаи беихтисос дар бархе ҳуҷҷатҳо пайдо шудани истилоҳи ноамнияти озуқаворӣ буд, ки беҳтараш ҳамчун ноамнии озуқаворӣ тарҷума шудааст, ки он мафҳум маънои нарасидани озуқаро дорад [43]. Дар таърифҳои маъруфи амнияти озуқаворӣ, ки аз ҷониби муҳаққиқони мушаххаси ғарбӣ пешниҳод шудаанд, яке аз маъмултаринаш: "…кафолати дастрасии ҳамаи сокинон ва дар ҳар лаҳза ба миқдори зарурӣ ба ғизо мебошад, ки ҳаёти фаъолу солимро таъмин менамояд" [228, с.60].

Дар иқтисоди ҷаҳонӣ ноамнии музмин ва муваққатии ғизо фарқ мекунад. Ноамнияти муваққатии озуқаворӣ вақте рух медиҳад, ки мунтазам дар устувории дастрасӣ ба ғизо бо сабаби болоравии нархи ғизо, нокомии ҳосил ё паст шудани сатҳи даромад халалдор мешавад [233].

Олими рус Ю.С.Хромов инчунин мафҳуми “ноамниятии потенсиалии озуқаворӣ”-ро илова мекунад, ки дар он: “...давлат ба бӯҳрон ва таҳдидҳои беруна, аз қабили бӯҳронҳои иқтисодии байналмилалӣ, бад шудани бозорҳои кишоварзӣ, зиддиятҳои тиҷоратии байни рақибони асосии ҷаҳон рӯ ба рӯ мегардад” [205, с.71]. Дар ин ҳолатҳо, ноамнии ғизо метавонад аз потенсиалӣ ба муваққатӣ, ё ҳатто, ба музмин гузарад. Равшан аст, ки беамнии озуқаворecho кишвар, пеш аз ҳама, дар натиҷаи паст будани самаранокии комплекси миллии кишоварзии он ба вуҷуд меояд. Илова бар ин, ноамнии озуқавориро натанҳо нокифоягии маҳсулоти озуқаворӣ, балки содироти он низ ба вуҷуд меорад, инчунин бо афзоиши уҳдадориҳо оид ба пардохти қарзи беруна бо қурби ноустувори асъор сурат гирад.

Ба андешаи мо, ноамнии потенсиалии озуқаворӣ на танҳо барои давлат, балки барои ҳар як хонавода, барои як фард метавонад рӯй диҳад, ҳарчанд падидаҳои бухронӣ барои ҳар сатҳ гуногун мебошад. Масалан, як хонавода метавонад аз сабаби афзоиши шумораи аъзоёни оила осебпазир гардад. Барои шахси воқеӣ метавон гуфт, ки ӯ аз сабаби номуайянии даромади оянда осебпазир хоҳад буд.

Яке аз таърифҳои навтарин ва дақиқи мафҳуми “амнияти озуқаворӣ” дар ҳуҷҷатҳои Саммити Рум (1996) оид ба ғизо чунин таҳия шудааст: “...амнияти озуқаворӣ таъмин мегардад ё вуҷуд дорад, дар он зимн, ки ҳама одамон дар вақти дилхоҳ миқдоран ба ғизои кофӣ, бехатар ва серғизо дастрасии ҷисмонӣ ва иқтисодӣ дошта бошанд, то ин ки эҳтиёҷоти парҳезӣ ва завқи худро барои пешбурди зиндагии фаъол ва солим қонеъ созанд” [149, с.7-9], Эъломияи Рум оид ба амнияти озуқавории ҷаҳонӣ ба уҳдадории ҳар як давлати миллӣ: “...оид ба таъмини ҳуқуқи ҳар кас ба дастрасии ғизои бехатар ва серғизо мувофиқи ҳуқуқи ғизои мувофиқ ва ҳуқуқи асосии зиндагӣ ишора мекунад” [160, с.3-6].

Аз ҷониби Кумитаи умумиҷаҳонии муносибатҳои методӣ доир ба баҳодиҳии гуруснагӣ (сентябри 2011) тавсия шудааст. Шӯъбаи омори ФАО

номгӯи индикаторҳои амнияти озуқавориро дар сатҳи давлатҳои миллӣ таҳия кардааст. Натиҷаҳои ин низоми таҳлил нахустин бор дар гузориши ФАО доир ба «Вазъи амнияти озуқаворӣ дар ҷаҳон дар соли 2012», бо ҳисоботҳои шабеҳ баррасӣ шуда буд. Дар соли 2019 ба номгӯйи нишондиҳандаҳо 5 индикаторе, ки сатҳи мавҷудият ва дастрасии озуқавориро инъикос менамояд, 6 нишондиҳандаи устуворӣ/эътимоднокӣ, инчунин 11 нишондиҳандаҳо, ки сатҳу сифати истеъмолро инъикос менамоянд, дохил карда шуд [225]. Илова бар ин, ФАО ҷадвалеро таҳти унвони таҷрибаи амнияти озуқаворӣ (FIES таҳия менамояд, ки он чор фосила дорад: “...сатҳи муайяни ноамнии озуқаворӣ, ки бо сабаби норасоии манбаи молиявӣ ва ё маблағ барои хариди ғизо; номуайянии имкониятҳои пайдо намудани маҳсулоти озуқа; паст шудани сифат ва навъҳои маҳсулоти озуқаворнии воридотӣ ва ё харидашаванда; кам шудани сатҳи истеъмоли хӯрок ва ё як ё якчанд рӯз хӯрок нахурдан” [230]. Мутобиқи талаботи СҲИР (Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (OECD)) бояд се хусусияти муҳими (меъёр, ченакҳо) амнияти озуқаворӣ истифода шаванд: мавҷудият, дастраси доштан ва истифода бурдан [231, с.5]. Гурӯҳи таҳқиқотии Economist - Индекси Глобалии Амнияти озуқавориро (Global Food Security Index 2019) низ таҳия намудааст, ки он 26 индикаторҳоро дар бар гирифтааст. Ин ниҳод амнияти озуқавориро бо методи зерин чен мекунанд: “...меъёрҳои асосӣ: дастрасии ҷисмонӣ, дастрасии иқтисодӣ, сифат ва бехатарӣ (дастрасӣ, мавҷудият, сифат ва бехатарӣ). Инчунин, нишондиҳандаҳои иловагӣ – зершохиси (зериндекс) захираҳои табиӣ ва устуворӣ татбиқ мешавад, ки он иқлим ва хатарҳои табииро баҳо медиҳад” [227, с.38-46].

Олимони ватанӣ низ дар бораи мафҳуми «амнияти озуқаворӣ» ва роҳҳои асосии таъмини он ибрози андеша намуданд. Масалан, олимони тоҷик А.Б. Мирсаидов ва А. Валиев амнияти озуқаворӣ, муносибатҳои иҷтимоию иқтисодиро “...дар нигоҳ доштани такрористеҳсоли устувори

соҳаи агросаноатӣ ва сатҳи рушди он, ки қобилияти устувори қонеъгардонии талаботи аҳолиро ба маҳсулоти озуқворӣ доранд, тавсия додаанд” [123, с.262–269].

Профессор Пиризода Ҷ.С. олими соҳаи иқтисодиёт дар раванди таҳқиқи самтҳои рушди кишоварзии мамлакат амнияти озуқавориро: “…ҳолати дар мамлакат ва минтақаҳои он мушкилот дар дастрасии ҷисмонӣ ва иқтисодии аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаи кофии сифатноку бехатар барои ҳаётгузаронӣ мавҷуд будан” [146] шарҳ додааст.

Профессор Р.Р.Кудратов бошад, амнияти озуқавориро, ҳамчун “...ҳолати иқтисодии кишвар, ки аҳолиро метавонад бо истеҳсолу пешниҳоди ҳаҷми кофии маҳсулоти озуқаи бехатар (боназардошти даромади онҳо) ва корхонаҳои саноатии коркардро бо ашёи хом таъмин намояд ва мустақилияти нисбиро кафолат медиҳад, баррасӣ намудааст” [102, 121-126].

Ҳамин тариқ, дар адабиёти илмии ватаниву хориҷи мафҳуми «амнияти озуқаворӣ» хеле васеъ паҳн шудааст ва таърифҳои гуногун вуҷуд доранд. Пайваста бо ҷамъбасти онҳо, мо ба хулоса омадем, ки зимни тавсифу тавзеъҳоти моҳияти «амнияти озуқаворӣ» бояд ба аҳкомҳои зерин таваҷҷӯҳ дод:

➢ мафҳуми “амнияти озуқаворӣ” пеш аз ҳама дар худ муносибату раванди ба озуқа таъмин намудани аҳолиро инъикос менамояд;

➢ сатҳи дастрасии доимии аҳолӣ бо озуқавории зарурӣ вазъи амниятии ин равандро ифода менамояд;

Унсурҳои асосии зерини амнияти озуқавориро метавон ҷудо намуд:

➢ дастрасии аҳолӣ ва ҳаҷми маҳсулоти озуқавории зарур, ки дар мамлакат ва минтақаҳои он вуҷуд дорад;

➢ дастрасии иқтисодии аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ, яъне кифоягии имконияти иқтисодии гурӯҳҳои иҷтимоии барои харидории озуқаворӣ, ки барои зиндагии солим мусоидат менамояд (бодарназардошти хусусиятҳои миллӣ);

➢ дар сифате, ки ба шароити такрористеҳсолкунии васеи аҳолӣ мувофиқ бошад.

Мавҷудияти ҷисмонии ғизо таъминоти дар ҳаҷм ва ассортименти бефосилаи он ба ҷойи истеъмол мувофиқи пардохтпазирии талаботи аҳолиро, ки ба меъёрҳои илман асоснокшуда мутобиқ аст, ифода мекунад. Дастрасии иқтисодии ғизо бошад, аз рӯйи сатҳи рушди иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа муайян карда мешавад. Он бо андозаи маблағи даромад, ёрдампулӣ ва имтиёзҳо ба табақаҳои гуногуни аҳолӣ имконият медиҳанд, ки бо нархи ташаккулёфта маҳсулоти озуқаворӣ харида тавонанд.

Худтаъминкунии озуқавориро тавсиф медиҳад:

– қобилияти аҳолии деҳот, ки барои истеъмоли худӣ дар хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ маҳсулоти озуқаворӣ истеҳсол менамоянд;

– қобилияти аҳолии шаҳр, ки барои истеъмоли худӣ маҳсулоти озуқавориро дар боғчасаройҳо истеҳсол менамоянд.

Мавриди тавсифи моҳияти амнияти озуқаворӣ бояд муносибати низомӣ истифода шавад (расми 1.1.1). Ин муносибат ҷиҳати тасниф намудани сифатҳои асосии амнияти озуқавории миллӣ шароит фароҳам меорад.

Хусусиятҳои амнияти озуқавории миллӣ чунинанд:

– имконияти зермаҷмаи комплекси агросаноатии кишвар ва минтақаҳои он дар истеҳсоли ҳаҷми зарурии маҳсулоти озуқаворӣ, ворид кардан ва нигоҳдории он, ки қобилияти барои дар сатҳи зарурӣ қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ва табақаҳои иҷтимоии аҳолиро (дастраси доштан ба ғизо) дорад;

– қобилияту дастрасии иқтисодии табақаҳои иҷтимоии ҷомеа ба ҳаҷми зарурии махсулоти озуқа ва таркиби мувофики ин маҳсулот, ки ба меъёрҳои ғизоии сифат мутобиқат мекунанд;

– истеъмоли маҳсулоти озуқаи сифатнок дар сатҳи зарурӣ, ки ғизои солимро мутобиқ ба унсурҳои муҳимтарини ҳаётгузаронӣ (сифати ғизо) таъмин менамояд;




**Расми 1.1.1.-** Муносибатҳои асосӣ нисбат ба тавсифи мафҳуми амнияти озуқаворӣ (дар асосӣ**:** Бракк, Д.Г. (2023), “Продовольственная безопасность в условиях климатических трансформаций”, Экономическая безопасность, том 6, № 1, с. 367-384. [Brakk, D.G. (2023), “Food security amidst climate transformations”, Economic security, vol. 6, no. 1, pp. 367-384] таҳия шудааст).

Нишондиҳандаҳои арзёбии вазъи амнияти озуқаворӣ ба ҳайси инструменти ташкил ва идоракунии он баромад мекунад. Аз ин лиҳоз, дар ҳама ҳолати зарурати коркарди низоми меъёрҳо ва усулҳои арзёбии миқдориву сифатии амнияти озуқаворӣ дар сатҳи иқтисодиёти мамлакат ва минтақаҳои он, инчунин гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолӣ ба миён меояд. Вобаста ба хусусияти ҳар як сатҳ интихоби меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои мувофиқи арзёбии амнияти озуқаворӣ талаб карда мешавад.

Меъёрҳо бояд нишондиҳандаҳои сифатии мақсаднокро, ки мувофиқи вазъияти мавҷуда ва пешгӯйишаванда (ҳолати мушкилот) муқаррар карда шудаанд, нишондодҳо – ченаки миқдории наздикшавии нишондиҳандаҳои мақсаднокро ифода кунанд.

Азбаски арзёбии амнияти озуқаворӣ дар ҷанбаҳои миқдорӣ, сифатӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ суръат мегирад, бинобар он, арзёбии бояд сифати

маҷмаӣ дошта дар доираи ҳамин ҷанбаҳо сурат гирад. Ҳарчанд, таъмини миқдори кофии озуқа ҷанбаи аввалин мебошад, аммо, на танҳо бо микдори озуқа, балки бо маҳсулоти бехатари озуқаворӣ ва хушсифат таъмин намудани истеъмолгарон муҳим мебошад. Ҷанбаи сеюм: бояд таъкид намуд, ки дастрасии аҳоли ба маҳсулоти озуқаворӣ бо тамоюли болоравии даромади аҳолӣ гурӯҳҳои алоҳидаи он алоқаманд аст ва маҳз он талаботи самаранокро барои истеҳсоли маҳсулоти озуқа ташаккул медиҳад, ки ин тарафи муҳим дар низоми муносибатҳои амнияти озуқаворӣ ва идоракунии он мебошад. Ҳар яке аз ин се ҷанбаъ бояд меъёрҳои арзёбӣ дошта бошанд.

Дар сатҳи байналмилалӣ амнияти озуқаворӣ аз рӯйи ду меъёр баҳо дода мешавад: ҳаҷми захираҳои ҷаҳонии ғалла то ҷамъоварии оянда (захираи ғалла дар давоми 60 рӯз ё 17% истеъмоли солона бехатар ҳисобида мешавад); ҳаҷми истеҳсоли ғаллаи чаҳонӣ ба ҳар нафар аҳолӣ ба ҳисоби миёна (1000 килограмм ғалла ба ҳар нафар аҳолӣ бехатар ҳисоб карда мешавад).

Барои арзёбии амнияти озуқаворӣ якчанд гурӯҳи меъёрҳоро истифода мебаранд, ки дар расми 1.1.2. оварда шудааст.

Мунтазам гузаронидани мониторинги таъмини амнияти озуқаворӣ дар асоси меъёрҳо дар расми 1.1.2. нишондодашуда ба мақсад мувофиқ аст. Қабули ин меъёрҳо ва нишондиҳандаҳо ҳамчун асоси баҳодиҳии амнияти озуқаворӣ зарурати таҳияи низоми меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии амнияти озуқавориро ба миён меорад, ки аз рӯйи хусусиятҳои минтақавӣ ва соҳавӣ, тақсимоти ҳудудии меҳнат, захираҳо дар комплекси агросаноатӣ ва сатҳи гуногуни вазъи иҷтимоии иқтисодии минтақаҳо фарқ доранд.

Таъмини амнияти озуқаворecho минтақаҳо ба тақсимоти оқилонаи ҳудудии меҳнат ва дигар захираҳо дар соҳаи истеҳсолоти агросаноатӣ, ба ҳам пайвастани оқилонаи истеъмоли маҳсулоти маҳаллӣ ва воридотӣ, мавҷуд набудани монеа дар савдои хориҷи ва ғайра вобастагӣ дорад. Ҳар

як минтақа дорои хусусиятҳои хоси рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва таҳдид ба амнияти озуқавориро дорад.




**Расми 1.1.2.** Меъёрҳои амнияти озуқаворӣ [108, с.47-51].

Дар айни замон тафовути иҷтимоию иқтисодии байни минтақаҳои мамлакат на танҳо кам намешавад, балки баръакс дар як қатор мавқеъҳо меафзоид. Аз ин рӯ, зарур аст, ки методологияи муайян кардани сатҳи

амнияти озуқавории минтақа мувофиқи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои вижагӣ таҳия карда шавад.

Дар асоси методологияи муайян кардани сатҳи амнияти озуқавории кишвар, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои амнияти озуқавории минтақаро ҷудо мекунанд, масалан, дараҷаи дастрасии ҷисмонии озуқаворӣ. Нишон-диҳанда ин кифоя будани истеъмоли маводи ғизоиро ифода мекунад; қиммати ҳадди ниҳоии амнияти озуқаворӣ (ҳадди ақали қобили қабул); дараҷаи дастрасии озуқаворӣ ва ғайра.

Меъёр ва нишондиҳандаҳо дар соҳаи истеҳсолот бошад, чунин нишон-диҳандаҳоро дар бар мегиранд:

1. Дараҷаи мустақилияти озуқаворӣ. Ин меъёр барои баҳодиҳии уму-мии амнияти озуқавории мамлакат ва минтақа ҳисоб карда мешавад. Нишондиҳандаи мустақилияти озуқавориро метавон аз рӯйи индекс ҳисоб кард:

$$J_{пз} = \frac{\Sigma q_2 p}{\Sigma q_1 p}, \quad (1)$$

дар ин ҷо q1 ва q2 мутаносибан ҳаҷми воқеи истеъмол ва воридоти озуқа мебошад.

$$J=\sum g3P/\ g1P \ (2)$$

Ин ҷо: g3 – ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ.

Қимати индекс зиёда аз 1 метавонад танҳо барои шумораи маҳдуд хос бошад, яъне танҳо барои минтақаҳои аграрии дараҷаи баланд тараққикарда ва нисбатан хурд бошад, барои шумораи аҳолии шаҳракҳо мебошад. Дар ай-ни замон, вобастагии озуқаворӣ дар фосилаи 0 то 1 муайян карда мешавад. Мувофиқи он истиқлолияти пурраи озуқаворӣ дар мавриди Jпз = 0 ва J = 1 хоҳад шуд (ҷад.1.1.1.)

**Ҷадвали 1.1.1.-** Сатҳи вобастагӣ ба озуқаворӣ

| Сатҳ | Нишондиҳандаи мустақилияти озуқаворӣ, Jпз | Воридот, J |
|---|---|---|
| Баландтарин | Аз 0,8 баланд | То 0,2 |
| Баланд | 0,6-0,8 | 0,2-0,4 |
| Миёна | 0,4 - 0,6 | 0,4 - 0,6 |
| Заиф | 0,2 - 0,4 | 0,6 - 0,8 |
| Хеле ночиз | 0,2 | Аз 0,8 баланд |

**Манбаъ**: [108, с.47-51].

2. Дараҷаи истеҳсоли навъҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ. Нишондиҳандаҳо:

а) бо захираҳои замин таъмин кардан (муайян намудани ҳадди ниҳоии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ);

б) сатҳи худтаъминкунӣ.

Ба мақсад мувофиқ аст, ки ба дараҷаи худтаъминкунии ноҳияҳои аграрӣ муайян карда шавад. Барои баҳодиҳии худтаъминкунӣ истеҳсоли молҳои алоҳидаи озуқавориро ба ҳар сари аҳолӣ бо истеъмоли ҳар сари аҳолӣ муқоиса кардан лозим аст;

в) муайян намудан бо истифода аз нишондиҳандаҳои «истеъмоли миёнаи солона ба ҳар нафар ба маҳсулоти мушаххас» ва «миёнаи солонаи аҳолӣ», ки иқтидори бозори дохилии маҳсулоти алоҳидаро нишон медиҳад. Нишондиҳандаҳои зикршуда дар асоси таҳияи мувозинаи талабот ва пешниҳод аз рӯйи маҳсулоти алоҳида ва барои муайян намудани сатҳи кифоягии захираҳои маҳсулоти алоҳида зарур аст;

г) кифоягии захираҳои маҳсулоти алоҳида. Мувофиқи методологияи амнияти озуқаворӣ ҳачми захираи ғалла бояд дар миқдори камаш 2-моҳаи истеъмоли озуқаворӣ ва 8—10 фоизи истеъмоли хӯроки чорво нигоҳ дошта шавад.

### 1.2. Ҷанбаҳои методологии арзёбии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар низоми таъмини амнияти озуқаворӣ

Дар рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ва таъмини амнияти озуқаворӣ он истифодаи оқилонаву самараноки заминҳои кишоварзӣ ҳамеша нақши асосиро мебозанд. Аз ин лиҳоз, зимни таъмини амнияти иқтисодиву озуқаворӣ хусусият ва миқёси тағйирдиҳии муносибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар робита ба заминҳои кишоварзӣ яке аз омилҳои калидӣ ба ҳисоб мераванд. Замин ҳамчун объекти бо фаъолияти иқтисодӣ алоқаманд бо хосиятҳои худ аз дигар захираҳои истеҳсолӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Заминҳои кишоварзӣ ҳарчанд дар назар ҳамчун офаридаи табиат аст, аммо

сифати он такрористеҳсолшаванда ва тахассусшуда мебошанд, ки ин хосият аз маҳсули меҳнати инсон бармеояд. Замин ҷузъи асосии ҳар як амволи ғайриманқул мебошад. Ҳамин тариқ, тибқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон: “...амволи ғайриманқул қитъаҳои замин, сарватҳои зеризаминӣ, объектҳои обӣ ва ҳама чизҳое, ки бо замин сахт алоқаманданд, яъне объектҳоеро дар бар мегиранд, ки онҳо интиқол дода намешаванд, аз ҷумла биноҳо ва иншоотҳо мебошанд” [2].

Замин ҳамчун объекти танзим нақши сетарафаро иҷро мекунад: “...қитъаҳои замин аз ҷиҳати иқтисодӣ ҳамчун объекти фаъолияти хоҷагӣ ва дигар баромад намуда, асосӣ моддии ҳама гуна истеҳсолот ва ҳамчун манбаъи қонеъгардонии талаботҳои инсон ва амнияти озуқаворecho он саҳмгузорӣ менамояд; ба маънои экологӣ объекти табии ҷузъи таркибии муҳити табиӣ буда, бо дигар объектҳои табиат ҳамкорӣ дошта, ба маънои васеъ тамоми захираҳои табииро фаро мегирад ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ объекти моликият аст” [3]. Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: “...тамоми заминҳо дар шакли моликияти истисноӣ давлатӣ мебошанд ва фонди замини мамлакат вобаста ба таъиноти асосӣ ба категорияҳо тақсим карда мешавад” [1].

Истифодаи самараноки замин дар раванди такрористеҳсол ба таври органикӣ вуҷуд дорад. Масалан, дар марҳалаи истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ба сохтори хароҷот дохил шуда, ба воситаи арзишу нархҳои маҳсулот ҳаҷми хароҷоти зарурии ҷамъятӣ ва инфиродиро муайян менамояд. Тавассути гирифтани рента бо тариқи андоз омили замин дар соҳаи муносибати тақсимот шомил мегардад. Ҳолати маконию ҷуғрофӣ ва хусусиятҳои коммуникатсионӣ қитъаҳои замин ба самт, шиддат ва суръати ҳаракати маҳсулоти истеҳсолшуда таъсири мустақим дорад. Аз ин лиҳоз, иштироки замин дар соҳаи муомилот ва истеъмол низ ногузир аст. Аммо, захираи заминро ба ҳайси объекти амволи ғайриманқул чун дигар амволҳо аз ҷиҳати ҷисмонӣ гирифтан ва дар макон интиқол додан имконнопазир

аст. Ин хусусияти вижагии заминӣ водор месозад, ки вай доимо дар маркази таваҷҷӯҳ ва назорати ҷомеа ва давлат қарор гирифта, бо маҷмӯи талабот ва маҳдудиятҳои меъёрӣ муайян карда шавад.

Дар кишварҳои саноатӣ замин муҳимтарин ҷузъи амволи ғайриманқул буда, дар арзиши умумии амволи ғайриманқул тақрибан 30%-ро ташкил медиҳад. Дар амрико зери мафҳуми амволи ғайриманқул чунин фаҳмида мешавад: "...амволи ғайриманқул ба замин ва ҳама чизе, ки ба он алоқаманд аст, ишора мекунад, амволи ғайриманқул синоними мафҳуми моликият аст, амволи ғайриманқул ҳам дороиҳои ғайриманқул ва ҳам маҷмӯи ҳуқуқи моликият ба онҳоро дар бар мегирад" [232, с.132].

Дар сарчашмаҳои илмӣ истилоҳҳои «қитъаи замин» ва «замин» истифода мешаванд. Мутобиқи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмуни мафҳуми замин ҳамчун: "...асоси ҳаёт ва фаъолияти инсон, ки мутобиқи он танзими муносибатҳои истифода ва ҳифзи замин дар асоси ғояҳо дар бораи замин ҳамчун объекти табиӣ, ҷузъи ҷудонопазири табиат ҳифз карда мешавад" [3]. Боигарии табиие, ки ҳамчун олоти меҳнат (воситаи истеҳсолот) дар кишоварзӣ дар гардиши хоҷагидориву истеҳсолӣ ворид гашта ҳамчун молу мулки ғайриманқул дар муносибатҳову низоми объекти ҳуқуқи моликият шомил ҳам мешавад. Дар ҳуқуқи экологӣ ва замин мафҳуми заминро ҳамчун: "...ҷузъи муҳити зист, ҷузъи табиат, ки сатҳи қишри заминро то умқи қабати хок фаро мегирад, мефаҳманд" [3]. Тибқи қонуни амалкунанда дар бораи "Заминсозӣ": "...қитъаи замин қисми сатҳи замин, аз ҷумла қабати хок мебошад, ки сарҳади он бо тартиби муқарраргардида тавсиф ва тасдиқ карда мешавад" [7]. Дар моддаи 1-и Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми қитъаи замин чунин муайян карда шудааст: "...қитъаи замин – қисми замин бо ҳуқуқҳои муайян нисбат ба он, ки гурӯҳи муайян ва намуди иҷозатдодашудаи истифода-барӣ, сарҳади муайяншуда, майдон ва ҷойгиршавӣ дорад" [3] муайян карда шудааст.

Дар назарияи арзёбӣ барои ифода кардани замин ҳамчун дороии ҷисмонӣ истилоҳи "қитъаи замин" истифода мешавад, ки маънои як пораи сатҳи замин бо тамоми амволи ғайриманқул дар қабати боло ва зери он воқеъгардидаро дорад. Ин муқаррарот дар Стандартҳои байналмилалии арзёбӣ сабт шудааст, ки тибқи он ба амволи ғайриманқул қитъаи замин ва ҳама ашёе, ки қисми табиии он мебошанд, дар бар мегирад.

Дар адабиёт ва мақолаҳои илмӣ баъзе аз муаллифон: "...қитъаи заминро ҷузъи сатҳи болии замин муайян мекунанд, ки сарҳад ва масоҳати муайян дорад, вазъи ҳуқуқӣ ва дигар хусусиятҳое мебошад, ки дар ҳуҷҷатҳои кадастрии замин ва ҳуҷҷатҳои бақайдгирии давлатии ҳуқуқ ба замин инъикос ёфтаанд" [24, с.6]. Муҳақиқони дигар таъкид менамоянд: "...ягона унсури заминро қабати хоки он ташкил менамоянд" [171, с.315]. Воқеан ҳам, аз ин қабат сатҳу сифат ва ҳосинокии заминҳои кишоварзӣ вобастагӣ дорад ва он мавриди беҳдошткунӣ ва такрористеҳсоли замин қарор мегирад.

Замин дар низоми такрористеҳсолӣ вобаста ба хусусиятҳои табиӣ, мавқеи географии худ ва маҷмӯи муносибатҳои таърихан ташаккулёфтаи ҷойгиршавию рушди қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъият вазифаҳои гуногунро ба иҷро мерасонад. Ин муносибат дар заминаи ба гурӯҳҳои махсус - категорияҳо ҷудо намудани он қарор мегирад. Маҷмӯи муносибатҳои қайдшуда ташаккулу рушди идоракунии заминҳоро дар доираи фазоҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, таърихӣ, табиию иқлимӣ, экологӣ мусоидат менамояд. Бо дарназардошти ин хусусият, низоми идоракунии муносибатҳои истифодаи заминро барои ноил шудан ба дараҷаи зарурии таъминоти озуқаворӣ ва таъмини корхонаҳои саноатӣ бо ашёи хом вазифаҳои асосии зеринро таъмин менамояд:

– истифодаи самараноки заминҳои таъиноти кишоварзӣ тавассути ҳамоҳангсозии оқилона ва муассири ҳадафҳои стратегию тактикӣ: мукаммалггардонии механизмҳои рушди муносибатҳои истеҳсолӣ;

таъмини суръати сармоягардии замин, яъне фаъол намудани он дар гардиши иқтисодӣ барои гирифтани даромади баланд ва ғайра;

– мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии қитъаҳои замин ҳамчун дороии муҳими кишоварзӣ ва бақайдгирии ҳуқуқи истифодабарии он;

– таъмини шаффофияту эътимоднокии назорати истифодаи оқилонаву самранок заминҳои таъиноти кишоварзӣ.

Масъалаи асосӣ дар низоми муносибатҳои замин, масъалаи институти моликият ба замин мебошад. Муҳимтарин таркиби дигаргунсозиҳои иқтисодии солҳои соҳибистиқлолии мамлакат, дигаркуниҳои институтсионалӣ дар муайян намудани ҳуқуқи моликият ба истифодаи замин ва тамоми низоми муносибатҳои замин аст. Дар Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 1) чунин қайд шудааст: “...ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин – тибқи Кодекси мазкур ва қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи бадастовардашаванда (бадастовардашуда) истифодабарии бемӯҳлат, мӯҳлатнок ё якумраи меросӣ ё дар асоси шартномаи иҷораи қитъаи замини тибқи Кодекси мазкур додашуда ё ҳуқуқи истифодабарии бемӯҳлат, мӯҳлатнок ё якумраи меросии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудан, ки бо тартиби муқарраргардида аз қайди давлатӣ гузаштааст” [3].

Дар амалишавии сиёсати аграрӣ, заминҳои кишоварзӣ ҳамчун объекти дастгирии давлат баромад менамояд, яъне дастгирии давлатӣ нисбат ба шаклҳои гуногуни субъектҳои хоҷагидорӣ  - заминистифодабарандагон ва рушди шаклҳои истеҳсолоти кишоварзӣ  дар сатҳи баробарҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст.

Тақсими одилонаи заминҳои кишоварзӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофи баробарҳуқуқии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ (ташаккули иқтисодиёти серсоҳа), истифодаи оқилона ва ҳифзи замин, ки таъмини амнияти озуқавориро кафолат медиҳад, вазифаҳои асосии низоми дастгири давлатӣ мебошад.

Ташаккули низоми иқтисоди бозории танзимшаванда боис ба дигаргуниҳои ҷиддӣ дар бахши истифодабарии заминҳои кишоварзӣ низ шуд. Хусусияташон аз он иборат аст, ки захираи асосӣ ва муҳими такрористеҳсолшавандаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва кафолати таъмини амнияти озуқаворӣ замин мебошад. Тақсиму вобасаткунии замин дар байни заминистифодабарандагон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ хусусияти муносибатҳои аграрӣ ва зиддиятҳои сифатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ доштаро муайян мекунад.

Дар натиҷаи такмилу рушди муносибатҳои кишоварзӣ, роҳандозӣ намудани низоми самарабахши заминистифодабарӣ, таҷдиду густариши заминаҳои техникиву технологии меҳнату истеҳсолоти кишоварзӣ, инчунин, баланд бардоштани сатҳи муссалаҳгардии меҳнат дар пояи дастрасии технологияи муосир ва самараҳои интегратсионӣ дар комплекси агросаноатӣ, норасогиҳо вобаста ба баланд бардоштани самаранокии истифодабарии замин ҳалли худро ёфта, зиддиятҳо тадриҷан бартараф карда мешаванд.

Аммо, ба андешаи мо, ҷараёни ислоҳоти минбаъдаи соҳаи иқтисодиёти кишоварзии мамлакат, ҳамзамон, мукаммалгардиву рушди механизмҳои татбиқи муносибатҳои аграрӣ бояд дар доираи риояи қатъии анъанаҳои таърихан дар кишвар ва минтақаҳои он ташаккулёфтаи низоми заминистифодабарӣ ва меъёру муносибатҳои ҳифзи муҳиту экологӣ аз тарафи субъектҳои хоҷагидорӣ, ки шароиту иқтидори институтсионалии инкишофи истеҳсолоти кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқавориро муайян менамоянд, сурат гирад.

Дар раванди таҳқиқот вобаста ба ҳолат ва ҷараёни истифодаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он мушоҳида гардид, ки ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ, махсусан идоракунии захираҳои замин ва фишангҳои амалигардонидани он ба маҷмӯи омилҳои муҳити иҷтимоӣ, дараҷаи дарки кишоварзон ва табақаҳои гуногуни аҳолӣ ғояҳои

он мувофиқат намекунад. Ба таври зарурӣ огоҳӣ надоштани заминистифодабарандагон, ки дар муносибатҳои идоракунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ, ки яке аз элементҳои такмили механизмҳои истифодабарии самараноки қитъаҳои замин, таҳияи низоми нави истифодабарии замин ва ба инобат гирифтани андешаҳои аҳолии деҳот оид ба равандҳои ислоҳоти замин, бахусус номувофиқӣ ва номутобиқатии амали шахсони масъули татбиқи он, метавонад боис ба таназзули нишондиҳндаҳои самаранокии иқтисодиву иҷтимоии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ – истифодабарандагони заминҳои кишоварзӣ гардад.

Бинобар ин, дар мавриди таҳқиқоти муаммоҳои истифодаи самараноки замин барои баланд бардоштани сатҳи таъмини амнияти озуқаворӣ муаммоҳои иҷтимоию иқтисодии истифодаи замин дар деҳоти мамлакат, ки дар он ҷо зиёда аз 73,0% аҳолии ҷумҳури кору фаъолият мекунад, на танҳо аҳамияти иқтисодӣ, балки иҷтимоӣ ва сиёсӣ дорад. Мавҷуд набудани андешаи ягонаи назариявии муаммоҳои истифодаи самараноку оқилонаи заминҳои таъиноти истеҳсолоти кишоварзӣ ҳалли муаммоҳои таъмини амнияти озуқаворӣ дар асоси истеҳсоли маҳсулоти озуқавории худӣ, бахусус дар сатҳи минтақаҳои деҳот, ки муносибатҳои мураккаби таърихии аграрӣ ва истифодабарии замин доранд, хеле мубрам мебошад. Дар ин маврид, махсусан таҳқиқи муаммоҳои иҷтимоию иқтисодии истифодаи замин ва коркарди роҳҳои ҳалли он муҳим мебошад.

Бояд таъкид намуд, ки ифодаи иқтисодии замин, захираҳои замин ҳамчун боигарии табиӣ тавассути низоми муносибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, густариши алоқаву ҳамкории байни аъзоёни ҷомеа, табақаҳои аҳолӣ, мақомоти давлатии сатҳҳои гуногун пайдо мекунад. Маҷмӯи ин муносибатҳоро тарҳи муносибатҳои истифодаи заминро муайян менамояд, ки тавассути муносибатҳои макро- ва микроиқтисодии истифодаи қитъаҳои замин ифода меёбад.

Дар ин ҷода, тариқи хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодии замин таъсиррасонии механизмҳои институтсионалии муносибатҳои заминистифодабарии кишоварзӣ сурат мегирад. Ба яке аз хусусиятҳои муҳимтарини қитъаи замин масоҳат ва макони ҷойгиршавии он маҳсуб мешавад. Сифатҳои мазкур дар масофаи дурии қитъаҳои замин аз шабакаҳои алоқа, марказҳои маъмурӣ, мавҷудияти роҳҳо ва сифати онҳо ифода меёбанд. Ин хусусиятҳо, яъне тафриқаи ҷойгиршави қитъаҳои замин арзиши онҳоро гуногун мекунад.

Яъне, ба ташаккули арзиши қитъаи замин хосиятҳои табиӣ ва технологии он (шакли контур, релеф, ҷуғрофӣ, хоки минтақа) мустақиман таъсир мерасонад. Маҳз вобаста ба ин хусусиятҳо, раванди азхудкунии заминҳои аз гаридиши кишоварзӣ берунрафта ва истифодабарии қитъаҳои замин дигаргун мешавад. Ин хусусият сабабҳои гуногунияти сатҳи амнияти озуқавориро дар минтақаҳои мамлакат муайян менамояд. Дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ замин унсури асосии қувваи истеҳсолкунандаи онро (воситаи асосии истеҳсолот) маҳсуб мешавад ва маҳз сатҳу сифати замин тарҳи қабули қарорҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузориро (сатҳи ҷолибияти сармоягузориро) муайян менамояд. Дар ин робита, сатҳи ҳосилнокӣ ва макони ҷойгиршавии қитъаи замин хусусияти иқтисодии заминҳоро муайян менамояд, ки ташкили инфрасохтори заминҳои таъиноти кишоварзиро тақозо менамояд.

Истифодабарии қитъаи замин ҳамчун категорияи иқтисодӣ бо хусусияти истеҳсолоти шакли мушаххаси иҷтимоии хоҷагидорӣ муайян карда мешавад. Ҳамзамон, ҳамчун захираи асосии иқтисодӣ дар тамоми субъектҳои хоҷагидорӣ (махсусан хоҷагиҳои деҳқонӣ), бинобар тавсифи он ҳамчун иштирокчии истеҳсоли маҳсулот афзалияти иқтисодии гурӯҳи заминро ба маънои васеъ ифода мекунад. Гуногунии шаклҳои истифодабарии замин дар манотиқи ҷумҳурӣ ва корхонаҳои алоҳидаи иқтисодиёт, тарзи истеҳсолот вобастагӣ надорад ва омили муайянкунанда мебошад.

Маҳз тарзи истеҳсолот шаклҳои дахлдори истифодаи замин, ҳуқуқи моликиятро ба истифодаи замин ба вуҷуд меорад.

Тавсифи моҳияти иқтисодии истифодаи заминҳои кишоварзиро хусусиятҳои асосии зерин муайян менамояд:

– истифодаи замин ҳамчун сарчашмаи истеҳсоли маҳсулот ва омили асосии таъмини амнияти озуқаворӣ, зеро, ҷараёни истеҳсолот бо замин алоқамандии зич дорад;

– ҷанбаи иқтисодиву иҷтимоии муносибат ба замин, ки дар он замин ҳамчун олоту предмети истеҳсолот ва аз ин лиҳоз ҳуқуқи моликият ба истифодаи онро рӯйи майдон меорад ва ҳамин тариқ ҳокимияти иқтисодии заминистифодабарии кишоварзиро рӯйи кор меорад.

Аз ин лиҳоз, фаъолияти замин ҳамчун воситаи истеҳсолот дар рафти такрористеҳсолкунии васеъ моҳияти иқтисодии истифодаи замини кишоварзиро муайян мекунад. Низоми мавҷудаи ҷамъиятии кишоварзӣ ба навъҳо ё шаклҳои хоҷагие, ки дар шаклу тарзи ташкили муносибати иҷтимоӣ фарқҳои муайян доранд, асос меёбад. Дар натиҷаи ислоҳоти замину ислоҳоти аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои гуногуни истифодаи замин ба вуҷуд омаданд: "...хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), иттиҳодияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ва ғайра" [8]. Гарчанде аҳолии деҳоти ҷумҳурӣ дорои ҳуқуқи истифодаи сарватҳои заминӣ шуданд ва механизми бозории истифодаи замин ва инфрасохтори он таҳия карда шуд, вале тамоюлҳои мусбати дилхоҳ дар самти истифодабарии заминҳои таъиноти кишоварзӣ, истиқлолияти таъмини озуқаворӣ дар манотиқ, паст шудани сатҳи ҳосилхезии аксари заминҳои кишоварзӣ ҳоло ҳам ба назар мерасид. Масалан, танҳо дар соли 2021 беш аз 19,8 ҳазор гектар заминҳои партов, яъне заминҳо аз гардиши кишоварзӣ берун мондааст. Бо вуҷуди ин, масоҳати муайяни заминҳои кишоварзӣ ба заминистифодабарандагони ғайриқобили меҳнат вобаста

шудаанд, ки дар ташкили истифодаи самараноку оқилонаи заминҳои кишоварзӣ манфӣ арзёбӣ мегарданд.

Бояд таъкид намуд, ки аз  сатҳи кори механизмҳои иҷтимоиву институтсионалии муносибатҳои истифодабарии замин, ки сифати ҳаёти иҷтимоии ҷамъиятро низ ифода менамояд, сатҳи истифодаи самараноку оқилонаи замин ва таъмини амнияти озуқаворӣ муайян мегардад. Моҳияти иҷтимоии истифодаи замин, қабл аз ҳама, намудҳои ҳуқуқии моликияти бар замин (ё ҳуқуқи истифодабарӣ), ки дар асоси муносибатҳои истеҳсолию хоҷагидорӣ асос шудаанд, ифода меёбанд. Пайваста бо рушди муносибатҳои бозорӣ дар бахши кишоварзии иқтисод ва низоми заминистифодабарии кишоварзӣ ба ташаккул ва рушди шаклу навъҳои гуногуни хоҷагидорӣ ва ҳуқуқи моликият бар қитъаҳои замин, умуман сифати бисёрзинагии иқтисодиёти аграрӣ ва густариши муносибатҳои ҳамзистии баробарҳуқуқи онҳо мегардад.

Чи тавре дар боло зикр намудем, тибқи моддаи 13-и Сарқонуни (Конститутсияи) Ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳои замин чунин муайян карда шудааст: “...Замин, сарватҳои зеризаминии он, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар сарватҳои табиӣ моликияти истисноии давлат буда, давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад” [1]. Дар аксари мамлакатҳои дунё замин моликияти давлатӣ мебошад ва зимни истифодабарии захираҳои замин тартиби махсус аз ҷониби давлат муайян карда шуда аст, ки он мушкилиҳои инкишофи механизмҳои бозории истифодабарии заминро ба миён меорад ва дар ин ҳолат метавонем ба нуқтаҳои назариявии зерин таваҷҷӯҳ кунем: “...сараввал, чи тавре, ки дар бозори меҳнат ва хизматрасониҳои меҳнатӣ сармоя ва хизматрасониҳои сармоя фарқ карда мешавад, метавон мафҳуми ‘хизмати замин’ ва худи ‘замин’-ро низ пешниҳод кард, ки зимнан дар низоми муносибатҳои молӣ ва пулӣ ё бозорӣ, дар шароите, ки замин ҳамчун моликияти давлат муқаррар карда шуда аст, предмети мубодила на

худи ‘замин’, балки ‘хизмати замин’ буда” [127, с.196-206], ҳосилнокии заминҳо ё заминҳои кишоварзӣ ҷанбаи миқдорӣ ва сифатии он хизматрасонӣ ба ҳисоб меравад. Муомилоти бозории “хизмат ё хизматрасонии замин” як шакли «шартномавӣ»-и ин хизматрасонӣ бо шарт ва вақти муайяни истифодабарии қитъаи замин мебошад. Тавре, ки олими англис П.Самуэльсон қайд менамояд: “...дар ин маврид на ба “сифатҳои шахсии” заминдор, балки ҳосилнокии як гектар замини иҷора пардохт карда мешавад” [165, с.155]. Ҳосилнокӣ ва сифат хусусиятҳои ҷудонашаванда буда, омили муҳими захираи замин ба ҳисоб меравaнд.

Бинобар ташкили истифодабарии оқилонаву самараноки заминҳои кишоварзӣ ва ҳамин тавр таъмини аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ ва корхонаҳои саноати хӯрокворӣ бо ашёҳои ва ё маҳсулоти кишоварзӣ бояд таваҷҷӯҳи ҷиддӣ ба такмили механизмҳои иҷтимоии баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин дода шавад. Дар ин ҷода, таҳия ва такмили сохтори институтсионалии низоми истифодабарии заминҳои кишоварзӣ, пеш аз ҳама институтҳои ҳуқуқи моликият ба истифодабарии қитъаи замин муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Аксар ҳолат адабиётҳои иқтисодӣ зери мафҳуми институти моликият маҷмӯи субъектҳои хоҷагидори гуногун (хоҷагиҳои деҳқонӣ, қитъаҳои заминҳои наздиҳавлигӣ, хоҷагиҳои ёрирасони шахсии шаҳрвандон, корхонаҳои давлатии кишоварзӣ ва ғайра), ки дар доираи муносибатҳои институтсионалӣ - санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ аз ҳамдигар вобастаанд, шарҳ дода мешаванд. Ба андешаи мо, зери мафҳуми институти моликият бояд маҷмӯи механизмҳо ва шакли ташкилии истифодабарии қитъаи замин дар назар дошт, ки дар заминаи меъёрҳои расмиву қоидаҳои ғайрирасмӣ рушд ёфта, ба субъектҳои хоҷагидории аграрӣ ваколати мустақилу озоди истифода карданро муаян намуда, соҳибият ва ихтиёрдории захираҳои заминҳо шароит фароҳам меорад (расми 1.2.1.).

| | |
|---|---|
| Институтҳои расмӣ | Асосҳои қонунгузории заминдорӣ ва истифодаи замин; Кодекси замини Ҷумхурии Тоҷикистон; Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои муносибатҳои замин; фармону қарорҳои Кумитаи давлатии идораи ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзӣ, фармонҳо ва қарорҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ. |
| Институтҳои ғайрирасмӣ | Институтҳои менталӣ, анъанаҳо ва расму оинҳо; анъанаҳои муносибатхои мубодилот, хариду фурӯш; анъанахои меросдиҳии замин; анъанахои иҷора; маданияти таърихан инкишофёфтаи кишоварзӣ ва истифодаи замин ва ғайра. |
| Институтҳои ташкилӣ | Ташкилотҳои бақайдгирии ҳуқуқи истифодаи замин; Ташкилотхои лоиҳакашие, ки сарҳади истифодаи замин ва арзёбии кадастрии заминро ташкил медиҳанд; мақомоти идоракунии давлатӣ ва танзими муносибатҳои замин; шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ ва тартиботи дохилии онҳо ва режимҳои истифодаи замин. |

**Расми 1.2.1.** Сохтори институсионналии муносибат ба заминҳои кишоварзӣ ва ниҳодҳои муайянкунандаи ҳуқуқи истифодабарии он.

Маҳз муқаррар намудани институти ҳуқуқи моликият ҷиҳати истифодабарии қитъаи замин шароити мусоидро барои рӯйи кор омадани иқтидори иқтисодии замин, ки афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро таъмин менамояд, сабаб мегардад.

Бинобар ин, бояд имкониятҳои зиёд кардани даромаду фоида аз истифодаи замин, таъмини заиминстифодабарии устувор ва ноил шудан ба меъёрҳои мушаххас, дар сатҳи хоҷагиҳои мушаххас, бояд дар асоси меъёри арзёбӣ қарор гирад.

Чи тавре, ки ишора намудем, дараҷаи истифодаи замин ва бинобар он бардошти самараи иқтисодии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ, гарави таъмини аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ мебошад.

Талабот ба тарзи услубӣ истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва ноил шудан ба самарабахшии иқтидори иқтисодии он давра ба давра вобаста ба тағйирёбии талаботи ҷомеа, ки мунтазам рушд меёбад тағйир меёбад. Дар шароити маҳдуди захираҳои замин ва ба миён омадани зарурати паст намудани сатҳи таъсири антропогенӣ ба таъмини рушди минбаъдаи иқтисодиёти кишоварзӣ дарёфти механизмҳои нави истифодаи замин, ки тағйироти сифатиро дар мазмуну  шароити низоми истифодабарии рӯйи кор меорад. Айни замон пайваста бо табодули рақамии кмплекси агросаноатии мамлакат ва минтақаҳои он ва сурат гирифтани татбиқи натиҷаҳои илму техника самти нави механизмҳои ташкили истифодаи оқилона ва самараноки заминҳои кишоварзӣ пайдо шуда истодааст.

Ҳамаи ин тамоюлот зарурияти боз ҳам таҳқиқу ҳалли мумаммоҳои истифодаи оқилонаву самараноки заминҳои кишоварзиро дар ҳамаи бахшҳои комплекси аросаноатӣ тақозо менамояд. Самаранокӣ дар маънои натиҷанокӣ ҳам инъикос меёбад. Мафҳуми “самаранокӣ” бо мафҳуми “самара” низ зич алоқаманд мебошад, ки аз натиҷаи амали ҳадафнок бармеояд. Аммо, гирифтани самара метавонад аз истифодаи гуногуни замин ва дигар омилҳо ва ё захираҳо пайдо шавад ва баръакс захираҳои якҷинса боиси пайдоиши  самараҳои гуногун шаванд [78, с.8-10].

Зери мафҳуми самаранокии иқтисодӣ, ки категорияи иқтисодии мураккабӣ аст, амали қонунҳои объективии иқтисодӣ нуҳуфта аст. Ба ақидаи аксари муаллифон, дар самаранокӣ ҳадафи истеҳсолот, натиҷанокии он ифода ёфта, фоидаи бадастомада арзёбӣ, чен мешавад [140]. Замин, ки воситаҳои асосии истеҳсолот дар кишоварзӣ буда, меъёри самаранокии иқтисодии истифодабарии он бо камтарин харҷи захираҳои дигар (меҳнат, сармоя ва ғайра), яъне афзудани истеҳсоли маҳсулот  ба ҳар як гектар замин - меъёри асосии самаранокии хоҷагӣ ва корхонаҳои кишоварзӣ мебошад. Истифодаи заминҳои кишоварзӣ - таъсири ба қабати ҳосилхезӣ хок, ки бо истифодаи олотҳои техникиву технологии истеҳсолӣ барои гирифтани намудҳои гуногуни маҳсулоти кишоварзӣ сурат мегирад

ба амал бароварда мешавад. Маълум аст, ки заминҳои ҳосилхез барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ нисбат ба заминҳои ҳосилнокиаш нисбатан паст камтар харҷ мешавад. Бинобар он, дар мавриди арзёбии қиёсии заминҳои сифаташон гуногун муайян намудани фарқияти ҳосилхезии замин, ҷойгиршавӣ ва ҳолати ҳудудии қитъаҳои заминҳои кишоварзӣ, сифати ҳок ва омилҳои агроиқлимӣ зарур аст. Дар баробари ин, дар мавриди арзёбӣ омилҳои иқтисодии истеҳсолот, иқтидори иқтисодии замин низ ба назар гирифта мешавад. Зимни муайян кардани сифати замин маҷмӯи шароитҳои табиие, ки дар сифати замин инъикос ёфтанд, дар маҷмӯи дахлдори омилҳои иқтисоди ифода мешаванд. Арзёбии қиёсии сифати замин аз баҳодиҳии иқтидори иқтисодии замин бармеояд. Арзёбии сифатии замин тавассути арзёбии сатҳи таъсири ҳосилхезии замин ба ҳосилнокии зироати кишоварзӣ муайян карда мешавад. Арзёбии иқтисодии заминҳои кишоварзӣ, ки барои идоракунии оқилонаи онҳо дар соҳаи кишоварзӣ ва ҳалли масъалаҳои рушди соҳа аҳамияти амалӣ дорад. Ин дар самтҳои зерин зоҳир мегардад:

– асоснок намудани фармоиши давлатии истеҳсоли намудҳои гуногуни маҳсулоти кишоварзӣ, озуқаворӣ дар доираи соҳтори оқилонаи амнияти озуқаворӣ;

– ташкили танзими давлатии ташаккули нархи маҳсулоти кишоварзӣ;

– дар мавриди муқоиса кардани натиҷаҳои фаъолияти ҳоҷагиҳои алоҳидаи соҳаи кишоварзӣ ва қисмати дохили хоҷагиҳо;

– барои таҳрири сиёсати андоз дар пояи арзёбии категориҳои гуногуни замин;

– муайян намудани самаранокии истеҳсолот ва ғайраҳо.

Барои арзёбӣ намудани самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ низоми нишондиҳандаҳои умумӣ, ҷузъӣ ва ёрирасон мавриди истифода қарор мегирад.

Чунин нишондиҳандаҳо: “...ба мисли ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва ҷузъи молии он, даромади умумӣ, фоида ба ҳар 100 гектар замини кишоварзӣ, ҳосилнокии замин, истеҳсоли маҳсулоти хӯроки чорво ба ҳайси нишондиҳандаҳои умумӣ бaромад менамояд. Нишондиҳандаҳои ёрирасони истифодабарии самараноки қитъаи заминро арзиши аслии маҳсулот, фондғунҷоиш, меҳнатғунҷоиш, даромаднокии 1 гектар қитъаи замин, ҳамзамон бозгашт (ҷуброн)-и хароҷот (таносуби арзиши маҳсулоти аз 1 гектар гирифташуда ба ҳароҷоти миёнаи 1 гектар) ташкил медиҳанд” [141, с.10].

Самаранокии истифодаи заминро бо нишондиҳандаҳои зерин низ арзёбӣ кардан мумкин аст:

– ҳиссаи майдони заминҳои кишоварзӣ дар масоҳати умумии замин,%;
– ҳиссаи майдони кишт дар сохтори заминҳои таъиноти кишоварзӣ,%;
– ҳиссаи ҳар як зироатҳои кишоварзӣ дар майдони умумии кишт, %;
– сатҳи заминҳои мелиоративӣ;
– сатҳи истифодаи интенсивии заминҳои кишоварзӣ.

Дар низоми нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодии истифодаи замин нишондиҳандаҳои натуралӣ ва арзиши аслӣ низ ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд.

Чунин нишондиҳандаҳое, ки хароҷотро ифода менамояд, ба мисли истеҳсоли маҳсулоти умумии кишоварзӣ бо нархҳои ҷорӣ ва муқоисашаванда, ҳаҷми маҳсулоти молӣ бо нархҳои бозории фурӯш, маҳсулоти соф ва фоида аз ҳар гектар замини кишоварзӣ, истифода мешавад. Нишондиҳандаҳои табии (натуралӣ) танҳо ҳосилнокии як қисми муайяни заминҳои кишоварзиро ифода менамояд, аммо нишондиҳандаҳои арзишӣ ҳосилнокии тамоми майдони заминҳои кишоварзиро ифода мекунанд. Истифодабарии ин гурӯҳи нишондиҳандаҳо низ ба ҳар як гектар майдони физикӣ (сифати хок) ва ҳам ба арзиши пулии ҳар як гектар замини

кишоварзӣ ба мақсад мувофиқ аст, зеро таҳлилу арзёбиро саҳеҳтар менамояд.

Пайваста бо суръат гирифтани сифати интенсивии такрористеҳсол дар кишоварзӣ, бахусус афзоиши раванди коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ талаботро ба афзун намудани ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзӣ мусоидат менамояд, тамоюли афзудани таъсири инсон ба муҳити зист, хусусан ба заминҳои таъиноти кишоварзӣ низ суръат мегирад. Бинобар он, дар замони муосир вазифаи истифодаи оқилонаи заҳираҳои табиӣ, аз ҷумла, заминҳои таъиноти кишоварзӣ, пиёдасозии тадбирҳо доир ба ташкили истифодаи аз ҷиҳати иқтисодӣ ва экологӣ муносиби захираҳои заминро дар мадди аввал гузоштааст. Ин тамоюл ва ё вазифа ба корхонаҳои саноати ҳам дахл дорад: масъалаи оқилона ҷойгир кардани истеҳсолоти саноатӣ ба хотири паст намудани дараҷа ва майдони таъсири манфӣ ба заминҳои кишоварзӣ ва истеҳсолоти кишоварзӣ бояд сифати стратегиро дар фаъолияти онҳо касб намояд.

Корхонаҳои саноатӣ ба ҳайси иштирокдорони муносибатҳои замин аз нигоҳи иқтисодӣ бояд барои паст намудани майдони истифодаи замин, роҳ надодан ба забти захираҳои зиёдатӣ ва эҳтиёт намудани заминҳои ҳосилхезу қимматбаҳои кишоварзӣ рӯ оранд. Ин рафтор бояд фарҳанги заминистифодабариро ғанӣ намояд ва дар тамоми иштирокдорони муносибати замин паҳн гардад.

Нигоҳ доштан ва ташкили истифодаи оқилонаи қабати ҳосилхези хок ва барқароркунии он, беҳкунии заминҳои вайроншуда ва ба гардиш иқтисодиву кищоварзӣ ворид намудани онҳо, ҳифз аз ифлосшавӣ, аз партовҳои истеҳсолӣ, селу обхезиҳо, ки ҷанбаҳои экологии истифодабарии заминро муайян менамоянд, унсурҳои муҳими фарҳангӣ заминистифода-барӣ мебошад.

Умуман, муайян кардани сохтори замин, заминҳои кишоварзӣ ва сохтори истифодаи майдонҳои кишт барои арзёбии дақиқи истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ нақши муҳим дорад. Масалан, пеш аз

ҳама, таҳлили нишондиҳандаҳои интенсивии истифодаи заминро дар ҳудуди муайян, ки иқтидори истеҳсолӣ ва таъмини маҳсулоти озуқаворӣ ва захираҳои заминиро муайян менамояд, бо нишондиҳандаҳои зерин арзёбӣ кардан мумкин аст.

1. Азхудкунии минтақаҳо, ки вазни қиёсии (ҳиссаи) заминҳои кишоварзиро дар масоҳати умумии замини минтақаҳо ифода менамояд:

$$\text{ОТр} = \frac{S\text{с.}-\text{.х уг.}}{S\text{ общ.}} \times 100,\% \qquad (2.1)$$

Sc.-x. - масоҳати заминҳои кишоварзӣ, га;

S – масоҳати умумии замини минтақа, га

2. Майдонҳои кишт (шудгоршуда), яъне ҳиссаи онҳо дар майдони умумии замин:

$$\text{РТр} = \frac{S\text{п}}{S\text{ общ.}} \times 100,\% \qquad (2.2)$$

Ин ҷо Sп – майдони мазраъ (площадь пашни, га)

3. Сохтори майдонҳои кишт, ки фоизи майдони ишғолкардаи зироатҳои алоҳидаро ба майдони кишт ифода мекунад:

$$\text{Упп} = \frac{\text{ПП}}{S\text{п}} \times 100,\% \qquad (2.4)$$

ин ҷо: ПП – майдони кишти зироатҳо, га.

Ҳамин тариқ, принсипҳои арзёбии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ кори мушкил ва бисёрҷанбаъ мебошад, ки он таҳқиқоти байнифаннӣ, истифодаи соҳаҳои гуногуни илмро тақозо менамояд. Дар ҳалли ин муаммо, дар ниҳояти кор ташаккул додани низоми нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, экологӣ ва агрономӣ боназардошти пешравиҳои мавҷудаи ин соҳа, нақши калидӣ дорад.

## 1.3. Нақши бунёдии самаранокии истифодабарии заминҳои кишоварзӣ ба таъмини захиравии амнияти озуқаворӣ

Муаммоҳои амнияти озуқаворӣ вобаста бо рушди ҳаёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат мубрамият пайдо менамояд. Ҳарчанд ин муаммо аз

миёнаи солхои 70-уми қарни гузашта рӯйи майдони баҳсҳои илмӣ омада дар маркази фаъолонаи илмии ҷомеаи ҷаҳон гардид [43], аммо инсоният ҳанӯз аз давраи қадим бо он дучор буд.

Пайваста бо афзудани шумораи аҳоли нокифоягии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ҳис гардида, яке аз сабабҳои асосии низоъҳои иҷтимоӣ мегардад. Бинобар ин, дар тамоми давраҳои рушди ҷомеаи инсонӣ масъалаи дарёфти ҳалли мушкилоти таъмини амнияти озуқаворӣ дар мадди аввал қарор мегирифт. Дар ин росто чуноне, ки таҷрибаҳои нишон медиҳад, ноил шудан ба сатҳи муайяни амнияти озуқаворӣ на танҳо вазифаи асосии давлат, балки вазифаи ҷомеа буд ва мемонад.

Ба дарёфт ва ё коркарди механизму қоидаҳои гуногуни қонеъ гардонидани талаботи ҳаётан муҳим дар марҳалаҳои гуногуни ташкил ва рушди ҷомеаи инсонӣ ниҳодҳои ҷомеа, бахусус давлат камар мебаст. Ташкили самараноки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмини рушди коркарди саноатӣ ва соҳаи мубодилоти он мустақиман дар асоси ин механизмҳои таъминоти озуқаворӣ қарор мегирифт.

Дар давраҳои тулонӣ таъмини сатҳи зарурии амнияти озуқаворӣ маҳз дар асоси тарзӣ услуб ва анъанаҳои истеҳсолӣ, ки дар дохили ҷомеаи хоҷагидорӣ ва натуралӣ ташаккулу рушд ёфта буд, танзим карда мешуд. Давлат дар он марҳилаҳо асосан вазифаҳои ташкили амнияти ҳарбиро ба дӯш мгирифт ва танҳо дар мавридҳои зарурӣ ба маҷрои аз нав тақсим кардани маҳсулот дар байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ дахолат мекард.

Шурӯъ аз давраҳои қадим, дар сатҳи хоҷагиҳо, хонаводаҳо ташаккули захираҳо сурат мегирифт, ки ин вазифаҳо ба дӯши заминдор вогузор мегардид. Дар он давра истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва сатҳи пасти рушди муносибатҳои молӣ ва пулӣ танҳо ба ҳадди ақали истеъмол мутобиқ буд. Истеҳсоли маҳдуди маҳсулоти озуқаро сохтори хеле одии хӯрока, ки аз шароити зиндагӣ ва хусусиятҳои милливу динии мардуми маҳал бармеомад, муайян мекард [215, с228].

Вақте, ки давраи инкишофи муносибатҳои бозорӣ (капиталистӣ) оғоз гардид, тарзи ҳаётгузаронии мардум куллан тағйир ёфт. Пайваста бо рушди механизмҳои бозорӣ ба ҷойи низоми иқтисодиии маҳдуду баста низоми иқтисодиии кушод руйи кор омад. Инкишофи муносибатҳои бозорӣ ҷамъиятшавии истеҳсолотро, яъне истеҳсолоти ҷамъиятии ба ҳам вобастаро ба вуҷуд овард, ки дар ин низом табақаҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба ҳам омезиш ёфта, ба ташаккулу рушди ҷамъияти мутараққӣ боис гардид. Дар натиҷа механизми иҷтимоии таъмини амнияти озуқаворӣ рӯйи кор омад. Дар ҷомеаи муосир, ки дар он низоми бозории иқтисодиёт рушд ёфтааст, хос буда, дар тақсимоти захираҳои истеҳсолӣ ва ташкили истеҳсолот фаъол гардид  ва дар давраи муосир ин вазифаҳо ба таври объективӣ нақши торафт гиреҳиро ба иҷро расонида истодааст. Ҳарҷанд, бозор муҳимтарин воситаи таъминоти озуқаворӣ мебошад, яъне тавассути механизмҳои нарх, талаботу пешниҳод ва рақобат ба ташаккули захираҳои таъмини амнияти озуқаворӣ ва сатҳи истеъмоли он таъсир мерасонад, аммо бидуни дахлпазирии давлат бисёр муаммои иҷтимоиро бозор ҳал карда наметавонад. Дар сохтори низоми иқтисоди бозории соф тазоди назаррас, меъёрҳои ба истеъмол вобаста ба табақаи иҷтимоӣ ва сатҳи даромади он рӯйи кор меояд. Умуман, низоми бозори озод дар марҳалаҳои гуногуни рушди худ камхӯрокӣ ва гуруснагии гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоиро истисно намекард. Дар низоми иқтисоди бозорӣ ҳама вақт дараҷаи муайяни тафовут дар истеъмол мавҷуд аст. Бинобар он, давлат метавонад бо роҳи муқаррар намудани кафолатҳои муайяни иҷтимоӣ ин муамморо дар сатҳи муайян ҳал намояд.

Ҳарҷанд дар даврони шуравӣ механизми банақшагирии хоҷагии халқ барои ҳалли ин муаммо равона шуда буд, аммо бо сабаби мураккабии ин муаммо ва умуман душвор будани идоракунии амнияти озуқаворӣ на ҳамеша аз ӯҳдаи ин вазифа низ мебаромад. Масалан, дар сиёсати саноатӣ афзалият додан ба рушди саноати вазнин ба зарари кишоварзӣ, саноати

сабуку хӯрокворӣ сабаби (дар ибтидои солҳои 60-уми асри гузашта) зиёд шудани воридоти ғалла, гӯшт ва дигар маҳсулот гашта буд. Маҳз дар ҳамин давра, муаммои амнияти озуқаворӣ ҳамчун категорияи илмӣ мубрамият пайдо карда буд ва дар майдони илмии ҷаҳон эътироф карда шуд.

Ҳуҷҷати байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон, ки соли 1948 ва Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки соли 1966 қабул шуда буд, ҳуқуқ ба ғизои мувофиқ ва ҳимоя аз гуруснагӣ чузъи муҳими онро (ҳуҷҷати байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон) ташкил дода буд. Масъалаи: "...амнияти озуқаворӣ, дастрасӣ ба озуқа дар Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, инчунин Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак (соли 1989) ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ сабт шудааст" [15]. Масалан, дар моддаи 25-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ки аз ҷониби СММ соли 1948 қабул шуда буд, омадааст: "...Ҳар як шахс ба сатҳи зиндагӣ, аз ҷумла ғизо, либос, манзил, хизматрасонии тиббӣ ва хизматрасонии зарурии иҷтимоӣ, ки барои нигаҳдории саломатӣ ва некуаҳволии худ ва оилааш, инчунин ҳуқуқ ба таъминот дар сурати бекорӣ, беморӣ, маъюбӣ, бевагӣ, пирӣ ё дигар аз даст додани воситаҳои рӯзгор бо сабабҳои вобаста ба ӯ зарур аст, ҳуқуқ дорад" [15]. Паймони байналҳалқии оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳуқуқи асосии инсонро дар бораи эмин будан аз гуруснагӣ нишон медиҳад ва онро ҳамчун вазифаи давлат барои таъмини ин ҳуқуқи инсон қайд мнамояд. Эъломияи умумиҷаҳонӣ дар бораи барҳам додани гуруснагӣ ва камғизоӣ, ки 17-уми декабри соли 1974 Ассамблеяи Генералии СММ қабул карда буд, муҳимтарин ҳуҷҷати байналмилалӣ, ки дорои хусусияти умумибашарӣ мебошад, чунин омадааст: "...Ҳар як мард, зан ва кӯдак ҳуқуқи ҷудонашавандаи озод будан аз гуруснагӣ ва камғизоӣ барои инкишоф ва нигоҳ доштани хосиятҳои ҷисмонӣ ва равонии худро доранд" [15].

Соли 1996 Эъломияи Рум “Оид ба амнияти озуқаворӣ”, ки дар Саммити умумиҷаҳонии амнияти озуқаворӣ қабул карда шуда буд, ки масъалаи дастрасии ҷисмонӣ ва иқтисодии озуқа ҷавҳари онро ташкил медод. Яъне, ғизо ҳамчун элементи асосии он муайян гардида буд ва имрӯз арзиши худро баланд намуда истодааст.

Созмони озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид итилло медиҳад, ки дар замони муосир дар ҷаҳон беш аз як миллиард нафар аҳолии кураи замин аз гуруснагӣ ва камғизоӣ азият мекашанд. Бо назардошти технологияи истеҳсолии мавҷуда барои таъмин ҳарсолаи маҳсулоти озуқа ба як нафар аҳолӣ 0,20-0,30 гектар замини ҳосилхез зарур аст. Вобаста бо афзоиши аҳолӣ дар миқёси ҷаҳонӣ бояд ҳар сол тақрибан 40 миллион гектар замини нав ба гардиши кишоварзӣ ворид карда шавад [95, 89-95].

Дар Тоҷикистон ҳамаги 7 фоизи ҳудуди он барои ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ мусоид аст, бинобар он, муаммои маҳдудияти захираи заминҳои кишоварзӣ баръало аён аст. Барои ҳалли ин муаммо дарёфти механизмҳои нави татбиқи сиёсати аграрӣ ва замин зарур аст. Новобаста аз он, ки иқтидори таъмини рушди истеҳсолоти кишоварзӣ дар мамлакат кифоя аст, аммо муаммои таъмин намудани истеҳсоли маҳсулоти озуқавории аълосифати худӣ мубрамият пайдо менамояд, зеро барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолии сол аз сол афзоянда андешидану татбиқ намудани тадбирҳои нав ба навро тақозо менамояд.

Ба туфайли рушди саноатикунонӣ ва шаҳрсозӣ захираҳои замин барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ торафт бештар маҳдуд мегардад. Зимнан, солҳои охир дар ҷумҳурӣ ба ҳар сари аҳолӣ тамоюли кам шудани майдони заминҳои таъиноти кишоварзӣ фаъол гардида истодааст. Дар сохтори заминҳои таъиноти кишоварзӣ майдони заминҳои корам аҳамияти махсус доранд ва онҳо ҳамчун боигарии асосии хоҷагиҳои кишоварзӣ афзалият

доранд ва таҳти мониторинг, назорату ҳифзи Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ қарор доранд.

Мутобиқи Кодекси замини амалкунанда: “...ҷудо намудани заминҳои таъиноти кишоварзӣ барои истифодаи соҳаҳои ғайрикишоварзӣ танҳо дар ҳолати бад шудани сифати онҳо мувофиқи арзиши кадастрӣ иҷозат дода мешавад” [3]. Мутаассифона, дар амал, на заминҳои арзиши кадастрии паст дошта, балки заминҳои ҳосилхез барои мақсадҳои ғайрикишоварзӣ ҷудо карда мешаванд. Мушкилоти дар самти табдилдиҳии заминҳои кишоварзӣ на танҳо кам шудани майдони онҳо, балки паст шудани сифат, ҳосилнокии ҳам биологӣ ва ҳам иқтисодии онҳоро боис гардидааст, ки таҳдиди бевосита ба амнияти озуқаворӣ мебошад.

Солҳои охир вобаста ба таназзул ва ифлосшавии хок майдони заминҳои корам аз гардиши кишоварзӣ берун шудаанд. Рушди саноати истихроҷи канданиҳои зеризаминӣ ва бинобар он фаъол гаштани раванди азхуд намудани канданиҳои фоиданок низ қитъаҳои заминҳои кишоварзиро аз гардиши кишоварзӣ берун карданд. Ҳамаи ин равандҳо истеҳсоли устувори маҳсулоти кишоварзиро дар ҳаҷми зарурӣ таъминоти захиравии амнияти озуқавориро зери шубҳа мегузорад. Бинобар он, такрористеҳсолии иқтидори заминҳои кишоварзӣ зарурати объективӣ ва ҳаётӣ мебошад, зеро таъмини захиравии амнияти озуқаворигии мамлакат ва минтақаҳои он бо истифодаи самараноки замин вобаста аст. Аммо, бояд қайд намуд, ки барқарор намудани иқтидори заминҳои кишоварзӣ раванди дурудароз ва сармояталаб, харҷғунҷоишаш баланд мебошад. Беаҳамиятӣ ба сифати стратегии захираҳои замин, махсусан заминҳои кишоварзӣ, наандешидани тадбирҳо барои боз доштани равандҳои таназзули сифати замин ва беназорат кашида гирифтани заминҳои ҳосилхез аз гардиши кишоварзӣ, метавонад сабаби бӯҳрони экологӣ дар аксари минтақаҳои аграрии кишвар, боиси паст шудани ҳосилнокӣ ва бинобар он, мушкилот дар таъмини аҳолии мамлакат бо озуқа гардад. Мавҷудияти аз гардиш берун

будани заминҳои кишоварзӣ ба сабабаи паст будани имконияти молиявию техникии истеҳсолкунандагони соҳаҳои кишоварзӣ сурат гирифта истодааст. Аз ин лиҳоз, гузаронидани монторинги заминҳои бекорхобида ва дар асоси он дарёфти механизми иқтисодии ба гардиши баргардонидани онҳо дар доираи татбиқи барномаҳои рушди истеҳсоли кишоварзиро талаботи таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат ва минтақаҳои он мебошад. Дар ин росто, интенсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ дар асоси табодули индустриалии ин соҳа, ки омили муҳими афзоиш додани ҳосили зироатҳо, зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ боқӣ мемонад. Танҳо бо ҳамин роҳ ба назари мо, имконияти ноил шудан ба сатҳи баланди таъминоти захиравии амнияти озуқаворӣи мамлакат ва минтақаҳои рӯйи кор меояд.

Истифодаи замин ҳамчун захираи муҳими таъмини амнияти озуқаворӣ падидаи хеле мураккаб аст. Истифода бурдани захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ дар доираи раванди эволютсионӣ ҳамчун марҳалҳои мукаммали пайваста такроршаванда маҳсуб мешавад. Зеро, ҳар марҳалаи истифодаи замин чун қоида, сатҳи сифатан навро дар бар мекунад. Аз нуқтаи назари муносибати низоми истифодаи заминро дар ҳар як давра, се марҳалаи истифодаи заминро ҷудо кардан мумкин аст.

Марҳалаи якум – ин зинаи ибтидоӣ буда, дар он ҳадафи истифодабарии замин аниқ мешавад ва барои истифодаи самараноки марҳалаҳои минбаъда замина мегузорад. Мундариҷаи ин марҳиларо таъминоти институтсионалӣ ва ё ташкилӣ-ҳудудии истифодаи замин ва таъминоти иттилоотии низоми истифодаву идоракунии заминро ташкил медиҳад.

Марҳилаи дуюм – ин марҳилаи истифодаи мустақими замин мебошад, ки барои ин дастгирии технологӣ, захиравӣ, молиявӣ, соҳибкорӣ ва маркетингӣ зарур аст. Ташкили истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ бо истифодаи замин хусусияти асосии фарқкунандаи ин марҳила мебошад.

Яъне, дар ин марҳила замин ба гардиши иқтисодиву кишоварзӣ шомил мешавад.

Марҳилаи сеюм ин такрористеҳсолкунӣ, таъмини сифатии ҳосилхезии замин, барқарор намудани сохтори сифатии хок мебошад.

Имрӯз ислоҳоти замин дар соҳаи кишоварзӣ дар рушди муносибатҳои истифодабарии замин ва соҳаҳои иҷтимоию иқтисодиро таъмин намуда истодааст. Аммо, масъалаи дигар ин додани ҳуқуқи истифодаи замин ба заминистифодабарандагони асил мебошад, дараҷаи амалисозии он нокифоя аст. Ин ҳолат бори дигар водор менамояд, ки дар низоми заминистифодабарии кишоварзӣ масъалаи дарёфт ва ё ҷустуҷӯйи соҳиби асили замин, ки барои вай нафънокии замин ва истифодаи оқилонаи он ҳамчун сарвати миллӣ муққадас мебошад, тадбирҳо андешида шавад. Барпо намудани сохтори оқилонаву самарабахши низоми истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва пайдо намудани "соҳибӣ" самраноки замин омили муҳими зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмин захиравии амнияти озуқаворӣ мебошад.

Дар низоми мавҷудаи истифодаи замини кишоварзӣ маҳдудияти намудҳои захираҳои истеҳсол – меҳнатӣ, моддӣ-техникӣ ва молиявӣ мушоҳида мешавад. Бнобар он, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ роҳи асосии баланд бардоштани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва сатҳи захиравии амнияти озуқаворӣ мебошад. Воқеан ҳам, афзоиши устувори ҳосили зироатҳо ба васеъ намудани имкониятҳои арзёбӣ ва асосноккунии роҳҳои беҳтар намудани амнияти озуқаворӣ мусоидат мекунад. Ба даст овардани самараи баланди истеҳсолоти кишоварзӣ ва амнияти озуқаворӣ яке аз тадбирҳои андешидаи давлат мебошад.

Роҳи таъминоти захиравии амнияти озуқаворӣ, истифодаи интенсивии заминҳои кишоварзӣ барои зиёд кардани ҳаҷми истеҳсолот, истифодаи таҷрибаҳои бештар самараноки идоракунии зироатҳо, ки ҳосилхезии заминро беҳтар мекунаду аксуламали бештар ба тағйирёбии иқлим нишон

медиҳад, мебошад. Ҳаҷми лозимии истеҳсолот дар натиҷаи самараноки қитъаҳои замини корам, баланд бардоштани ҳосилнокӣ дар асоси ҷорӣ намудани технологияи муосир, такмил додани шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва ғайра таъмин карда мешавад [132, с.30-39].

Яке аз самтҳои ноил гардидан ба мақсади мазкур, ин истифодабарии оқилонаи замин ва мутобиқгардонии заминҳои кишоварзӣ ба тағйирёбии иқлим мебошад. Ин имкон медиҳад, ки маҳсулоти кишоварзии ба талаботи иқтисодӣ ва экологӣ мувофиқ истеҳсол карда шавад. Дар бобати такмил додани низоми киштгардон, аз ҷумла иваз намудани сохтори майдонҳои кишт ба раванди такрористеҳсолкунӣ мусоидат мекунанд, самараи истифодабарии заминҳои кишоварзиро баланд мебардоранд.

Боиси зикри хос аст, ки захираҳои заминии ҳосилхезе, ки бо меҳнату заҳматҳои бисёрсолаи коркунони кишоварзии қаблӣ ба вуҷуд оварда шуда буд, қариб тамом шуда истодаанд. Бинобар он, паст шудани ҳолати агроэкологии заминҳои кишоварзии мавҷуд ба ҳолати фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ, пеш аз ҳама ба сатҳи молиявии онҳо таъсири манфӣ расонида истодааст. Самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ пеш аз ҳама бо дараҷаи рушди зироаткорӣ вобастагӣ дорад.

Хусусияти минтақавии истифодаи иқтидори замини минтақаҳои мамлакат ин мавҷуд будани захираҳои заминӣ мебошад, ки дар истеҳсолоти кишоварзӣ кам истифода бурда мешаванд. Дар раванди ташкили истифодаи интенсивию индустриалии майдони заминҳои кишоварзӣ дараҷаи ҳосилхезии табиии онҳо паст мешавад. Бартараф намудани ин ҳолатро метавон бо роҳи андешидани маҷмӯи тадбирҳои агротехникӣ, ташкили киштгардон, ба замин андохтани нуриҳои органикӣ ва ғайраҳо ба иҷро расонид.

Низоми мавҷудаи муносибатҳои замин дар соҳаҳои кишоварзӣ то дараҷаи кофӣ фаъолияти такрористеҳсолкунии захираҳои заминро таъмин наменамояд. Бинобар ин, мукаммалгардонии муносибати замин, ки рӯйи

кор омадани механизми бозории такрористеҳсоли ҳосинокии онро таъмин менамояд, ҳадафи ислоҳоти аграрии замони муосир мебошад.

Раванди обёрикунии заминҳои кишоварзӣ дар ин самт нақши ҳалкунанда пайдо мекунад. Омили асосии баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзиро обёрикунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ташкил медиҳад, бинобар он васеъ намудани майдони заминҳои обёришаванд ва иқтидори иқтисодии онҳо, эмин доштан аз оқибатҳои манфӣ (хушкшавӣ, шӯршавӣ, ботлоқшавӣ ва ғ.) вазифаи муҳим мебошад. Барои пешгирӣ намудани бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳои обӣ ва низомҳои обёрӣ истифодаи технологияи обёрии каммасрафро ба роҳ монда, дар мавридҳои зарурӣ бо заҳбурҳо таъмин кардан лозим аст [169, с.33-56].

Ҳанӯз дар қарни гузашта В.В.Докучаев заминаҳои илмии зарурати ташкили маҷмӯи корҳои мелиоративии заминро, ки воситаи асосии мубориза бар зидди хушксолӣ, ташкили тарзи ғайриалтернативии кафолатноки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро дар заминҳои лалмӣ, мебошад, пешниҳод карда буд. Обёрикунӣ ба таркиби механикии хок фаъолона таъсир расонида, хосиятҳои обу физикии он, ҳарорат, режими ҳаво, ивазшавии калий ва фосфори ҳаракаткунанда, фаъолияти биологии микро ва макрофаунаро тағйир медиҳад. Ҳол он ки дар заминҳои обӣ дар баробари равандҳои мусбат равандҳои манфӣ низ ба амал меоянд.

Ба шароити мӯътадили кори агроландшафтҳо ҳангоми азхудкунии ҳудудҳои обёрӣ, аз ҳад зиёд таъмин намудани воҳиди об, нуриҳои минералӣ ва дигар фишори антропогенӣ боиси вайрон шудани тамомияти онҳо гардида, ба муҳити зист таъсири манфӣ мерасонад. Барои ба тартиб даровардани таъсир ва фишори об ба заминҳои кишоварзӣ, махсусан обӣ бояд дар низомҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки зироаткории объёришаванда, ки лоиҳакашии мушаххасро тақозо менамояд. Дар мавриди татбиқи ин

лоиҳаҳо метавон ландшафтҳои минтақаи табиӣ ва иқтидори экологии онҳоро нигоҳ дошта, ҳосили интизориро ба даст овард.

Мувофиқи маълумоти илмии ниҳодҳои илмии соҳа (Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур) бо риояи қатъии технологияе, ки ба дараҷаи ҳосилхезии заминҳои обӣ бо имконияти аз ҳар гектар замини обӣ ба даст овардани ҳосили баланд имконпазир мебошад. Дар ин раванд чунин самти фаъолиятро метавон таъкид намуд:

– назорати мутобиқатии обёркунӣ ба хусусиятҳои ландшафти минтақаи табиӣ ва ташкили оқилонаи ҳудуд, минтақа; дараҷаи бо агроландшафт майдони обёрӣ ва ҳалли масъалаҳои технологияи обёрӣ;

– оптимизатсияи мелиоративии комплексии заминҳои обӣ, ки ба рушди ҷангалзорҳои муҳофизатӣ, истифодаи нуриҳои минералӣ нигаронида шудааст;

– ҳалли масъалаҳои агрофитотсенотикӣ вобаста ба асоснок кардани сохтори зироатҳо, киштгардони аз ҷиҳати илмӣ асоснок, навъҳо ва дурагаҳое, ки ба парвариши зироатҳои сердаромад дар заминҳои обӣ мувофиқ карда шудаанд;

– ба роҳ мондани коркарди дурусти хок, кишт ва нигоҳубини агрофитосенозҳо, обёрӣ ва ғизодиҳӣ тибқи меъёрҳои илман асоснокгардида ҷиҳати гирифтани ҳосили баланд ва зимни нигоҳ доштани ҳосилхезии замин, сари вақт ҷамъоварӣ ва истифодаи минбаъдаи самараноки маҳсулоти ҳосилшуда;

– истифодаи оқилонаи дарозмуддати чарогоҳҳо, алафзорҳо, назорат ва пешгӯйии вазъият.

Академик В.И. Вернадский дар асоси асарҳои В.В. Докучаев натиҷаҳои мушоҳидаҳо ва ҷамъбастҳои худ, консепсияи биосфераро тартиб дода, таваҷҷӯҳро ба динамизми баланди он дар зери таъсири равандҳои табиӣ ва антропогенӣ ҷалб намуд. Дар шароити табиӣ суръати

ин равандҳо умуман ба қобилияти худтанзимкунии биосфера мувофиқ буда, оқибатҳои манфӣ мушоҳида намешавад.

Инсон ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи табиат пайваста ба он таъсир мерасонад ва кӯшиш мекунад, ки ҳар чи бештар маҳсулоти биологӣ ба даст оварад, то шароит барои зиндагии бароҳат фароҳамояд ва на ҳамеша амали худро бо иқтидори экологии ландшафтҳо ҳамоҳанг месозад. Ӯ дар асари худ "Материяи зинда ва биосфера" ба масъалаҳои алоқаи ногусастании инсон ва табиат дахл намуда, навишта буд: "…Дар миёни ҳаёти пуршиддат ва мураккаби имрӯза инсон амалан фаромӯш мекунад, ки худаш ва тамоми инсоният, ки ӯро аз он ҷудо кардан мумкин нест, бо биосфера — бо қисми муайяни сайёрае, ки дар он зиндагӣ мекунанд, зич алоқаманданд. Онҳо аз ҷиҳати геологӣ бо сохти моддию энергетикӣ бо ҳам алоқаманданд" [49, с.28].

Дар ин бобат, таълимоти илмӣ оид ба идоракунии равандҳои ҳозиразамон барои кори бехатари ландшафтҳо дар асоси назарияи В.В.Докучаев, В.И.Вернадский ва А.Н.Костяков дар бораи робитаи ногусастании компонентҳои гуногуни табиӣ густариш ёфта истодааст.

Истифодаи ин тарзу услуби нави илм дар ташкили истифодабарии замин имконият медиҳад, ки масъалаи асосии кишоварзӣ — ташкили раванди такрористеҳсолкунии васеъи сифат ва ҳосилхезии заминҳои кишоварзӣ, ки омили асосии болоравии ҳосили зироатҳо ва дар натиҷа ғанӣ гаштани заминаи захиравии амнияти озуқаворӣ мебошад таъмин гардад. Инкишофи минбаъдаи комплексии мелиоратсия бояд ба ҳалли вазифаҳои зерин мусоидат кунад:

– баланд бардоштани базаи хӯроки чорво, ки на танҳо рушди чорводориро мусоидат менамояд ва захираҳои хуроки чорво ғанӣ мегардад, балки, дар заминҳои мелиоратсияшуда майдони кишти ғалла ва зироатҳои техникӣ зиёд карда мешавад;

– ба вуҷуд овардани минтақаҳои кафолатноки сабзавоткорӣ ва тараққӣ додани майдони боғу токпарварӣ дар атрофи шаҳрҳо ва марказҳои саноатӣ;

– ташкили шолипарварӣ дар поёноби дарёҳо бо риояи талаботи экологӣ барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолии мамлакат ба ҳосили ин зироат;

– зиёд кардани истеҳсоли лӯбиё, ҷуворимакка, лаблабуи қанд дар заминҳои обӣ ва ғайраҳо.

Дастгирии давлатии рушди кишоварзӣ ҳам сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи минтақаҳо ҳамчун ҳадафи ниҳоии - ноил гаштан ба сатҳи зарурии таъмини амнияти озуқаворӣ ва беҳдошти некуаҳволӣ мебошад. Ин ҷо некуаҳволии иқтисодии истеҳсолгарони маҳсулоти кишоварзӣ низ дар назар дошта мешавад, ки ба он шуғлнокии маҳсулнок дар деҳот, гирифтани музди меҳнати сазовор ва ғайра дохил мешаванд. Дар умум натиҷаи ниҳоӣ ва асосие, ки ба он тамоми тадбирҳои ҳавасмандгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ равона шудааст, таъмини мавҷудияти маҳсулоти ҳушсифати кишоварзӣ дар бозору (рафҳои мағозаҳо) бо нархҳои дастрас, ки талаботи аҳолиро сари вақт қонеъ мегардонад.

Амнияти озуқаворӣ ва таъминоти захиравии он дар мавриде устувор мегардад, ки дар доираи занҷири истеҳсолӣ ва ташаккули арзиши изофа ҳаракати маҳсулоти озуқа дар низоми алоқаи ногусастании «аз истеҳсолкунанда то истеъмолкунандаи ниҳоӣ» сурат гирад. Дар ин занҷири ҳаракати маҳсулоти хушсифати аз ҷиҳати экологӣ тоза, зинаи интиқол ва ё кашонидани он бо риояи шартҳои нигаҳдории он омили муҳим мебошанд, ки охирин ба сифати ниҳоии озуқавориии истеъмолшаванда таъсир мерасонад.

Бояд қайд намуд, ки меҳнати софдилонаи истеҳсолкунандагон ва ҳавасмандии онҳо барои таъминоти захиравии амнияти озуқаворӣ дар нахуст марҳалаи таъмини бехатарии озуқаворӣ қарор мегирад. Марҳилаи

навбатии таъминоти захиравии амнияти озуқавориро нигоҳ доштани ҳолати экологии заминҳои кишоварзӣ, ки дар муддати кӯтоҳ ҳалли ин масъала имконнопазир аст.

Мутобиқати маҳсулоти озуқавории истеҳсолшуда ба стандартҳои сифатии қабулшуда хусусияти асосии истеҳсоли озуқавории босифатро ифода менамояд. Аз ин лиҳоз, масъалаи таъмини устувории такрористеҳсолкунии маҳсулоти озуқа, ки аз сифати истифодаи устувори замин вобаста мебошад, низ дар мадди аввал қарор мегирад. Ин масаъла, яъне нигоҳ доштани ҳолати мӯътадили заминҳои кишоварзӣ ба хотири дар оянда таъмн намудани иқтидори истеҳсоли устувори маҳсулоти кишоварзӣ, дар интишороти илмҳои иқтисоди аграрӣ кам ба назар мерасад.

Низоми таъминоти амнияти иқтисодӣ ва озуқавории мамлакат, маҷмӯи тадбирҳо дар ин ҷода, бояд ба таъмини устувори маҳсулоти озуқаворӣ ва дастрас будани онро дар бозор ба ҳар як аъзои ҷомеа на танҳо дар давраи кӯтоҳмуддат, балки дар давраи дарозмуддат равона гардад. Чуноне, ки дар боло қайд намудем, устувории таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасӣ ба маҳсулоти озуқа, на танҳо аз захираҳои озуқавории мавҷуда балки аз ҳолати экологии заминҳои кишоварзӣ вобаста аст [36, с.9].

Ин тезиси таъкидшуда аз муҳимияти аввалиндараҷаи ҳолати миқдорӣ ва сифатии заминҳои кишоварзи шаҳодат медиҳад. Пас, маҳз такрористеҳсоли сифати замин кафолати таъминоти захирави амнияти озуқаворӣ ва такрористеҳсоли маҳсулоти озуқавориро дар оянда мебошад. Нигоҳ доштани ҳолати экологии заминҳои кишоварзӣ дар сатҳи зарурӣ имконияти истифодаи сифатҳову нафънокии заминро ҳамчун захираи истеҳсолӣ ва ҳам воситаи асосии истеҳсолоти кишоварзӣ муайян мекунад. Модоме, ки дар истеҳсолоти кишоварзӣ замин дар як вакт дар ин ду фарзия амал мекунад, пас такрористеҳсоли ҳосихезии он гарави асосии таъминоти амнияти озукавории дар давраи дарозмуддат мебошад. Вобаста

ба ин гузориш метавон хулоса намуд, ки танҳо мавҷуд будани ҳаҷми зарурии маҳсулоти озуқаворӣ ба аҳолӣ дастрас, ҳамчун индикатор ва ё нишондиҳандаи асосии таъмини амнияти озуқаворӣ шуда наметавонад. Маҳз мавҷудияти заминҳои кишоварзӣ дар низоми таъминоти захиравии амнияти озуқаворӣ ҷойгоҳи аввалинро дорад, зеро таъмини сатҳи баланди ҳаҷми  истеҳсолоти кишоварзӣ метавонад дар пояи истифодаи самараноки заминҳои ҳосилхез сурат гирад, ки он гоҳ гарави объективии таъминоти устувори озуқаворӣ дар ҳаҷми ба меъёрҳои мувофиқ рӯйи кор меояд.

Ҳамин тариқ, ба ҳайси меъёри асосии амнияти озуқаворӣ қабул намудани вазъи устувории такрористеҳсолкунӣ талаб мненамояд, ки унсурҳо (нишондиҳандаҳо)-и алоҳидаи онро гурӯҳбандӣ намоем:

– ҷараёни ивазшавии гурӯҳҳои гуногуни заминҳо дар масоҳати умумии заминҳои таъиноти кишоварзӣ;

– иваз намудани сохтори заминҳои кишт вобаста ба шакли хоҷагиҳо ва гурӯҳҳои заминҳо;

– раванди тағйироти нишондиҳандаҳои самараноки истифодабарии заминҳои кишоварзӣ (ҳосили зироат, чорво ва маҳсулоти чорводорӣ ба кишт ҳар як гектар замин, арзиши аслии маҳсулоти қишоварзӣ, сатҳи истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва ғайра);

– тамоюли тағйироти нишондиҳандаҳои сифатии истеҳсолоти кишоварзӣ умуман (рентабельност ва ё даромаднокии истеҳсолоти кишоварзӣ, ҳосилнокии меҳнат, боздиҳии хароҷоти захираҳои истеҳсолӣ ва ғайра).

Тағйироти тамоми нишондиҳандаҳои зикршуда бояд солҳои сипаришударо ифода намояд, ки ин имконият медиҳад ин нишондиҳандаҳоро дар давраи дарозмуддат пешгӯйи шаванд. Бояд қайд намуд, ки унсури чорум - самараи истеҳсолоти кишоварзӣ ҷанбаи асосӣ мебошад, ки дар он сегонаи аввал ҷамбаст мешавад ва дар маҷмӯъ иқтидори иқтисодӣ ва истеҳсолии заминҳои кишоварзиро инъикос менамояд.

Аммо, мутаассифона муҳимияти истисноии меъёри устувории такрористеҳсоли озуқаворӣ ҳамчун меъёри асосии амнияти озуқаворӣ ва таъмини захиравии он дар консепсияи амнияти озуқаворӣ инъикос наёфтааст.

Мазмуни амнияти озуқаворӣ танҳо бо меъёрҳои сохтории он маҳдуд набуда, он аз ҳадафҳо ва вазифаҳои мушаххас иборат мебошад, ки онҳо дар санадҳои қонунӣ доир ба амнияти озуқаворӣ муқаррароти худро ёфтаанд. Дар доираи мазмуни амнияти озуқаворӣ ҳадафи стратегии он, ки ба таъмини аҳолии кишвар бо маҳсулоти бехавфи озуқаворӣ равона шудааст, баръало аён аст. Таъмини устувории истеҳсолоти озуқавории ватанӣ ҳамчун шароити мавҷудияти захираҳои зарурӣ кафолати ноил шудан ба амнияти озуқавориро медиҳад. Дар асоси ин тафсир, инчунин меъёрҳои баррасишуда, мо метавонем як низоми томи мантиқии ҳадафу мақсади амнияти озуқавориро тасвир намоем (расми 1.3.1.).



Идомаи расми 1.3.1

**ҲАДАФҲО**

Таъмини мавҷудияти устувори маҳсулоти хӯроквории зарурӣ; таъмини таносуби оқилонаи маҳсулоти хӯроквории хориҷӣ ва ватанӣ; таъмини кафолати сифати мақбули ғизо; таъмини дастрасии иктисодии аҳолӣ ба озуқа

**ВАЗИФАҲО**

Пешгӯйии саривақтӣ, ошкор ва пешгирии таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ; рушди устувори истеҳсоли ватании озуқаворӣ ва ашёи хом; ноил шудан ва таъмини дастрасии ҷисмонӣ ва иқтисодии аҳолӣ; таъмини амнияти озуқаворӣ ва ғайраҳо.

**Расми 1.3.1.** Алгоритми таъмини такрористеҳсоли маҳсулоти озуқа ҳамчун кафили амнияти озуқаворӣ [135, с.77-79].

– таъмини кафолати сифати маҳсулоти озуқаи пайдоиши кишоварзидошта ва мутобиқгардонии ба стандартҳои муқараршуда, ки солимии аҳолиро таъмин намуда, талаботи онро ба моддаҳои ғизоии зарурӣ қонеъ мегардонад;

– таъмини мавҷудияти дастрасии иқтисодии аҳолӣ ба моли озуқаворӣ, таъмини даромади муносиб барои харидани моли озуқаворӣ.

Вазифаҳои асосии таъмини амнияти озуқавориро метавон номбар намуд:

– ошкор ва мӯътадил намудани таъсири манфии таҳдидҳои дохилӣ ва беруна ба таъмини амнияти озуқаворӣ, дар заминаи такмили механизму методҳои таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ, ташаккули фонди захираҳои стратегии махсулоти озуқа ва ғайра;

– коркарду татбиқи тадбирҳо барои таъминоти захиравии амнияти озуқавории кишвар, афзун намудани истеҳсоли озуқавории худӣ;

– баланд бардоштани сатҳи дастрасии ҷисмонӣ ва иқтисодии ҳар як нафар ба моли озуқаворӣ дар ҳаҷм ва сифати зарурӣ, ки ба меъёрҳои оқилонаи истеъмол мутобиқ мебошанд.

– мукаммалгардонии низоми таъмини амнияти озуқаворӣ ва идоракунии мутаассили он.

Мушаххасоти вазифаҳо роҳро ба суйи ҳадафҳо муайян мекунанд. Номгӯйи вазифаҳои дар боло зикршуда доираи хеле васеи фаъолиятҳоро вобаста ба ноил шудан ба ҳадафҳои амнияти озуқаворӣ дар бар мегиранд. Ба андешаи мо, дар миёни вазифаҳои номбаршуда ба иҷро расонидани чунин вазифаҳои аввалиндараҷа ва афзалиятнок мебошанд, ки ба таъминоти захиравии амнияти озуқавориро сифати устувор мебахшад:

– боз доштани тамоюли аз гардиши истеҳсолти кишоварзӣ баромадани заминҳои кишоварзӣ;

– ба гардиш ворид намудани заминҳои нав, беҳтар намудани сифат, ҳосилхезии заминҳои мавҷудаи кишоварзӣ дар асоси таҳияву татбиқи маҷмӯи тадбирҳои агротехникӣ, мелиоративӣ ва фарҳангӣ-техникӣ ва ғайра;

– мукаммалгардонии механизмҳои дастгирии давлатии субъектҳои хоҷагидори зермаҷмаи комплекси агросаноатии мамлакат ва минтақаҳои он ҷиҳати баланд бардоштани ҳаҷм ва сифати маҳсулоти озуқаворӣ;

– мукаммалгардонии пойгоҳи техникӣ ва технологии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ дар доираи ташкили кластерҳои саноатӣ-аграрӣ ва шабакаи корхонаҳои коркарди ашёи хом;

– ташкили фонд ва андӯхти захираҳои стратегии озуқаворӣ;

– танзими воридоти маҳсулоти озуқаворӣ, кам намудани воридоти он маҳсулотҳо, ки истеҳсоли онҳо дар кишвар имконпазир мебошад;

– таъмини рақобатпазирии маҳсулоти озуқаворӣ истеҳсолгарони ватанӣ дар бозори дохилӣ ва ғайра.

Ҳар яке аз ин таҳдидҳоро метавон ба як қатор таҳдидҳои мушаххас тақсим кард, ки ҳар яки онҳо низ сазовори баррасии алоҳида хоҳанд буд.

Мазмуни амнияти озуқавориро ҷамъбаст намуда, дар як алгоритми ягона муттаҳид ва ба низом даровардани он унсурҳое, ки бояд такмил дода шаванд ва он навовариҳое, ки ин ҷо пешниҳод шудаанд, дар расми 1.3.1.

оварда шудааст. Дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар намудани онҳо ба тезонидани ҳалли вазифаҳои аввалиндараҷа дар соҳаи баррасишаванда кӯмак хоҳад намуд.

**Хулоса аз боби якум**:

1. Дар адабиёти илмии ватаниву хориҷӣ мафҳуми “амнияти озуқаворӣ” хеле васеъ паҳн шудааст, ки таърифҳои гуногун вуҷуд доранд. Дар робита бо ҷамъбасти “амнияти озуқаворӣ” мо ба андешае омадем, ки зимни муайян кардани моҳияти мафҳуми «амнияти озуқаворӣ» пеш аз ҳама ба аҳкоми зерин таваҷҷӯҳ дода шавад:

а) мафҳуми “амнияти озуқаворӣ” хусусияти ҷараёни бо озуқа таъмин намудани аҳолиро ифода менамояд;

б) ҳолати амниятии ин ҷараёнро дараҷаи дастрасии доимии аҳолӣ бо озуқаворииии зарурииро муайян менамояд.

Унсурҳои асосии амнияти озуқаворӣ чунинанд:

1) мавҷудияти ҷисмонии ғизо; 2) имконияти иқтисодии дастрасии аз ҷониби табақаҳои гуногунӣ аҳолӣ барои  дастрас намудани озуқаворӣ ба миқдоре, ки барои зиндагии солим кифоягӣ мекунад.

Худтаъминкунии озуқавориро бо чунин нишондиҳанда тавсиф намудан ба мақсад мувофиқ аст: имконоти аҳолии деҳот, ки барои истеъмоли худӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ёрирасони шахсии шаҳрвандон, ки маҳсулоти озуқаворӣ истеҳсол менамоянд. Бинобар мураккабии амнияти озуқаворӣ дар мавриди тавсифи он бояд муносибати системавӣ истифода шавад. Ин муносибат имкон медиҳад, ки сифатҳои асосии амнияти озуқавориии миллӣ тасниф ёбанд.

– Дар низоми омилҳои асосии таъминоти захиравии амнияти иқтисодӣ ва озуқавориии мамлакат истифодаи самараноку оқилонаи заминҳои кишоварзӣ нақши бунёдӣ дорад. Бинобар он, идоракунии заминҳои кишоварзӣ дар ниҳояти кор идоракунии истеҳсоли маҳсулоти озуқавориро муайян менамояд. Замин дар мавриди идоракунӣ ҳамчун

объекти танзим нақши сетарафаро иҷро мекунад: "...қитъаи замин аз ҷиҳати иқтисодӣ – чун объекти фаъолияти хочагидорӣ ба ҳисоб рафта, асоси моддии тамоми намуди истеҳсолот аст ва ҳамчун сарчашмаи қонеъ гардонидани талаботи гуногун ва амнияти озуқаворӣи инсон баромад мекунад, ба маънои экологӣ объекти табиӣ ҷузъи таркибии муҳити табиӣ буда, бо дигар объектҳои табиат ҳамкорӣ дошта, ба маънои васеъ тамоми захираҳои табииро фаро мегирад, аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳамчун моликият эътироф карда шудааст" [3]. Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: "...тамоми заминҳо дар шакли моликияти истиснои давлат мебошанд" [1] ва тибқи Кодекси замин: "...фонди замини мамлакат вобаста ба таъиноти асосӣ ба категорияҳо тақсим карда мешавад" [3]. Вобаста ба ин, муносибати замин ва идоракунии заминҳо дар доираи якчанд фазо – иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, таърихӣ, табиию иқлимӣ, экологӣ сурат мегирад.

Барои ноил шудан ба сатҳи зарурии "таъминоти озуқаворӣ" ва ашёи хом ба соҳаҳои саноат бо назардошти хусусиятҳои болозикр дар самти такмили низоми идоракунии муносибатҳои замин иҷрои вазифаҳои асосии зерин ба мақсад мувофиқ аст: мукаммалгардонии механизмҳои созишкунандаи манфиатҳои стратегӣ ва тактикӣ ташкили низоми муосири заминистифодбарии кишоварзӣ бо истифода аз навгониҳои илмиву инноватсионӣ, пойдор намудани сифатҳои заминистифодабарии устувор дар доираи татбиқи Барномаи рушди низоми агроозуқа ва кишоварзии устувор то давраи соли 2030 (аз 1 марти соли 2023, №54 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст); дастрасии низоми баҳисобгирӣ ва бақайдгирии ҳуқуқи истифодабарии қитъаҳои замин; таъмини эътимоднокӣ ва самаранокии назорати истифодаи тамоми намуди заминҳо, махсусан заминҳои таъиноти кишоварзӣ.

2. Ташкили низоми заминистифодабарии самаранок дар соҳа, ки ҳамчун омили муҳими таъминоти захиравии амнияти озуқавориро баромад менамояд, сифати мураккабу гуногунҷанбаъ дорад. Тибқи муносибати

низоми заминистифодабарӣ се марҳалаи асосии истифодаи онро ҷудо кардан мумкин аст. Марҳилаи якум - давраи ибтидоӣ буда, ҳадафи истифодабарии самараноки заминро муайян мекунад ва ҷиҳати иҷрои самарабахши марҳалаҳои минбаъда шароити заруриро муҳайё мекунад. Мундариҷаи он таъмини ҳуқуқӣ, институтсионалӣ, ташкилӣ-ҳудудӣ, иттилоотии низоми истифодаи замин мебошад. Марҳилаи дуюм – истифодаи бевоситаи воқеии замин буда, барои амалӣ намудани он дастгирии дахлдори иттилоотӣ, технологӣ, захиравӣ, молиявӣ, соҳибкорӣ ва маркетингӣ лозим аст. Марҳилаи сеюм – такрористеҳсолкунӣ, ҳосилхезии замин, барқарор кардани сохтори сифатии хок мебошад.

3. Рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшудаи ватанӣ бо маҳсулоти воридшаванда, таъмини аҳолӣ ва назорати мунтазам оид ба истифодаи самараноки замин.

## БОБИ II. АРЗЁБИИ ВАЗЪИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАМИНҲОИ ТАЪИНОТИ КИШОВАРЗӢ ВА САТҲИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРИИ ВИЛОЯТИ СУҒД

### 2.1. Арзёбии ҳолати муосири рушди соҳаи кишоварзӣ ва фонди заминҳои кишоварзии вилояти Суғд

Дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” дар самти таъминоти захиравии амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ ба ҳайси  тадбирҳои муҳим “...ташаккулдиҳии низоми идоракунии захираҳои замин ва об дар асоси тақсимоти одилона ва устувори он барои парвариши зироатҳои боарзиши кишоварзӣ” [5] муайян карда шудааст. Воқеан ҳам истифодаи оқилонаву самараноки заминҳои таъиноти кишоварзӣ омили калидии таъмини амнияти озуқавории мамлакат ва минтақаҳои он маҳсуб мешавад. Чуноне, ки дар боби қаблӣ таъкид намуда будем, замин унсури асосии сарвати миллӣ ва воситаи асосии истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад.

Бинобар ин, оқилона истифода бурдани захираҳои замини барои тараққиёти кишоварзӣ аҳамияти калон дорад, зеро ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмини озуқаворӣ бо он алоқаманд аст. Дар фаъолияти ҳоҷагидории ҳар як заминистифодабаранда бояд истифодаи оқилонаву самараноки майдони заминҳои кишоварзӣ, нигоҳ доштани сифату ҳосилхезии он ҷойгоҳи марказӣ дошта бошад. Аз ин лиҳоз, мунтазам таҳлили истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар самти арзёбии сохтор ва тағйироти сохтории заминҳои кишоварзӣ ва баҳодиҳии самаранокии истифодаи замин, ки барои таъминоти иттилооти идоракунии он ва коркарди тадбирҳо дар ҷодаи беҳтар намудани сатҳу сифати онҳо нигаронида шудаанд, муҳим мебошад.

Истифодабарии самараноки қитъаҳои заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқавории ҷумҳурӣ аз сатҳу сифати ташкилу идоракунии истифодабарии заминҳои таъиноти кишоварзии минтақаҳо ва истифодабарии оқилонаву самараноки он вобастагӣ дорад. Зеро, ки сатҳи рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, аз он ҷумла маҳсулоти озуқаворӣи

ҳар як минтақа дар ниҳоят сатҳи рушди истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзии мамлакат ва сатҳи амнияти иқтисодии онро муайян менамояд. Дар ин ҷода вилояти Суғд саҳми назаррас дорад. Вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз минтақаи калони мамлакат маҳсуб ёфта, масоҳати он 25,2 ҳазор километри мураббаъро ташкил медиҳад. Дар вилоят соли 2022 беш аз 2823,9 ҳазор нафар аҳолӣ умр ба сар бурда, зичии он ба ҳисоби миёна ба як километри мураббаи масоҳат 112,1 нафарро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2017 20,9 нафар зиёд шудааст. Дар вилоят 10 ноҳия ва 8 шаҳр, 93 ҷамоати деҳот мавҷуд аст. Шумораи аҳолии шаҳрҳо 674,4 ҳазор нафар (23,9 фоизи шумораи умумии аҳолии вилоят) ва аҳолии деҳот бошад, 2149,5 ҳазор нафар (76,1 фоиз)-ро ташкил медиҳад. Айни замон, дар вилоят 14 ноҳияҳои деҳотӣ, 8 шаҳр, 93 ҷамоатҳои деҳот мавҷуданд [111]. Ноҳияҳо ва ҷамоати деҳоти вилоят, асосан, ба соҳаҳои кишоварзӣ машғуланд ва дар таъмини амнияти озуқаворӣи вилоят саҳми назаррас гузошта истодаанд. Умуман, ба вилояти Суғд соли 2023 беш аз 29,4 фоизи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ рост омада буд, ки нисбат ба соли 2017 ба 0,1 банди фоиз кам шудааст. Дар панҷ соли охир ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии мамлакат аз 41,4 то 63 млрд. сомонӣ ва ё 52,1% афзудааст. Дар вилояти Суғд ин нишондиҳанда аз 12,6 то 18,5 млрд сомонӣ ва ё 46,8% афзудааст. Чи тавре аён аст, суръати рушди истеҳсолоти маҳсулоти умумии кишоварзӣ бо нархҳои соли 2023 дар мамлакат аз сатҳи рушди вилоят баландтар мебошад (ниг. диагр. 2.1.1.).

Аммо, тибқи маълумоти омори солонаи вилояти Суғд, ки дар он маҳсулоти умумии кишоварзӣ бо нархҳои муқоисавии соли 2022 ҳисоб карда шуда, дар солҳои 2017-2023 аз 12624,5 то 18495,5 млн. сомонӣ ва ё ба 46,5% зиёд шудааст. Ҳаҷми маҳсулоти растанипарварӣ бошад, аз 9280,5 то 12853,9 млн. сомонӣ ва ё 38,5 % афзудааст.




**Диаграммаи 2.1.1.** Динамикаи маҳсулоти умумии кишоварзӣ ва соҳаҳои он дар вилояти Суғд (млн. сомонӣ) тибқи омори солонаи вилояти Суғд, 2024, с.200

Ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ аз 73,5 то 69,5% ва ё 4 банди фоиз поён рафтааст. Дар ин давраи таҳлилӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ аз 3344 то 5641,6 млн. сомонӣ ва ё 68,7 фоиз афзудааст. Ҳамин тариқ, рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар вилоят, асосан, аз ҳисоби рушди истеҳсолоти маҳсулоти чорводорӣ сурат гирифтааст.

Ҳамин тариқ, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки суръати рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ нисбат ба суръати рушди он дар мамлакат пастар аст, ки он ноустувории нисбии рушди соҳаҳои кишоварзии вилоятро нисбат ба дигар минтақаҳои мамлакат, бахусус вилояти Хатлон, нишон медиҳад.

Бинобар он, таҳлили ҳолати истифодаи захираҳои заминҳои кишоварзии вилоят, ки натиҷаофари бунёдии истеҳсолоти кишоварзӣ мебошанд, зарур аст. Таҳлилу арзёбии захираҳои замин дар асоси ҳуҷҷатҳои бақайдгирии замин гузаронида мешавад. Дар байни онҳо санади давлатӣ дар бораи ҳуқуқи истифодабарии замин, ки масоҳат ва нақшаи сарҳадҳои онро нишон медиҳад, маълумот дар бораи таркиби замин дар

китобу харитаи замин мавҷуд асту дар он тамоми дигаргуниҳое, ки дар истифодаи замин дар давоми сол ба амал омадаанд, инъикос ёфтааast, муҳим мебошад. Дар нақша - лоиҳаи заминистифодабарии дохилихоҷагӣ контурҳо, сарҳади майдонҳо ва дигар параметрҳои майдони заминҳои кишоварзӣ, инчунин низоми тадбирҳо оид ба беҳтар намудани сифати фондҳои заминҳо инъикос ёфтаанд, ки дар заминаи иттилоотии таҳлил қарор мегирад. Вобаста ба он, ки дар низоми таъминоти захиравии амнияти озуқаворӣ захираҳои замин, ҳолати истифодаи оқилонаи он нақши ҳалкунанда дорад, бинобар он, дар асоси истифодаи омори расмӣ таҳлилу арзёбии иқтисодии истифодаи онҳоро мегузаронем, ки барои коркарди пешниҳодот доир ба ташкили истифодаи оқилонаву самараноки минбаъдаи он имконияти васеъ фароҳам меорад.

**Ҷадвали 2.1.1.-** Сохтори умумии заминҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Суғд (ҳазор гектар)

| **Нишондиҳанда** | **2017** | | **2023** | | **Тағйирот (+,-)** | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **Вилояти Суғд** | **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **Вилояти Суғд** | **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **Вилояти Суғд** |
| Масоҳати умумии замин | 14137,7 | 2518,5 | 14137,9 | 2518,8 | 0,2 | 0,3 |
| Ҷамъи заминҳои истифодаи кишоварзӣ | 3658,2 | 1098,2 | 3683,5 | 1099,7 | 25,3 | 1,5 |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| Замини корам | 657,3 | 228,5 | 661,7 | 232,4 | 4,4 | 3,9 |
| ниҳолҳои бисёрсола | 148,2 | 77,4 | 156,9 | 80,5 | 8,7 | 3,1 |
| замини алафдаравӣ | 15,8 | 1,1 | 16,2 | 1,1 | 0,4 | - |
| Чарогоҳ | 2809,6 | 784,5 | 2829,7 | 782,0 | 20,1 | -2,5 |
| замини партов | 27,1 | 6,7 | 19,0 | 3,7 | -8,1 | -3 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024, с. 275; Омори солонаи вилояти Суғд, 2024, с.205

Дар навбати аввал, мо таҳлили муқоисавии сохтори умумии заминҳои кишоварзии мамлакат ва вилояти Суғдро мегузаронем (ҷадвали 2.1.1.). Чи тавре, ки рақамҳои ҷадвали 2.1.1. нишон медиҳанд, соли 2023 дар ҷумҳурӣ масоҳати умумии замин 14137,9 ҳазор гектарро ташкил дода, нисбат ба соли 2017 0,2 ҳазор гектар зиёд шудааст. Дар вилояти Суғд бошад,

масоҳати умумии замин 2518,8 ҳазор гектарро ташкил дода, нисбат ба соли 2015 0,3 ҳазор гектар зиёд шудааст. Масоҳати умумии замини вилоят соли 2023 дар масоҳати умумии замини мамлакат 17,8 фоизро ташкил додааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2017 бетағйир мондааст.

Дар ҷумҳурӣ соли 2023 ҷамъи заминҳои истифодаи кишоварзӣ 3683,5 ҳазор гектарро ташкил дода, нисбат ба соли 2015 25,3 ҳазор гектар зиёд шудааст. Ҳиссаи он дар масоҳати умумии замин 25,9 фоизро ташкил дода, нисбат ба соли 2017 0,3 банди фоиз афзудааст. Дар вилояти Суғд бошад, ҷамъи заминҳои истифодаи кишоварзӣ дар давраи таҳлилӣ аз 1098,2 то 1099,7 ҳазор гектар ва 1,5 ҳазор гектар зиёд шудааст. Заминҳои истифодаи кишоварзии вилоят ба ҷамъи заминҳои кишоварзии мамлакат соли 2023 дар сатҳи 29,9% қарор дошт, ки нисбат ба соли 2017 ҳамагӣ 0,4 банди фоиз васеъ шудааст.

Дар вилояти Суғд соли 2023 майдони заминҳои корам 232,4 ҳазор гектарро ташкил дода, нисбат ба соли 2017 3,9 ҳазор гектар зиёд ва заминҳои зери ниҳолҳои бисёрсола бошад 80,5 ҳаз. гектарро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2017 - 3,1 ҳазор гектар зиёд мебошад. Аммо, замини алафдарав ва чарогоҳ, ки заминаи рушди соҳаҳои чорводориро ташкил медиҳанд, тамоюли камшавиро гирифтааст. Тамоюли мусбат дар он аст, ки дар вилоят майдони заминҳои партов аз 6,7 то 3,7 ҳазор гектар кам шудааст, яъне раванди ба гардиши кишоварзӣ ворид шудани заминҳои партов фаъол гаштааст.

Дар таҳлили тағйироти сохтории заминҳои кишоварзӣ рӯйи кор омадани манфиати истеҳсолгарони кишоварзӣ намоён мешавад. Масалан, замини корам, ки дороии асосии истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад, ҳиссаи он дар ҷамъи заминҳои истифодаи кишоварзии вилоят дар давраи солҳои 2017-2022 аз 20, 8 то 21,1% ва ё 0,2 банди фоиз афзудааст, ки доир ба ҳавасмандии кишоварзон барои нигоҳу васеъ намудани ин навъи замини кишоварзӣ ба хотири баланд бардоштани истеҳсолоти растанипарварӣ мушоҳида мешавад. Аммо, ин нишондиҳанда дар мамлакат коҳиш ёфтааст.

Кишоварзони вилоят ба рушди боғу токпарварӣ низ тавҷҷӯҳи ҷиддӣ дода истодаанд. Дар ин ҷода, зиёд шудани ҳиссаи майдони ниҳолҳои бисёрсола, ки дар давраи таҳлили аз 7,0 то 7,3% ва ё 0.3 банди фоиз зиёд шуда, аз нишондиҳандаи миёнаи мамлакат баланд мебошад, шаҳодат медиҳад. Аммо, ҳиссаи замини алафдаравӣ ва чарогоҳ дар ҷамъи заминҳои истифодаи кишоварзии вилоят тамоюли пастравӣ гирифтааст, сабаби онро минбаъд муайян хоҳем намуд.

**Ҷадвали 2.1.2.** Тағйироти сохтории заминҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Суғд (ҳазор гектар)

| **Нишондиҳанда** | **2017** | | **2023** | | **Массаи таъғйироти сохторӣ, банди фоизӣ, %** | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **Вилояти Суғд** | **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **Вилояти Суғд** | **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **Вилояти Суғд** |
| Ҷамъи заминҳои истифодаи кишоварзӣ | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | - | - |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| Замини корам | 18,1 | 20,8 | 18,0 | 21,1 | -0,1 | 0,2 |
| ниҳолҳои бисѐрсола | 3,9 | 7,0 | 4,21 | 7,3 | 0,31 | 0.5 |
| замини алафдаравӣ | 0,47 | 0,10 | 0,44 | 0,09 | -.0,03 | -0,01 |
| ҷарогоҳ | 76,7 | 71,6 | 76,78 | 71,2 | 0.08 | -0,4 |
| замини партов | 0,82 | 0,61 | 0,54 | 0,38 | -0,28 | - 0,23 |

**Сарчашма**: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024, с.273; Омори солонаи вилояти Суғд, 2024, с.361.

Боигарии муҳими иқтисодиёти кишоварзиро майдони кишти зироатҳо, ки ба рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқавориро муосидат менамояд, ташкил медиҳад. Таҳлили динамика ва сохтори заминҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ дар мамлакат нишон дод, ки дар вилояти Суғд беш аз 32,3 фоизи майдони кишти мамлакат ҷойгир шудааст. Аз рӯйи ин нишондиҳанда вилояти Суғд дар миёни дигар минтақаҳои кишвар ҷойи дуюмро пас аз вилояти Хатлон, ки дар он беш аз 49 фоизи майдони кишти мамлакат рост меояд, ишғол менамояд. Дар тайи панҷ соли охир заминҳои кишти зироатҳои кишоварзии вилояти Суғд аз 270,9 то 279.7 ҳазор гектар ва ё 3,2% зиёд шудааст.

Майдонҳои кишти зироатҳои кишоварзии вилояти Хатлону Суғд беш аз 82 фоизи тамоми майдонҳои кишти мамлакатро ташкил медиҳанд (ҷадвали 2.1.3.).

**Ҷадвали 2.1.3 -** Динамика ва сохтори заминҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ дар мамлакат ва минтақаҳои он

| Минтақаҳо | 2017 | | 2023 | | Тағйирот | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | га | % | га | % | га | % |
| Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ | 837157 | 100,0 | 861692 | 100,0 | 24535 | - |
| аз он ҷумла | | | | | | |
| ВМКБ | 11927 | 1,42 | 10675 | 1,23 | -1252 | - 0,19 |
| ш. Душанбе | 53 | 0,006 | 3940 | 0,45 | 3887 | 0,44 |
| в . Суғд | 270936 | 32,3 | 279758 | 32,4 | 8822 | 0,1 |
| В. Хатлон | 413916 | 49,4 | 430514 | 49,9 | 16598 | 0,5 |
| НТҶ | 140325 | 16,7 | 136805 | 15,8 | 3520 | - 0,9 |

**Сарчашма**: Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон - Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024, с. 132-133.

Пас сатҳи истифодабарии самараноки заминҳои таъиноти кишоварзӣ, амалисозии истифодаи технологияи муосири истеҳсоли кишоварзӣ ва тақдири таъмини амнияти озуқаворecho мамлакатро аслан ҳар ду ин минтақа муайян менамояд. Аммо, истифодаи самараноки заминҳои кишти кишоварзӣ барои вилояти Суғд муҳимтар мебошад, зеро майдони заминҳои кишти зироатҳо ба ҳар як аҳолии вилоят 0,99 гектарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба вилояти Хатлон, ки ин нишондиҳанда ба 0,12 гектар рост меояд, пасттар мебошад. Пайваста бо афзоиши аҳолии мамлакат ва вилоятҳо (масалан дар тайи панҷ соли охир дар мамлакат 11% ва дар вилояти Суғд аз аз 2,6 то 2,8 млн нафар ва ё 7,65 зиёд шудааст) ҳолати сол аз сол маҳдудияти заминҳои кишоварзӣ эҳсос мешавад.




**Диаграммаи 2.1.2.** Сохтори заминҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ дар минтақаҳои мамлакат (%). Ҳисоб карда шуд аз рӯйи: Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон - Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024, с. 132-133.

Чуноне, ки аз диаграммаи 2.1.2. дида мешавад, дар панҷ соли охир сохтор ва ё ҳиссаи майдони кишти зироатҳо дар минтақаҳои мамлакат қариб, ки тағйир наёфтаанд. Бинобар он, идоракунии самараноки захираҳои замини кишоварзӣ дар вилоят ва ноҳияҳои он бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи афзояндаи аҳолӣ ба маҳсулоти озуқа ва ноил шудан ба истиқлолияти озуқавори дар сатҳи минтақа мубрамият пайдо менамояд.

Дар вилоят майдонҳои заминҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ миёни ноҳияҳо нобаробар тақсим шудааст, ки ташкили идоракунии самараноки онҳо бояд вобаста ба хусусиятҳои табиӣ ва шаклгириву рушди муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар ҷодаи истифодабарии заминҳои кишоварзӣ сурат гирад ва афзалиятҳои рушди иқтисодиёти кишоварзии вилоят такя ба иқтидори захиравӣ, яъне заминии ноҳияҳои деҳот муайян карда шавад.

**Ҷадвали 2.1.4. -** Динамика ва сохтори заминҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ дар ноҳияҳои вилояти Суғд

| **Минтақаҳо** | **2017** | | **2023** | | **Тағйирот** | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Гектар** | **Бо %** | **Гектар.** | **Бо %** | **Гектар** | **Банди фоизӣ** |
| Ҳамагӣ дар вилоят | 270936 2 | 100,0 | 279758 | 100,0 | 8821,8 | - |
| аз он ҷумла дар: | | | | | | |
| ш. Исфара | 7444 | 2,73 | 7802 | 2,78 | 358 | 0.05 |
| ш.Конибодом | 13431 | 4,94 | 13428 | 4,79 | -3 | -0,15 |
| ш. Панҷакент | 27163 | 10,0 | 28645 | 10,22 | 1482 | 0.22 |
| ш. Истаравшан | 28088 | 10,4 | 29939 | 10,7 | 1851 | 0,3 |
| ш. Хуҷанд | 36 | 0.013 | 38 | 0,013 | 2 | - |
| ш. Гулистон | 47 | 0.017 | 18 | 0.006 | -29 | -0,011 |
| ш. Бустон | 29 | 0,010 | 25 | 0,009 | 4 | -0,001 |
| ш. Истиқлол | 53 | 0,019 | 14 | 0,005 | -39 | 0,014 |
| н. Айнӣ | 2873 | 1,07 | 2894 | 1,03 | 21 | -0,04 |
| н.Ашт | 13325 | 4,90 | 14152 | 5,04 | 827 | 0,14 |
| н.Деваштич | 41109 | 15,2 | 41498 | 14,8 | 389 | -0,4 |
| н. Зафаробод | 30041 | 11,1 | 30415 | 10,8 | 374 | -0.3 |
| н.Кӯҳистони Мастчоҳ | 3148 | 1,14 | 3475 | 1,21 | 327 | 0,07 |
| н.Мастчоҳ | 25154 | 9,2 | 26120 | 9.33 | 966 | 0,13 |
| н.Спитамен | 16015 | 5,9 | 16611 | 5,93 | 596 | 0,03 |
| н.Ҷ. Расулов | 17690 | 6.5 | 18044 | 6,43 | 354 | -0.07 |
| н.Б. Ғафуров | 28657 | 10,5 | 29992 | 10,6 | 1335 | 0,1 |
| н.Шаҳристон | 16633 | 6,13 | 16648 | 5,93 | 15 | - 0.2 |

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Суғд, 2024, с.208.

Чи тавре, ки маълумоти ҷадвали 2.1.4. нишон медиҳад, ҳиссаи баланди заминҳои кишти зироатҳои кишоварзии вилоятро (соли 2022), асосан, майдонҳои кишти зироатҳои ноҳияҳои Деваштич (14,8%), Зафаробод (10,8%), Б.Ғафуров (10,6%) ва манотиқи деҳоти шаҳрҳои Истаравшан (10,7%), Панҷакент (10,22%), ноҳияҳои Мастчоҳу (9,3%) Спитамен (5,9) ва Ҷ. Расулову (6,4%) Ашт (5%) ташкил додааст. Ин ноҳияҳои номбаршуда беш аз 83 фоизи тамоми майдонҳои кишти зироати кишоварзии вилоятро ташкил медиҳанд.

Истифода аз нишондиҳандаи индекси консентратсияи Ҳерфиндел-Хиршманро сатҳи консентратсияи захираҳои заминро дар ноҳияҳои вилоят арзёбӣ менамоем. Индекси Ҳерфиндел-Хиршман чунин аст:

$$H = \Sigma x_i^2.$$

Аз рӯйи натиҷаи ҳисоб намудани ин индекс метавон сатҳи консентратсияи категорияҳои гуногуни захираҳои заминро дар ноҳияҳои алоҳида қиёс намуд.

Чуноне, ки дар боло қайд карда шуд, дар ноҳияҳои асосии вилоят заминҳои ба истифодаи соҳаҳои кишоварзии вилоят чунинанд: Деваштич - 14,8 фоиз, Зафаробод - 10,8 фоиз, Б.Ғафуров - 0,6 фоиз, Истаравшан - 10,7 фоиз, Панҷакент - 10,22 фоиз, Мастчоҳ - 9,3 фоиз, Спитамен - 5,9, Ҷ.Расулов - 6,4 фоиз, Ашт - 5 фоиз, Конибодом - 4,79%. Агар индекси консентратсияи Херфиндел – Хиршманро ҳисоб кунем, чунин мешавад:
$H = [(1,48) + (1,08) + (1,06\ 1) + (1,07) + (1,02) + (0.93) + (0,59) + (0,64) + (0,5\ ) + (0,48)]^2 = 2,19 + 1,16 + 1,12 + 1,14 + 1,04 + 0,86 + 0,34 + 0,41 + 0,25 + 0,23 = 8,74x100\% = 874$

Захираҳое, ки шохиси (индекс) Херфиндал - Хиршман аз 1800 зиёд аст, монополияи баландихтисос ба ҳисоб мераванд. Дар ҳисоби мо ин шохис 874 аст, яъне, монополия вуҷуд надорад. Барои эътимод мо натиҷаҳои ҳисобкунии ин индексро тағйир медиҳем. Аз рӯйи мазмуни шохиси (индекс) консентратсияи Херфиндал-Хиршман, агар қиммати максималии

он ҳамеша ба як баробар бошад, ин ҳангоми ба як ноҳия тааллуқ доштани захираҳои заминро ифода менамояд, пас арзиши минималии он, ки ба тақсимоти якхела дар байни минтақаҳои ҷумҳурӣ мувофиқат мекунад 1/n аст, дар ин ҷо n шумораи ноҳияҳои вилоят аст, яъне мо 10 ноҳияро интихоб кардем, ки ҳиссаи майдони кишти онҳо аз 4,5 фоиз болоро ташкил медиҳад.

Он гоҳ маълум мешавад, ки қимати ҳадди ақал 0,1 (1/10) ё 10% аст. Аз ин лиҳоз, ноҳияҳои таҳқиқшавандаро мо тавассути шохиси (индекси) дигаргуншудаи Херфиндал-Хиршман муқоиса кардем, ки он бо фоизи диапазони тағйирёбии он бо қимати минималӣ (10%) ифода карда мешавад. Дар ин маврид, формулаи мӯътадилшудаи индекси Херфиндал-Хиршман истифода мешавад: Нмут = (Н-Нмин)|(1-мин) х 100. Ҳисоб кардани ин индекси консентратсияи мӯътадилшудаи Ҳерфиндел-Хиршман инчунин нишон дод, ки консентратсияи аз ҳад зиёди захираҳои замин дар ноҳияи алоҳида вуҷуд надорад. Аммо, дар баъзе ноҳияҳо ба ихтиёри гурӯҳҳои хурди аҳолӣ, ки худ ба истифодабарии замин барои кишоварзӣ ҳавасманд намебошад, дар ихтиёри худ майдони нисбатан калони заминҳои кишоварзиро дар ихтиёр дорад, ки дараҷаи пасти истифодабарии он ба назар мерасад.

Барои арзёбии сатҳи фарқият ва ё тафовут дар тақсимоти заминҳои кишоварзӣ миёни ноҳияҳои вилоят аз руйи шумораи аҳолии онҳо мо ба принсипи Лоренс (қаҷхаттаи Лоренс) такя намудем. Дар асоси гурӯҳбан-дии ноҳияҳо ошкор карда шуд, ки беш аз 40,5 фоизи майдони кишти вилоят ба гурӯҳи ноҳияҳое рост меояд, ки ҳиссаи аҳолии онҳо дар шумораи умумии аҳолии вилоят 4 то 7,9 фоизро ташкил медиҳад (ҷадвали 2.1.5.).

Ба ин гурӯҳ чунин ноҳияҳо маҳсуб мешаванд: Ашт, Деваштич, Конибодом, Мастчоҳ, Спитамен, Ҷаббор Расулов. Гурӯҳи ноҳияҳое, ки ҳиссаи аҳолиашон то 3,9 фоизро ташкил медиҳад дар ихтиёрашон 18,6 фоизи майдони кишти вилоят рост меояд.

**Ҷадвали 2.1.5** Гурӯҳбандии ноҳияҳо аз рӯйи вазни хоси аҳолӣ ва заминҳои кишоварзии ба онҳо вобастагардида дар соли 2022

| Гурӯҳи ноҳияҳо аз рӯйи вазни хоси аҳолӣ дар шумораи умумии аҳолии вилоят, % | Ноҳия | Майдони кишт, га | Вазни хос, % | Ба як шаҳрванд, га |
|---|---|---|---|---|
| Якум: то 3,9 | Айнӣ, Зафаробод, Шаҳристон, Кӯҳистони Мастчоҳ | 52034,9 | 279758<br>18,6 | 0,74 |
| Дуюм: 4,0 – 7,9 | Ашт, Деваштич, Ко-ниботом, Мастчоҳ, Спитамен, Ҷ.Расулов | 113301,9 | 40,5 | 0,48 |
| Сеюм: 8,0 – 11,9 | Исфара, Панҷакент, Истаравшан | 69100,2 | 24,7 | 0,32 |
| Чорум: Зиёда 12 | Б.Ғафуров | 45320,8 | 16,2 | 0,39 |

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Суғд, 2024, с. 26, 208-211

Гурӯҳи ноҳияҳое, ки аз 8,0 то 11,9 фоизи аҳолии вилоятро ташкил медиҳанд, 24,7 фоизи майдони киштро дар ихтиёр доранд. Фарқияти нишондиҳандаи заминҳои кишоварзӣ ба ҳар аҳолӣ дар ин гурӯҳҳо аз 0,74 ва 0,32 гектарро ташкил медиҳад. Сатҳи тафовути (вазни фарқият) тақсимоти замин ҳамчун дороии муҳими кишоварзӣ миёни гурӯҳҳои ноҳияҳо 24,3 фоиз (40,5 — 16,2 фоиз)-ро ташкил медиҳад. Зимни таҳлил муайян шуд, ки ҳамон ноҳияҳое, ки зичии аҳолиашон баландд мебошад сатҳи самаранокии истифодаи замин баланд мебошад, яъне самараи маҳдудияти захираҳо (қонуни Госсен) зуҳур мешавад.

Фаъолияти самараноки субъектҳои хоҷагидори соҳаҳои кишоварзии ноҳияҳои номбаршуда дар ниҳояти кор сатҳу сифати рушди соҳаҳои кишоварзии вилоятро муайян менамоянд. Самаранокии заминистифодабарӣ бо шаклҳои хоҷагидориву, заминистифодабарии кишоварзӣ, кори механизмҳои институти ҳуқуқи моликият ба истифодабарии заминҳои кишоварзӣ алоқаманд мебошад.

Бинобар ин, мо тақсимоти заминҳои кишти зироатҳоро аз рӯйи категорияи хоҷагиҳо мавриди омӯзиш қарор додем (ҷадвали 2.1.6.)

**Ҷадвали 2.1.6. -** Динамика ва сохтори заминҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ дар вилояти Суғд аз рӯйи категорияи хоҷагиҳо

| | 2017 | | 2023 | | Тағйирот | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **га** | % | **га** | % | **га** | % |
| Ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо | 270936 | 100,0 | 279758 | 100,0 | 8822 | - |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| Корхонаҳои кишоварзӣ | 33530 | 12,3 | 47329 | 16,9 | 13799 | 4,6 |
| Хоҷагиҳои аҳолӣ | 43798 | 16,2 | 44943 | 16,1 | 1145 | 0,1 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 193608 | 71,4 | 187486 | 67,0 | -6122 | -4,4 |

**Сарчашма:** Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон - Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024, с. 132-133.

Аз маълумоти ҷадвали 2.1.6. маълум мешавад, ки соли 2023 дар вилояти Суғд корхонаҳои кишоварзӣ 47,3 ҳазор гектар замини кишт ва ё 18,9 фоизи майдонҳои кишти вилоятро дар ихтиёри худ доштанд. Майдони кишти онҳо нисбат ба соли 2017 13,7 ҳазор гектар зиёд шуда, ҳиссаи онҳо 4,6 банди фоиз афзудааст. Ин тамоюли зиёдшавӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки солҳои охир мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят бевосита ба ташкили хоҷагиҳои нисбатан калон таваҷҷӯҳи ҷиддӣ дода истодааст, ки он ба талаботи сохтори ташкиливу технологии нав, яъне ташкили хоҷагиҳои коллективии дар пояи истифодаи механизми интегратсияи кишоварзиву саноатӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин ҳолат, самараи қонуни иқтисодии афзалияти корхонаҳои калон нисбат ба корхонаҳои хурд дар самти афзун намудани сармоягузориҳову ташкили фаъолияти инноватсионӣ рӯйи кор меояд.

Дар ин давраи таҳлилӣ майдони кишти хоҷагиҳои хонаводагӣ, ки маҳз онҳо таъмингарони маҳсулоти гӯшту шир ва сабзавот дар бозорҳои маҳаллӣ мебошанд, қариб аз 4,4 то 4,5 ҳазор гектар ва ҳиссаи онҳо дар майдони умумии кишти вилоят 0,1 банди фоиз афзудааст. Бояд қайд кард, ки ҳосилнокӣ ва умуман сатҳи самаранокии истеҳсолоти маҳсулоти озуқаворumии хоҷагиҳои аҳолӣ хеле баланд мебошад ва онҳо ҳамчун қимати максималӣ ва ё эталонӣ барои дарёфт ва рӯйи кор овардани захираҳову иқтидори нуҳуфтаи дигар хоҷагиҳо хизмат менамоянд. Соли 2023 хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ихтиёри худ 187,5 ҳазор гектар ва 67 фоизи тамоми

майдони киштро доштанд. Аммо, ин нишондиҳандаҳо нисбат ба соли 2017 дар андозаи 6,1 ҳазор гектар ва ҳиссаи онҳо дар сатҳи 4,4 банди фоиз поён рафтааст. Ин тамоюл аз он шаҳодат медиҳад, ки тағйироти сохторӣ вобаста бо категорияҳои хоҷагиҳо ба манфиати корхонаҳои кишоварзӣ сурат гирифтааст.

Чунин тамоюли муосирро метавон мусбӣ арзёбӣ намуд, зеро дар ин корхонаҳо рушди индустрияви мушоҳида мешавад. Дарояндаи наздик танҳо хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки сифати рақобатпазириро касб менамоянд дар майдони фаъолияти иқтисодӣ устувор мемонанд.

Мутобиқи қонуни бозор ва принсипҳои ратсионализми иқтисодӣ (таносуби хароҷоту даромад) майдонҳои кишт бояд барои парвариши зироатҳои кишоварзии даромаднок ҷудо карда шуда, тақсим шавад (ҷадвали 2.1.7).

**Ҷадвали 2.1.7. -** Динамикаи замини кишти зироат дар вилояти Суғд

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023 нисбат ба 2017, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 270,9 | 270,9 | 272,6 | 274,8 | 278,6 | 279,8 | 279,8 | 103,3 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | | |
| Зироати ғалла | 126,3 | 126,3 | 119,2 | 120,2 | 124,8 | 128,1 | 127,4 | 101,4 |
| аз он гандум | 48,5 | 48,5 | 44,9 | 46,5 | 50,2 | 55,0 | 55,1 | 113,6 |
| Зироати техникӣ | 61,9 | 61,9 | 67,0 | 67,6 | 65,7 | 57,5 | 55,2 | -10,8 |
| аз он пахта | 50,8 | 50,8 | 57,2 | 58,4 | 58,2 | 49,7 | 48,1 | -5,3 |
| Картошка | 16,1 | 16,1 | 20,3 | 22,4 | 23,1 | 25,1 | 25,3 | 157,1 |
| Сабзавот | 16,2 | 16,2 | 17,8 | 15,9 | 17,9 | 17,9 | 18,5 | 114,2 |
| Полизии озуқавори | 6,1 | 6,1 | 4,9 | 5,7 | 6,5 | 5,9 | 6,1 | - |
| Замини кишти зироати хӯроки чорво | 44,3 | 44,3 | 43,2 | 43,0 | 40,6 | 45,2 | 47,9 | 108,1 |
| Замини ниҳолҳои мева ва буттамева (аз ҷумла ситрусӣ) | 64,6 | 64,6 | 70,7 | 69,3 | 72,1 | 73,0 | 76,7 | 118,7 |
| Токзори гуногунсол | 10,2 | 11,7 | 11,9 | 12,3 | 13,3 | 13,5 | 13,5 | 132,3 |

**Сарчашма**: Ҳисоб карда шуд, аз рӯйи омори солонаи вилояти Суғд, 2024, с.207.

Чи тавре, ки маълумоти ҷадвалӣ 2.1.7. нишон медиҳад, соли 2023 аз 279,8 ҳазор гектар ҳамаи майдони кишти зироатҳо майдони 127,4 ҳазор гектари онро ғалладонагиҳо (аз он 43 фоизашро гандум) ташкил медиҳад. Ҳамин тариқ, 45,3 фоизи заминҳои умумии киштро ғалладонаҳо бар муқобили 46,6 фоизи соли 2017 ташкил додааст. Барои парвариши зироати

техникӣ 55,1 ҳазор гектар ва ё 20,1 фоизи майдони умумии кишт бар муқобили 22,8 фоиз дар соли 2017 ҷудо шудааст. Саҳми парвариши пахта дар майдони кишти зироатҳои техникӣ 87,2 фоизро ташкил додааст.

Зери парвариши картошка 25,3 ҳазор гектар ва ё қариб 9 фоизи майдони умумии кишт қарор дорад, ки ҳиссаи он нисбат ба соли 2017 ба 3,1 банди фоизӣ (5,9%) зиёд шудааст. Дар давраи таҳлилӣ майдони кишти зироатҳои сабзавот 2,3 ҳазор гектар зиёд шудааст, яъне аз 16,2 то 18,5 ҳазор гектар ва ҳиссаи онҳо дар майдони умумии кишт аз 5,9 то 6,6 фоиз зиёд шудааст. Дар ин давраи таҳлилӣ майдони замини кишти зироати хӯроки чорво 3,69 ҳазор гектар ва саҳми он дар майдони умумии кишт соли 2023 17,1 фоизро ташкил додааст, ки нисбат ба солҳои қаблӣ тағйир наёфтааст. Замини ниҳолҳои мева ва буттамева (аз ҷумла ситрусӣ) соли 2023 76,7 ҳазор гектарро ташкил дода, нисбат ба соли 2017 12,1 ҳазор гектар зиёд шудааст. Токзори гуногунсол ҳам дар ин давра аз 10,2 то 13,5 ҳазор гектар зиёд шудааст.

Чуноне, ки маълумоти ҷадвали 2.1.7 нишон медиҳад, тамоюли афзоиши майдони кишти зироатҳо (дар панҷ соли охир ҳамагӣ 3,3% зиёд шудааст) қаноатбахш намебошад. Бинобар ин, корхонаҳои кишоварзӣ вазифадоранд, ки ҳар гектар замини корамро самаранок истифода баранд, иловатан, даҳҳо гектар заминҳои бекорхобида, алафзори камҳосил ва чарогоҳҳо, буттазорҳо, ботлоқзорҳо, ки дар вилоят мавҷуд мебошанд, онҳоро ба заминҳои ҳосилхез табдил диҳанд. Бинобар ин, ҳангоми мониторинги истифодабарии фонди замин тағйир ёфтани андозаи заминро омӯхта, имкониятҳои боз ҳам васеъ кардани майдони кишт, беҳтар намудани алафзор ва чарогоҳҳои ҳар як хоҷагии кишоварзиро муайян кардан лозим аст. Омилҳои муҳими баланд кардани самаранокии истифодабарии замин ин пиёдасозии такрористеҳсолкунӣ мебошад. Дар асоси пешниҳоди олимони соҳа ҷиҳати беҳсозии сифати хок бояд усулҳои танзими намии замин, андохтани нуриҳо ва нарм кардани он роҳандозӣ гарданд. Баланд бардоштани ҳосилхезии замин дар давраи дарозмуддат аз

нуриҳои органикӣ мунтазам бой гардонидани замин, оҳак андохтан ба заминҳои турш, мелиоратсияи заминҳои дорои хусусиятҳои табиии номусоид вобаста аст.

Истифодабарии пайдарпайи нуриҳои ғайриорганикӣ ба хок таъсири манфӣ расонида, гумуси органикии онро сол то сол кам мекунанд. Барои дар замин нигоҳ доштани консентратсияи оптималии гумус бо назардошти намуди хок, ҳар сол ба ҳар гектар замини корам на кам аз 13—15 тонна поруи органикӣ андохтан лозим аст. Барои таъмин намудани балансi мусбати гумус (0,01% дар як сол) дар як гектар ба андозаи то 20 тонна моддаи органикӣ, аз ҷумла зимни киштгардон 10–12 тонна, дар мавриди роҳандози намудани киштгардон 14–18 тонна ва 70 тонна моддаҳои органикӣ андохтан лозим аст. Бо мақсади нигоҳ доштан дараҷаи лозима ва ба вуҷуд овардани мувозинаи мусбати гумус майдони кишти алафҳои бисёрсола ва поруи сабзро васеъ кардан лозим аст. Пас аз шудгори алафҳои бисёрсола дар қабати болоии замин гумус 0,2—0,3 фоиз зиёд мешавад. Ҳосилнокии замин аз ҳисоби коштани поруи сабз дар якҷоягӣ бо андохтани пору 18-20 фоиз меафзояд. Поруи сабз заминро аз моддаҳои органикӣ бой гардонида, воситаи самарабахши муборизаи зидди алафҳои бегона ва ҳашароти зараррасони растаниҳо мебошад.

Рушди минбаъдаи ҳосилнокии замин ба назари мо бо беҳтар намудани ҳолати заминҳои табиии хӯроки чорво, алафзор ва чарогоҳҳо алоқаманд мебошад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки саҳми онҳо дар майдони умумии заминҳои таъиноти кишоварзӣ калон мебошад. Тавре, ки таҷрибаи хоҷагиҳои пешқадами ҷаҳон нишон медиҳад, шаклҳои интенсивии истифодабарии заминҳои таъиноти кишоварзӣ, ба вуҷуд овардани чарогоҳҳои бисёрсола метавонад самараи калон орад. Ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин истифодаи технологияи интенсивии парвариши зироатҳо, истифода бурдани навъҳои ҳосилхезии зироатҳои маҳалликунонидашуда, такмил додани сохтори зироатҳо, дар

вақти оптималӣ гузарондани тамоми корҳои саҳроӣ, такмил додани ташкили меҳнат, баланд бардоштани ихтисоси коргарон, баланд бардоштани маданияти зироаткорӣ ва ғайра низ мусоидат мекунад.

## 2.2. Таҳлили самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзии вилояти Суғд

Имрӯз дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ҳадафи асосӣ ин таъмини рушди бахши воқеии иқтисодӣ, ки иқтисодиёти кишоварзӣ соҳаи муҳими он маҳсуб мешаваду асоси таъмини амнияти озуқаворзии мамлакат ва минтақаҳои онро ташкил медиҳад, равона шудааст. Дар ин ҷода, мукаммалгардонии низоми заминистифодабарии кишоварзӣ дар доираи татбиқи “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, ки дар он “баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои замин ва об” яке аз афзалиятҳо пазируфта шудааст [5], бештар муҳимият пайдо менамояд. Бинобар ин, таҳлил ва баҳисобгирии механизми бозории истифодабарии қитъаҳои замин ва арзёбӣ намудани тамоюли гардиши заминҳои кишоварзӣ, муайян намудани қонуниятҳову тамоюлҳои рушди механизми бозории дар низоми заминистифодабарӣ ва сармоягузории қитъаҳои замини субъектҳои хоҷагидор – истифода-барандагони заминҳои кишоварзӣ зарур аст.

Ҷараёни тағйирёбии сохтори майдонҳои заминҳои кишоварзӣ вобаста ба категрория ва шаклҳои хоҷагидорӣ дар доираи рушди муносибатҳои бозорӣ бояд афзоиши сатҳи нишондиҳандаҳои самаранокии замин ва ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ, аз он ҷумла маҳсулоти озуқавориро мусоидат намоянд. Ташкили истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва шомил кардани онҳо ба гардиши иқтисодиву экологӣ аз тарафи иштирокдорони гуногуни муносибат бо замин, умуман ҳаҷми талабот ва пешниҳоди қитъаҳои заминро талаботи бозории истеъмолгарон ба маҳсулоти кишоварзӣ муайян менамояд.

Рушди муносибатҳои бозорӣ ба субъектҳои хоҷагидори кишоварзӣ имкониятҳои васеъро дар самти баланд бардоштани идоракунии иқтисодии

онҳо, идораву истифодаи мустақилонаи заминҳои кишоварзӣ, таҳияву татбиқи барномаҳои истеҳсолиро боназардошти талаботи бозор ба маҳсулоти кишоварзӣ ва азхудкунии натиҷаҳои истеҳсолот фароҳам овардааст [129, с.10-22]. Ташкилоти кишоварзӣ - истифодабарандагони заминҳои кишоварзӣ айни замон дорои ҳокимияти иқтисодӣ дар истифодаи озодонаи заминҳои кишоварзиро доранд.

Дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ худи корхонаҳои кишоварзӣ такя ба принсипи иқтисодиву бозории «хароҷот-фоида» самтҳои асосии истифодаи замин, индикаторҳои ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва захираҳои зарурии онро муайян мекунанд. Дар вилояти Суғд тамоюли устувори рушди субъектҳои хоҷагидорӣ мутобиқ ба шароити бозор мушоҳида мешавад, ташкили истеҳсолоти кишоварзиро дар асоси принсипи бозории номбурда бомуваффақият роҳандозӣ менамоянд Яъне, пайваста бо рушди муносибатҳои бозорӣ механизмҳои бозории истифодаи заминҳои кишоварзӣ суръат бахшида истодаанд. Ин ҳолатро метавон дар асоси таҳлили таъсири тағйироти сохтории заминҳои кишоварзӣ ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ муайян намуд.

**Ҷадвали 2.2.1. -** Таъсири тағйирёбии сохтори заминҳои кишоварзӣ

| Намуди замин | Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба 1 га замин ба ҳисоби миёна дар хафт соли охир, сомонӣ | Сохтори заминҳои кишоварзӣ, % | | | Тағйироти истеҳсоли маҳсулот ба 1 га. сомонӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2017 | 2023 | Тағйироти соли 2023 нисбат ба соли 2017, % | |
| Ба 1 гектар ҷамъи заминҳои истифодаи кишоварзӣ | 10482,7 | | | | |
| аз он ҷумла: | | | | | |
| Замини корам | 49859,5 | 20,9 | 21,1 | 0,2 | + 99,5 |
| ниҳолҳои бисёрсола | 149728,8 | 6,7 | 7,2 | 0.5 | + 748,6 |
| замини алафдарав | 11024981,8 | 0,10 | 0,09 | -0,01 | -1102,5 |
| чарогоҳ | 14694,8 | 71,6 | 71,2 | -0,4 | - 58,8 |
| замини партов | 2264641,05 | 0,61 | 0,38 | - 0,23 | +5208,7 |
| Ҳамагӣ | - | 100,0 | 100,0 | 0,06 | 4895,5 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф аз рӯйи омори солонаи вилояти Суғд, 2024, с. 203-205

Аз маълумоти ҷадвали 2.2.1. бармеояд, ки тағйир додани сохтори заминҳои кишоварзӣ ба самти афзоиши ҳиссаи заминҳои корам ниҳолҳои

бисёрсола боиси аз 1 гектар мувофиқан зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба 99,5 ва 748,6 сомонӣ гаштааст. Дар натиҷаи ба гардиши кишоварзӣ даромадани заминҳои партов истеҳсолоти маҳсулот аз ҳар як гектар ба сатҳи 5208,7 сомонӣ зиёд шудааст. Дар натиҷаи тағйир ёфтани сохтори заминҳои кишоварзӣ дар умум боиси аз 1 гектар зиёд шудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар сатҳи 4895,5 сомонӣ гашта, аз тамоми майдони заминҳои кишоварзӣ зиёд шудани ҳосил дар ҳаҷми 5277 ҳазор сомони (4,8 х1099,4 ҳазор.га) гардид. Яъне, аз 2,6 мрд сомонӣ ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (бо нархи соли 2022) (12299,6 - 9631,7 = 2667,9 млн. сомонӣ), ки соли 2023 нисбат ба соли 2017 дар қимати мутлақ афзудааст, 0,2 фоизи он аз ҳисоби тағйироти сохтории майдони заминҳои кишт рух додааст.

Чи тавре, ки дар боби якуми диссертатсия қайд намуда будем, барои арзёбии самаранокии истифодабарии қитъаҳои замин низоми нишондиҳандаҳои умумӣ, ҷузъӣ ва ёрирасон истифода мешаванд[1]. Аз рӯйи ин нишондиҳандаҳо самаранокии истифода заминҳои кишоварзии вилояти Суғдро тавсиф медиҳем (ҷадвали 2.2.2).

Чи тавре, ки рақамҳои ҷадвали 2.2.2. ва расми 2.2.1. нишон медиҳад, дар давраи солҳои 2017-2023 маҳсулоти умумии кишоварзӣ (бо нархҳои соли 2022) 46,8% зиёд шудааст, истеҳсоли он ба 1 га ҷамъи заминҳои истифодаи кишоварзӣ 46,3% ва заминҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ 41,5% зиёд шудааст.

[1] Ба нишондиҳандаҳои умумӣ арзиши аслии маҳсулот, маблағи фоида ба ҳар 100 гектар замини қиёсии кишоварзӣ ба нишондиҳандаҳои ҷузъӣ ҳосилнокии зироатҳо, истеҳсоли воҳиди хӯроки чорво аз 1 гектар замини алоҳида, инчунин ҳаҷми истеҳсоли шир ва гӯшт ба 100 гектар замини кишоварзӣ мебошанд. Нишондиҳандаҳои ёрирасоне, ки самаранокии истифодаи заминро нишон медиҳанд, сарфи маблағ, ҳосилнокии меҳнат, фоиданокии 1 гектар замин, инчунин баргардонидани ҳароҷот (таносуби арзиши аслии маҳсулоти аз 1 гектар гирифташуда ба арзиши миёнаи 1 гектар) ва ғайра дохил мешавад.

**Ҷадвали 2.2.2.** Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзии дар ҳамаи хоҷагиҳои вилояти Суғд

| Нишондиҳанда | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023 нисбат ба 2017, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Маҳсулоти умумии кишоварзӣ (бо нархҳои соли 2022), млн. сомонӣ | 12624,5 | 13220,2 | 14225,6 | 15419,7 | 14203,9 | 16068,8 | 18495,5 | 146,8 |
| ба 1 га, сомонӣ: | | | | | | | | |
| ҷамъи заминҳои истифодаи кишоварзӣ | 11495,6 | 12031,5 | 12946,5 | 14028,1 | 12919,7 | 14613,3 | 16818.6 | 146,3 |
| заминҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ | 46602,1 | 48496,7 | 51767,1 | 55347,1 | 50764,5 | 57429,6 | 65984,6 | 141,5 |
| Маҳсулоти растанипарварӣ, млн. сомонӣ | 9280,5 | 9692,3 | 10320,3 | 10999,2 | 10454,2 | 11171,0 | 12853,9 | 139,1 |
| ба 1 га, сомонӣ | | | | | | | | |
| ҷамъи заминҳои истифодаи кишоварзӣ | 8450,6 | 8820,8 | 9388,9 | 10006,5 | 9509,0 | 10159,1 | 11688,5 | 138,3 |
| заминҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ | 31194,5 | 32358,0 | 34166,3 | 35917,1 | 34131,4 | 36308,4 | 41699,9 | 133,6 |
| Маҳсулоти чорводорӣ, млн. сомонӣ | 3344 | 3527,9 | 3905,3 | 4420,5 | 3749,7 | 4897,8 | 5641,6 | 168,7 |
| ба 1га, сомонӣ | | | | | | | | |
| ҷамъи заминҳои истифодаи кишоварзӣ | 3044,9 | 3210,6 | 3554,1 | 4021,5 | 3410,7 | 4454,1 | 5130,1 | 168,5 |
| заминҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ | 12344,0 | 12941,7 | 14211,4 | 15866,8 | 13401,3 | 15918,8 | 18302,2 | 148,2 |

**Сарчашма:** Ҳисоб карда шуд: Омори солонаи вилояти Суғд, 2024, с.200-208

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали боло бармеояд, ки зиёдшавии нишондиҳандаи сифатӣ дар натиҷаи афзудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ ба ҳар як гектар заминҳои истифодаи кишоварзӣ, ки дар давраи таҳлилӣ 68,7% афзудааст, зиёд шудааст.




**Диаграммаи 2.2.1.** Динамикаи истеҳсоли маҳсулоти умумии кишоварзӣ ба ҳар як гектар заминҳои истифодаи кишоварзӣ, сомонӣ. (манбаъ: Омори солонаи вилояти Суғд, 2024, с.200-208)

Чуноне, ки аз диаграммаи 2.2.1 аён аст, бидуни тағйироти ночизи заминҳои истифодаи кишоварзӣ истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар як гектар заминҳои истифодаи кишоварзӣ тамоюли болорвиро дорад, ки ин аз истифодаи самараноки замин шаҳодат медиҳад.

Соли 2021 дар иқтисодиёти кишоварзии вилоят 68823 адад хоҷагиҳову корхонаҳои кишоварзӣ фаъолият доштанд, ки нисбат ба соли 2017 8,4% афзудааст [111].

Сатҳи самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзиро дар асоси таҳлили қиёсии истифодабарандагони категорияҳои хоҷагидорӣ арзёбӣ менамоем. Дар натиҷаи ислоҳоти аграрии мамлакат барои пойдориву густариш додани сифатҳои иқтисоди бозорӣ дар иқтисодиёти кишоварзии вилоят шумораи бисёри шаклҳои гуногуни истифодабарандагони заминҳои кишоварзӣ - хоҷагиҳои деҳқонӣ, корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои аҳолӣ фаъолият намуда, фазои рақобатӣ эҷод менамоянд (диаграммаи 2.2.2.).




**Диаграммаи 2.2.2.** Шумораи субъектҳои хоҷагидор дар иқтисодиёти кишоварзии вилояти Суғд (Манбаъ: Омори солонаи вилояти Суғд, 2024, с.200.)

Дар ин давра шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ 5012 адад афзуда, шумораи корхонаҳои кишоварзӣ, ки зери моликияти давлатӣ қарор доранд 354 адад кам гардидааст. Ҳамин тариқ, дар соҳаи кишоварзӣ хоҷагиҳои деҳқонии калон, хурд ва миёна, ки фаъолияти онҳо ба принсипҳои бахши хусусиву бозорӣ ва ниҳодҳои бунёдии бозорӣ (институти ҳуқуқи моликият, коргарони иҷора, фоида, рақобат, нарх ва ғайра) асос ёфтааст, нақши калидӣ доранд. Дар соҳаи кишоварзӣ, иқтисодиёти деҳот хоҷагиҳои аҳолӣ, хонаводаҳо, хоҷагиҳои ёрирасон, низ истифодабарандагони самараноки заминҳои кишоварзӣ мебошанд. Онҳо низ дар таъмини маҳсулоти озуқаворӣ дар бозор, таъмини захиравии амнияти иқтисодии минтақа нақши муҳим доранд. Барои фаъолияти хоҷагидории онҳо заминҳои кишоварзӣ вобаста карда шудааст, ки мутобиқи он дар истеҳсоли маҳсулоти умумии кишоварзии вилоят иштирок менамоянд.

Чи тавре рақамҳои ҷадвали 2.2.3 ва диаграммаи 2.2.3. нишон медиҳанд, дар корхонаҳои кишоварзии вилоят дар давраи солҳои 2017-2022 майдони кишти онҳо аз 35,5 то 47,3 ҳазор гектар ва ё беш аз 41% зиёд шудааст. Ҳиссаи заминҳои кишти зироатҳои онҳо дар майдони умумии

кишти вилоят соли 2021 16,9% -ро бар муқобили 13,4%-и соли 2017 ташкил додааст.

**Ҷадвали 2.2.3**. - Арзёбии қиёсии нишондиҳандаи самаранокии истифодаи замин дар бахши кишоварзии вилояти Суғд.

| Нишондиҳанда | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022 нисбат ба 2018, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Корхонаҳои кишоварзӣ, млн. сомонӣ | 671,9 | 856,8 | 1418,4 | 1623,0 | 2447,9 | 364,3 |
| Майдони кишт, гектар | 33530 | 41130 | 47914 | 48884 | 47329 | 141,2 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ, млн. сомонӣ | 4209,9 | 4630,3 | 4883,5 | 5191,4 | 4979,3 | 118,3 |
| Майдони кишт, гектар | 193608 | 186891 | 182096 | 184815 | 187486 | -3,2 |
| Аҳолӣ, млн. сомонӣ | 4750,0 | 4602,7 | 4423,5 | 4976,4 | 4872,3 | 102,5 |
| Майдони кишт, гектар | 43798 | 44545 | 44785 | 44941 | 44943 | 102,5 |
| истеҳсол ба 1 га майдони кишт, сомонӣ | | | | | | |
| Корхонаҳои кишоварзӣ | 20038,7 | 20831,5 | 29603,0 | 33201 | 51720,9 | 258,5 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 21744,4 | 24775,4 | 26818,2 | 28089,7 | 26558,2 | 122,1 |
| Аҳолӣ | 108452,4 | 103326,9 | 98771,9 | 110731,8 | 108410,6 | -0.04 |

**Сарчашма**: ҳисоб кард шуд аз рӯйи Омори солонаи вилояти Суғд, 2022, с.278. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон - Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023, с. 132-133.




**Диаграммаи 2.2.3**. Ҳиссаи майдони кишт ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯйи хоҷагиҳо бо %, тибқи омори солонаи вилояти Суғд, 2022, с.278. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон /Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022, с. 132-133.

Ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳо дар ин давраи таҳлилӣ аз 671,9 то 2447,9 млн сомонӣ ва ё 3,6 маротиба афзудааст. Ҳиссаи онҳо дар истеҳсоли маҷмӯи умумии маҳсулоти кишоварзӣ аз 6,9 то 19,9 ва ё 13 банди фоиз афзудааст. Чи тавре, ки ин рақамҳо нишон медиҳанд, афзоиши истеҳсоли ҳаҷми махсулоти кишоварзӣ, асосан, аз ҳисоби баланд бардоштани ҳосилнокии заминҳо ва самаранокии ташкили истеҳсолот сурат гирифтааст. Зеро суръати рушди истеҳсолот нисбат ба сатҳи афзоиши заминҳои кишоварзӣ беш аз 2,5 маротиба зиёд аст, яъне ба ҳар як банди афзоиши замин рушди истеҳсоли маҳсулот қариб 2,6 банд афзудааст.

Дар давраи солҳои 2018-2022 майдони кишти зироатҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ дар сатҳи 3,25 ва ё 6,2 ҳазор гектар кам шудааст, мувофиқан ҳиссаи он дар заминҳои кишти умумии вилоят аз 71,4 то 67% ва ё 4,4 банди фоиз кам шудааст, аммо ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии онҳо 18,3% зиёд шудааст. Дар ҳамин ҳол, таъсири камшавии майдони кишти онҳо ба ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии истеҳсолоти кишоварзии вилоят мушоҳида мешавад. Соли 2022 ин нишондиҳанда 40,5 фоизро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2018 (43,7%) 3,2 банди фоиз кам шудааст. Яъне, дар ин хоҷагиҳо вобастагии зичи ҳаҷми истеҳсолот аз заминҳои кишти зироат мушоҳида мешавад, ҳатто, ин вобастагӣ нисбат ба ҳосилнокии заминҳо баландтар мебошад.

Чуноне, ки дар боло қайд намудем, хоҷагиҳои аҳоли дар истеҳсоли маҳсулоти зарурии озуқаворӣ (ширу гӯшт, сабзавоту меваҷот) саҳми назаррас доранд. Дар давраи таҳлилӣ майдон кишти онҳо аз 43,7 то 44,9 ва ё 2,5% афзуда ҳиссаи онҳо дар майдони умумии кишт дар ин давра бетағйир, яъне дар сатҳи 16,1% боқӣ мондааст. Ҳаҷми истеҳсоли онҳо соли 2022 дар сатҳи 4872, 3 млн. сомонӣ қарор дошт, ки нисбат ба соли 2018 2,55 афзудааст. Ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии истеҳсолоти кишоварзӣ бошад, аз 49,3 то 39,6 фоиз, яъне 9,7 банди фоиз паст фаромадааст. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар давраи таҳлилӣ накши онҳо дар истеҳсоли маҳсулоти

озуқаворӣ тамоюли пастравӣ гирифтааст, ки ин андешидани тадбирҳоро тақозо менамояд.

Акнун, ҳолати истифодаи самараноки заминҳои кишти зироатҳо ва нишондиҳандаҳои онҳоро, ки дар қисми поёнии ҷадвали 2.2.3 омадааст, мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор медиҳем. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои кишоварзӣ ба ҳар як гектар замин соли 2022 51,7 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2018 дар сатҳи қариб 2,6 маротиба ва ё дар қимати мутлақ дар андозаи 13,3 ҳазор гектар зиёд шудааст. Сатҳи рушди ин нишондиҳанда миёни дигар хоҷагиҳо хеле баланд ва ё мақсималӣ мебошад. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии хоҷагиҳои деҳқонӣ ба ҳар як гектар замин дар ин давраи таҳлилӣ аз 21,7 то 26,5 ҳазор сомонӣ ва 22,1 зиёд шудааст.

Аз рӯйи болоравии ин нишондиҳандаҳо метавон гуфт, ки истифодаи самараноки заминҳои кишти зироат дар ин ду хоҷагиҳо мушоҳида мешавад. Аммо, агар онҳоро бо нишондиҳандаи самаранокии кишварҳои саноатии миёна ва хоҷагиҳои хонаводагӣ муқоиса намоем, паст мебошанд. Дар давраи панҷ соли охир, яъне дар давраи солҳои 2017-2022 ҳарчанд истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар як гектар дар хоҷагиҳои аҳолӣ поён рафтааст, яъне 0,04% паст шудааст, аммо нишондиҳандаи онҳо аз ҳама баландтарин буда, нисбат ба дигар хоҷагиҳои номбаршуда, масалан, корхонаҳои кишоварзӣ қариб 2 маротиба ва нисбат ба хоҷагиҳои деҳқонӣ беш аз 4 маротиба зиёд аст.

Нишондиҳандаҳои хоҷагиҳои аҳолӣ доир ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба як гектар ҳамчун нишондиҳандаи эталонӣ ва имконпазир барои дигар хоҷагиҳо хидмат менамоянд. Вобаста ба ин онҳо захираҳо ва омилҳои нуҳуфтаи истифодаи самараноки заминро барои ба ин нишондиҳандаҳо расидан бояд дарёбанд.

Нишондиҳандаи ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, яъне истеҳсоли маҳсулоти зиратҳои кишоварзӣ аз ҳар як гектар замин индикатори муҳими натуралии истифодаи самараноки замин маҳсуб мешавад. Зимни таҳлил

аён гардид, ки ҳосилнокии бисёри зироатҳо дар кишоварзии вилоят дар давраи таҳлилӣ (ба истиснои ангур, ки 26,4% кам шудааст) хеле назаррас мебошанд. Масалан, ғалладонагиҳо дар давраи солҳои 2017-2023 дар сатҳи 27,4%, картошка – 15,8%, сабзавот – 13,9% зиёд, ҳосилнокии мева, бутта-мева (аз ҷумла ситрусӣ) 40.9 фоиз баланд шудааст (ҷадвали 2.2.4).

**Ҷадвали 2.2.4.** Динамикаи ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ (с\га) ва маҳсулнокии чорво

| Нишондиҳанда | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023 нисбат ба 2017, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Зироати ғалла | 23.7 | 23,7 | 22,4 | 26,9 | 27,1 | 24,9 | 30.2 | 127,4 |
| Пахта | 23,7 | 23,7 | 19,3 | 22,5 | 19,4 | 23,3 | 25,1 | 105,9 |
| Картошка | 201,3 | 201,3 | 204,9 | 200,5 | 219,7 | 210,9 | 233,2 | 115,8 |
| Сабзавот | 270,5 | 270,5 | 265,2 | 277,2 | 281,1 | 293,4 | 308,1 | 113,9 |
| Полезии озуқаворӣ | 206,2 | 206,2 | 226,1 | 214,7 | 229,0 | 251,5 | 351,0 | 170,2 |
| Мева ва буттамева (аз он ситрусӣ) | 27,6 | 27,6 | 27,8 | 29,2 | 27,0 | 17,8 | 38,9 | 140,9 |
| Ангур | 55,6 | 55,6 | 56,9 | 56,2 | 43,4 | 47,2 | 40.9 | -26,4 |
| Ширдӯшии миёна аз як сар модагов, кг | 1588 | 1589 | 1611 | 1649 | 1656 | 1766 | 1936 | 121,9 |
| Тухмгирии миёна аз ҳар як сар мурғи зоён, дона | 261 | 265 | 250 | 214 | 228 | 215 | 291 | 111,4 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф: Омори солонаи вилояти Суғд, 2024 с.229, 255-256.

Дар ин давра ширдӯшии миёна аз як сар модагов аз 1588 то ба 1936 кг расида, 21,9% зиёд шудааст. Албатта, ин нишондиҳанда дар муқоиса ба маҳсулнокии чорвои зотӣ хеле кам аст ва чунин ҳосилнокӣ ва ё ширдӯшии миёна аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ин бахш вазни қиёсии чорвои каммаҳсул зиёд аст. Тухмгирии миёна аз ҳар як сар мурғи зоён дар сатҳи 11,4% баланд шудааст, ки дар шароити таваҷҷӯҳу дастгирии давлатӣ дар самти таъмини рушди парандапарварии саноатӣ пешниҳод намудани имтиёзҳои андозӣ, тамоюли мусбиро касб намудааст. Умуман, тамоюли устувори ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва маҳсулнокии чорво мушоҳида мешавад, ки ба пайдоиши таҳдидҳо дар таъмини амнияти озуқаворини муқовимат менамояд. Аммо, новобаста аз ин тамоюлоти мусбӣ андешидани тадбирҳо дар самти ба кор даровардани имконияту иқтидорҳои нуҳуфта дар хоҷагиҳои вилоят хеле муҳим мебошад.

Мутобиқи муносибати бенчмаркинг истифода аз методи фосила метавон имконияту иқтидори баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзиро дар қиёс ба қимати максималӣ муайян намуд. Дар ин муносибат ҳамон хоҷагиҳои кишоварзӣ, ки қимати максималии ҳосилнокиро ба даст овардаанд, бар сифати эталони қиёс ва ҳадафи ноилгардии дигар хоҷагиҳо хидмат менамояд. Таҳлилҳои қиёсии ҳосилнокии зиратҳои кишоварзӣ дар ноҳияҳои кишоварзии вилоят нишон дод, ки сатҳи ноустуворӣ ва нобаробарии онҳо хеле баланд аст (ҷадвали 2.2.5).

**Ҷадвали 2.2.5.** Сатҳи ҳосилнокии зироатҳо дар ноҳияҳои кишоварзии вилоят ва фарқияти онҳо аз қимати мақсималӣ (соли 2022)

| Минтақаҳо | Зироати ғалла | | Картошка | | Сабзавот | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Сентр\га.** | **Нисбат ба қимати максималӣ** | **Сентр\га.** | **Нисбат ба қимати максималӣ** | **Сентр\га.** | **Нисбат ба қимати максималӣ** |
| Ҳамагӣ дар вилоят | 24,9 | 0,43 | 210,9 | 0,63 | 293,4 | 0,81 |
| аз он ҷумла дар: | | | | | | |
| ш. Исфара | 34,1 | 0,58 | 180,4 | 0,54 | 255,4 | 0,70 |
| ш.Конибодом | 23,1 | 0,40 | 129,7 | 0,39 | 207,2 | 0,57 |
| ш. Панҷакент | 27,2 | 0,46 | 99,5 | 0,30 | 304,7 | 0,84 |
| ш. Истаравшан | 25,3 | 0,43 | 169,0 | 0,50 | 362,2 | 1 |
| н. Айнӣ | 29,4 | 0,50 | 188,5 | 0,26 | 332,5 | 0,91 |
| н.Ашт | 41,7 | 0,71 | 68,9 | 0,20 | 133,0 | 0,37 |
| н.Деваштич | 58,3 | 1,0 | 271,4 | 0,81 | 330,5 | 0,91 |
| н.Зафаробод | 19,8 | 0,34 | 104,0 | 0,31 | 141,8 | 0,39 |
| н.Кӯҳистони Мастчоҳ | 32,2 | 0.55 | 334,8 | 1 | 240,1 | 0,66 |
| н.Мастчоҳ | 17,0 | 0,29 | 117,3 | 0,35 | 277,2 | 0,76 |
| н. Спитамен | 35,5 | 0,61 | 98,2 | 0,29 | 259,5 | 0,71 |
| н.Ҷ. Расулов | 38,6 | 0,66 | 179,8 | 0,54 | 272,3 | 0,75 |
| н.Б. Ғафуров | 38,4 | 0,66 | 142,9 | 0,42 | 321,0 | 0,88 |
| н.Шаҳристон | 15,2 | 0,26 | 210,2 | 0,63 | 314,3 | 0,87 |

**Сарчашма:** Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон - Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023, с. 217,-226.

Чи тавре, ки маълумоти ҷадвали 2.2.5 нишон медиҳад, фарқияти миёни қиммати максималиву минималии ҳосилнокии зироатҳои ғалладона 43,1 сентнер, картошка 236,6 сентнер ва сабзавот 220,4 сентнерро ташкил додааст. Ҳосилнокии зироати ғалладона дар ноҳияи Деваштич дар соли 2022 қимати баландтаринро миёни дигар ноҳияҳои ишғол намудааст, ки

онро ба сифати қимати максималии муқоисавӣ қабул намудем. Ҳосилнокии зироатҳои ғаладонаи ноҳия Шаҳристон аз ҳама пасттарин буда, ба 0,26 сентнер аз 1 гектар баробар аст.

Фарқияти ҳосилнокии зироатҳои ғалладона, картошка ва сабзавот, ки мавриди таҳлил қарор гирифтанд, нисбат ба қимати максималӣ хеле баланд мебошад, ки тарҳи он дар диаграммаи 2.2.4. инъикос ёфтааст.




**Диаграммаи 2.2.4.** - Сатҳи нобаробарии ҳосилнокии зироатҳо дар ноҳияҳои кишоварзии вилоят.

Ин қимати максималӣ 26%-ро ташкил додааст, яъне аз қимати максималӣ 74% паст мебошад. Ба андешаи мо, тахассусгардонии хоҷагиҳо ба истеҳсоли маҳсулоти ғалладона дар мавриди сатҳи ҳосилнокии зироатҳо аз 60 фоизи қимати максималӣ баланд будан, аз нигоҳи иқтисодӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Ба ин меъёр, хоҷагиҳои ноҳияи Спитамен (0,61), ноҳияи Ҷ.Расулов (0,66) ва ноҳияи ба номи Б. Ғафуров (0,66) бештар рост меоянд. Аммо, аз нигоҳи иқтисодӣ, боз қиёси даромаднокии дигар намуди маҳсулоти кишоварзӣ зарур аст.

Ҳосилнокии картошка дар хоҷагиҳои ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ баландтарин мебошад - 334,8 сентнер аз ҳар як гектарро ташкил додааст. Дар ҷойи дуюм хоҷагиҳои ноҳияи Деваштич қарор дорад, ки аз ҳар як гектар 271,4 сентнер ҳосил гирифта, ба 81 фоизи қимати максималӣ рост омадааст. Дар ҷойи сеюм хоҷагиҳои ноҳияи Шаҳристон 210,2 сентнер/га

ҳосил гирифта, ба сатҳи 63 фоизи қимати максималӣ рост омадааст. Дар хоҷагиҳои ноҳияҳои вилоят ҳосилнокии катошка аз қимати мақсималӣ дар андозаи аз 55% паст мебошад.

Аз рӯйи нишондиҳанда, ҳосилнокии сабзаводи хоҷагиҳои шаҳри Истаравшан бо гирифтани ҳосили 362,2 сентнер аз ҳар як гектар ба қимати максималӣ ноил шудаанд. Ба нишондиҳандаи баландтарин хоҷагиҳои ноҳияи Айнӣ бо 332,3 с/га, Деваштич бо 330,5 с/га, ноҳияи ба номи Б. Ғафуров бо 321,0 с/га ва ноҳияи Шаҳристон бо ҳосилнокии 314,3 с/га низ ба қимати баландтарин ноил шудаанд. Боқимонда дигар хоҷагиҳои ноҳияҳо то ба 70 фоизи қимати максималӣ наздик шудаанд. Дар маҷмӯъ, дар истеҳсоли ин навъи маҳсулот тамоми хоҷагиҳои кишоварзии ноҳияҳои вилоят бинобар баланд будани сатҳи молии сабзавот ва даромаднокии он ҳавасмандии баланд доранд, ки ин ҷараён нишон медиҳад, ки механизми бозорӣ таъсири мусбат расонидааст.

**Ҷадвали 2.2.6. -** Динамикаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзии вилояти Суғд, (ҳазор тонна)

| **Нишондиҳанда** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **2023 нисбат ба 2017, %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Зироати ғалла | 310.0 | 10,0 | 272,4 | 331,7 | 351,4 | 328,7 | 409,8 | 132,2 |
| Пахта | 120,3 | 120,3 | 110,3 | 126,8 | 112,6 | 112,6 | 113,3 | -5,8 |
| Картошка | 324,9 | 324,9 | 416,0 | 450,3 | 512,1 | 530,0 | 600.1 | 184,7 |
| Сабзавот | 480,6 | 480,6 | 517,8 | 494,9 | 560,4 | 571,9 | 648,5 | 134,9 |
| Полезии озуқавори | 132,9 | 132,9 | 113,8 | 127,5 | 151,8 | 155,5 | 221,8 | 166,9 |
| Мева ва буттамева (аз ҷумла ситрусӣ) | 123,7 | 123,7 | 139,3 | 150,9 | 139,4 | 93,3 | 222,2 | 179,6 |
| Ангур | 57,1. | 57,1. | 61,4 | 61,7 | 50,6 | 54,7 | 51,3 | -10,1 |

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Суғд; 2023, с.225-227.

Нишондиҳандаи дигаре, ки сатҳи таъминоти истеҳсоли маҳсулоти озуқавориро инъикос менамояд - ин ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар шакли натуралӣ мебошад. Чуноне, ки маълумоти ҷадвали 2.2.6 нишон медиҳад, дар давраи солҳои 2017-2023 истеҳсоли ғаладонагиҳо аз 310 то ба 409,8 ҳазор тонна ва 32,2% афзудааст. Афзоиши истеҳсоли картошка хеле баланд

шудааст, дар ин давра ҳаҷми он аз 324,9то ба 600,1 ҳазор тонна ва ё 84,7 фоиз зиёд шудааст.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти сабзавотӣ бошад, аз 480,6 то ба 648,5 ҳазор тонна (34,9%), полезии озуқаворӣ аз 132,9 то ба 221,8 ҳазор тонна (66,9%) зиёд шудааст. Аммо, дар ин давра истеҳсоли пахта, ки барои истеҳсоли озуқаи муҳим - равған манбаву захира мебошад, аз 120,3 то ба 113,3 ҳазор тонна ва ё 5,85% паст шудааст. Тамоюли болоравӣ дар истеҳсоли меваҷот низ мушоҳида мешавад: дар ин давраи таҳлилӣ маҳсулоти мева ва буттамева 79,6% зиёд шудааст, аммо ангур бошад, 10,1% кам шудааст. Тамоюли пастравии истеҳсоли маҳсулоти номбаршуда, албатта, таҳдидро барои амнияти озуқаворӣ пайдо мекунад. Ин андешаро метавон бо тариқи таҳлили истеҳсоли маҳсулоти асосии озуқавори ба ҳар сари аҳоли муайян намуд.

**Ҷадвали 2.2.7.** Динамикаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолии вилоят (кг)

| Нишондиҳанда | 2018 | 2023 | 2022 нисбат ба 2018, % |
|---|---|---|---|
| Зироати ғалла | 118,8 | 116,4 | -2,0 |
| Картошка | 124,5 | 187,7 | 150,7 |
| Сабзавот | 184,2 | 202,5 | 109,9 |
| Полезии озуқаворӣ | 50,9 | 55,5 | 109,0 |
| Мева ва буттамева (аз ҷумла ситрусӣ) | 47,4 | 33,0 | -30,3 |
| Ангур | 21,8. | 19,4 | -11,0 |

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Суғд, 2024, с.290-291.

Чуноне, ки маълумоти ҷадвали 2.2.7 нишон медиҳад, гарчанде дар хоҷагиҳои кишоварзии вилоят ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ афзудааст, вале андозаи он ба ҳар нафар аҳолии вилоят аз 118,8 то ба 116,4 кг ва ё 2 % пастӣ фаромадааст.

Ҳаҷми истеҳсоли картошка ба ҳар сари аҳолии вилоят соли 2023, 187,7 киллограммро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2017 50,7% зиёд аст. Афзоиши истеҳсоли сабзавот ва полезии озуқаворӣ низ тамоюли болоравӣ гирифтааст. Аммо, истеҳсоли мева ва буттамева (аз ҷумла ситрусӣ) ва ангур ба ҳар сари аҳолӣ нисбат сатҳи пастравии истеҳсоли ҳаҷми умумии

онҳо боз ҳам баландтар шудааст. Ҳамин тариқ, дар иқтисодиёти кишоварзӣ истифодаи самраноки замин дар сатҳи зарурӣ ташкил нашудааст, ки он ба поёнравии ҳаҷми аксар истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ мусоидат намудааст ва аз ин лиҳоз таҳдидҳо дар таъмини амнияти озуқаворӣии минтақа вуҷуд дорад.

Бинобар он, андешидани тадбирҳо доир ба ташкилу идоракунии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ пайваста бо такмили механизми ташкиливу технологии истеҳсолоти кишоварзӣ тақозои марҳалаи нави рушди иқтисодиёти кишоварзӣ мебошад. Чи тавре, ки таҳлилҳои боло нишон медиҳад, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти истеҳсолкардаи корхонаҳои кишоварзӣ дар панҷ соли охир беш аз 3,6 маротиба афзуда, ҳиссаи онҳо дар истеҳсоли маҷмуи умумии маҳсулоти кишоварзии вилоят аз 6,9 то 20,0% зиёд шудааст. Мутобиқи муносибати АВС - таҳлили унсуре, ки дар низоми вазъи қиёсии аз 20,0 фоиз болоро мавқегирӣ менамояд, дар ниҳоят беш аз 80 фоизи вазъи низомро муайян менамояд.

Чуноне ки аён аст, нақши корхонаҳои кишоварзӣ ва дастгирии давлатии онҳо дар солҳои охир афзуда истодааст. Афзоиш, асосан, аз ҳисоби баланд намудани истифодаи самараноки замин, ҳосилнокии он дар корхонаҳои кишоварзӣ ба вуҷуд омада истодааст. Ин тамоюл, яъне тамоюли рушди корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии калон ба тамоюли шаклгириву рушди сохтори ташкилию технологии типи дуюм - хоҷагиҳои нисбатан калонӣ бо технологияи механиконидашуда муҷаҳҳазшудаи равандҳои истеҳсолот ва меҳнати истеҳсолоти кишоварзӣ мутобиқ мебошад.

Дар натиҷаи ислоҳоти аграрӣ ва саноатикунонии соҳаҳои кишоварзии вилоят нақш ва ҳиссаи сохтори ташкилию технологии хоҷагиҳои оилавӣ, ки бо истифодаи нерӯи ҳайвонот (асп) такя мешуд, паст шуда, раванди инкишофи сохтори ташкилию технологии хоҷагиҳои коллективӣ муташаккил ба амал омад, ки бо технологияи механиконидашуда, истифода аз мошинҳои таъиноти кишоварзӣ, асос мегирад. Дар натиҷаи

гузариши саноатӣ (индустриальная трансформация) ояндаи наздик дар иқтисодиёти аграрии вилояти Суғд сохтор ташкиливу технологии типи сеюм корхонаҳои калони кишоварзӣ, агрохолдингҳо бо ҳарчи бештар истифода бурдани воситаҳои интенсификатсияи истеҳсолот ташкил карда мешаванд, рушд меёбад [124, с.34-41]. Ин навъи бавуҷудомадаи ташкилию технологӣ дар пояи ҳамгироии интегратсионӣ тибқи принсипҳову муносибатҳои квазиинтегратсионӣ ва ё «аз поён ба боло» сурат гирифта истодааст. Дар асоси ҳамкориҳои системавӣ ва ихтиёрии иштирокчиён - субъектҳои хоҷагидор (интегратсияи агросаноатӣ, кластерҳо ва ғайра), шароити мусоиди иқтисодӣ барои табодули индустриалии истеҳсолоти кишоварзӣ фароҳам мегардад.

Барои интенсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ дар асоси истифода бурдани техника ва технологияи навин, электромеханиконии чорводорӣ, татбиқи дастовардҳои илмӣ дар истеҳсолот, мукаммалгардонии низомҳои ирригатсионию мелиоративӣ, ба сохтани навъҳои нави зироат ва зоти ҳайвонот пайваста бо рушди селексия, пиёдасозии шаклҳои прогрессивии ташкили меҳнат, ҳавасмандгардонӣ ва ғайра шароит фароҳам меояд. Бинобар он, дар марҳилаи нави тараққиёти кишвар ва рушди иқтисодиёти кишоварзӣ мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар барномаҳои рушди комплекси агросаноатии минтақа ҷиҳати пайвасти мантиқии сохтори ташкиливу - технологии типи дуюм ва сеюм тадбирҳо андешидааст. Дар ин ҷараён, самтҳои афзалиятноки танзими давлатии дигаргунсозии индустриалӣ ба дастгирии рушди навъи сеюми сохтори ташкилию технологӣ равона шудааст, ки он роҳи асосӣ ва муҳим баҳри таъмини истиқлолияти озуқаворӣ ва амнияти он мебошад. Зеро, дар натиҷаи рушди мукаммали индустриалӣ ва инноватсионӣ дар маҷмӯи ин низом аломатҳои хоси сохтори ташкиливу технологии типи чорум ба вуҷуд меоянд: ба монанди ҷорӣ намудани технологияи индустриалӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ, сарфаи захираҳо, таъминоти иттилоотиву илмии ташкил ва

идоракунии истеҳсолот ва ғайра. Ҳамин тавр, рушди минбаъдаи комплекси агросаноатии вилоят дар асоси такмил додани базаи техникиву технологиии истеҳсолот ва механизмҳои ташкилию иқтисодӣ сурат мегирад.

### 2.3. Ҳолати истиқлол ва амнияти озуқавории вилоят дар доираи истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ

Муҳимтарин омиле, ки ба нигоҳ доштани саломатии инсон мусоидат мекунад, сифати ғизои истеъмолӣ мебошад. Ин масъалаи таъмини амнияти озуқавориро ба муҳимтарин самти фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва яке аз самтҳои афзалиятноки рушди устувори деҳот табдил медиҳад. Амнияти озуқаворӣ ҳамчун ноил шудан ба сатҳи зарурии қонеъ гардонидани талаботи асосии аҳолӣ ба озуқаворӣ аз ҳисоби захираҳои истеҳсолии худ фаҳмида мешавад. Вобаста бо тезу тунд шудани вазъияти ҷамъиятию сиёсии ҷаҳон ва вазъи иқтисоди ҷаҳонӣ муаммоҳои озуқаворӣ низ рӯйи кор омад. Илова бар ин, аномалҳои табиию иқлимӣ, ки дар як қатор минтақаҳои ҷаҳон нокомии ҳосилро ба бор оварданд, таъсири манфӣ расонид. Ҳамаи ин ба таъминоти озукавории мамлакат ва минтақаҳои он таъсири расонида, аз мақомоти давлатии сатҳҳои гуногун талаб мекунад, ки барои рафъи вазъияти душвори таъминоти озуқа чораҳо андешанд. Пеш аз ҳама, ба тамсилаи рушди иқтисодиёти воридотивазкунӣ суръати тоза бахшидан зарур аст, зеро маҳз ин тамсила ҳаҷми воридоти маҳсулоти кишоварзиро маҳдуд менамояд. Воқеан ҳам он чизеро, ки дар комплекси агросаноатии вилоят бо истифодаи самараноки заминҳои кишт гирифтан мумкин аст, эҳтиёҷот ба воридот намебошад. Дар шароити кам кардани воридот барои боло бурдани комплекси агросаноатии минтақа бо роҳи амалӣ намудани барномаҳои ҳамаҷониба, ки имкон медиҳанд самтҳои иқтисодиро бо тартиби диверсификатсия ва беҳтар истифода бурдани иқтидори ҳудудии минтақавии табиӣ ва илмии истеҳсолӣ, инчунин иваз кардани воридот ва

баланд бардоштани самаранокии иқтисодии минтақа мусоидат намояд. Рушди бахши агросаноатӣ ва ташкили истифодаи самараноки заминҳои таъиноти кишоварзиро бидуни дахолати давлат тасаввур кардан номумкин аст, чунки аксари корхонаҳои кишоварзӣ дар сатҳи пасти даромаднокӣ қарор доранд ва бидуни механизмҳои ҷалби таъсир ва кӯмаки молиявӣ аз он берун нахоҳанд рафт. Комплекси агросаноатӣ дар таъмини амнияти давлат аз нуқтаи назари моддию иктисодии озуқаворӣ барои аҳолӣ нақшӣ ҳалкунанда мебозад. Маҳз иваз кардани воридот бо маҳсулоти истеҳсолии худӣ бояд як авлавияти идоракунии давлатӣ ва таъсиррасонӣ ба бахши кишоварзӣ гардад, зеро давлат бояд дар навбати аввал аҳолиро бо маҳсулоти зарурӣ, ки эҳтиёҷоти асосии иҷтимоӣ мебошад, таъмин намояд.

Чуноне, ки дар боло қайд намудем, таъмини амнияти озуқаворӣи минтақавӣ, пеш аз ҳама дар қобилияти субъектҳои комплекси агрсаноатии он, ки дар асоси истифодаи самараноки захираҳои истеҳсолӣ, пештар аз ҳама заминҳои таъиноти кишоварзӣ талаботи аҳолиро ба маҳсулоти озуқаворӣи худӣ қонеъ мегардонад, ифода меёбад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ дар вилояти Суғд, шумораи аҳолии он, ҳаҷми истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ, инчунин содирот ва воридоти маҳсулоти озуқаворӣ омилҳои асосие мебошанд, ки дар асоси онҳо сатҳи таъминоти озуқаворӣи вилоят ташаккул меёбад.

Баҳодиҳии сатҳи амнияти озуқаворӣ дар нишондиҳандаҳои мутлақ ва нисбӣ таҳлил карда мешаванд. Ба нишондиҳандаҳои мутлақи истеҳсолот ба ҳар сари аҳолӣ, нисбӣ - ҳиссаи маҳсулоти воридотӣ дар ҳаҷми истеъмол дохил мешаванд. Қимати ҳадди ақал барои нишондиҳандаи якум меъёрҳои физиологӣ, барои дуюм ҳаҷми арзиши муҳимест, ки дар амалияи байналмилалӣ истифода мешавад. Арзиши иҷозатдодашудаи воридот дар амалияи байналмилалӣ дар сатҳи 25-30% муайян карда шудааст. Таъмини озуқаворӣ аз фаъолияти самараноки бозорҳои кишоварзӣ, дастрасии аҳолӣ ба маҳсулот, инчунин сатҳи рушди инфрасохтори бозор, ки нерӯи

ҳаракатдиҳандаи маҳсулот аз истеҳсолкунанда ба истеъмолкунанда мебошад, вобастагии зич дорад.

Бори дигар таъкид менамоем, ки сатҳу сифати таъмини амнияти озуқаворӣ аз сатҳу сифати рушди комплеси агрсаноатии вилоят ва истифодаи захираи асосии соҳаи кишоварзӣ - заминҳои кишоварзӣ вобаста мебошад. Арзёбии вазъияти ҳозираи комплекси агросаноатии вилояти Суғд нишон медиҳад, ки дар давоми солҳои охир ҳолати иқтисодиёти кишоварзӣ, ки ҷузъи гиреҳии комплекси агросаноатӣ мебошад, хеле беҳтар гардидаст.

Тамоюли содироти маҳсулоти озуқаворӣ нахуст нишондиҳандае, мебошад, ки доир ба рушди истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва истиқлолияти озуқавории вилоят шаҳодат медиҳад. Иқтисодиёти кишоварзии вилояти Суғд дар давраи соҳибистиқлолии мамлакат ба муносибатҳои тиҷоративию иқтисодии ҷаҳон шомил шудааст. Вай бо кишварҳои хориҷии дуру наздик ҳамкории тарафайни судманди иқтисодиву тиҷоратӣ ташкил намудааст.




**Диаграммаи 2.3.1.** Ҳиссаи шарикони асосӣ дар содирот дар соли 2022 тибқи омори солонаи вилояти Суғд, 2024, с.315.

Чуноне, ки аз маълумоти диаграммаи 2.3.1. аён аст, шарикони рушди вилоятро асосан, ҷумҳуриҳои Қазоқистон (43,5%), Узбекистн (9,6%), Белгия (9,4%) Федератсияи Россия (4,1%) ташкил медиҳанд.

Мо вазъи содироти маҳсулоти озуқаворӣи вилоятро дар ду шарикони асосии рушд Федератсияи Россия ва Қазоқистон мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор додем (ҷадвали 2.3.1).

**Ҷадвали 2.3.1.** Динамикаи содироти маҳсулоти озуқаворӣ ба ФР ва Қазоқистон (ҳазор долл.)

| **Нишондиҳандаҳо** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **Тағйироти с.2023 нисбат ба с.2018 (+,-)** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Федератсияи Россия** | | | | | | | |
| Пиёз | 36,8 | 15,1 | 9,9 | 40,1 | 40,1 | 5,6 | -31,2 |
| Ангур | 1,1 | 4,6 | 1,4 | 14,3 | 768,2 | 200,0 | 198,9 |
| Дигар меваҷот | 4,1 | 214,8 | 57,4 | 512,4 | 314,1 | 1249,5 | 1245.4 |
| Меваи хушк | 827,5 | 1567,9 | 2837,2 | 4079,2 | 8123,1 | 12836,0 | 712008,5 |
| Финдиқ | 13,1 | 71,8 | 99,0 | 98,7 | 114,6 | 142,9 | 129,8 |
| **Казоқистон** | | | | | | | |
| Пиёз | 2173,7 | 3420,6 | 3267,3 | 4966,1 | 4348,6 | 5851,7 | 3678 |
| Ангур | 98,1 | 73,7 | 54,1 | 194,8 | 1065,5 | 488,6 | 390,5 |
| Дигар меваҷот | 244,2 | 27,9 | 194,2 | 256,7 | 71,6 | 856,0 | 611,8 |
| Меваи хушк | 2771,9 | 1702,4 | 969,6 | 907,1 | 5609,3 | 11949,3 | 9177,4 |
| Финдиқ | 92,6 | 87,7 | 23,1 | 26,8 | 326,9 | 422,9 | 330,3 |

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Суғд, 2024, с.308, 311

Чуноне, ки маълумоти ҷадвали 2.3.1. бармеояд содироти ҳаҷми пиёз ба Қазоқистон дар давраи соли 2018-2023 аз 2,1 то 5,8 млн. доллар зиёд шуда, ба Федератсияи Россия бошад 36,8 то 5,6 ҳазор доллар паст фаромадааст, яъне, Қазоқистон воридоткунандаи асосии пиёз барои вилоят шудааст. Содироти дигар меваҷот бошад, ба ин кишварҳо соли 2023 мувофиқан 856 ва 1249,5 ҳазор долларро ташкил додааст. Содироти ин навъи озуқаворӣ нисбат ба соли 2018 ба ҷумҳурии Федератсияи Россия ва Қазоқистон зиёд шудааст. Афзоиши мутлақи содироти ангур дар ин давра ба ФР 198,9 ҳазор доллар ва ба Қазоқистон 390,5 ҳазор доллар нисбат ба соли 2018 зиёд шудааст.

Вилояти Суғд аслан, ба содироти меваи хушк мувофиқ шудааст. Беш аз 90 фоизи содироти ин навъи озуқаворӣи мамлакат ба ин вилоят рост меояд. Содироти он ба Федератсияи Россия соли 2023 12836,0 ҳазор долларо ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2018 дар ҳаҷми 712008,5 ҳазор доллар зиёд аст. Ба Қазоқистон бошад, дар ҳаҷми 11949,3 ҳазор долл. содирот шудааст, ки нисбат ба соли 2018 дар ҳаҷми 9177,4 ҳазор доллар зиёд аст. Дар ин давраи таҳлилӣ кишоварзони вилоят соли 2023 финдиқро низ ба Федератсияи Россия дар ҳаҷми 422,9 ҳазор доллар ва ба Қазоқистон 422,9 ҳазор доллар содирот карданд, ки нисбат ба соли 2017 мувофиқан 129,8 ва 330,3 ҳазор доллар зиёд шудааст. Тамоюли афзудани содироти маҳсулоти озуқаворӣи номбаршуда оид ба таъминоти барзиёдии он ба талаботи дохилӣ шаҳодат медиҳад ва дар ин самт амнияти озуқаворӣ таъмин аст. Аммо, чуноне, ки таҳлили мо нишон дод, пастравии ҳосилнокии ангуру меваҷот метавонад таҳдид ба амнияти озуқаворӣи ин навъи маҳсулот пайдо кунад.

Дар давраҳои қаблӣ дар вилоят намудҳои асосии воридоти маҳсулоти озуқаворӣ дар ҳаҷми назар ба истеҳсолаш хеле зиёд мушоҳида мешуд. Айни замон пайваста бо татбиқ намудани Барномаи давлатӣ оид ба "...мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 – 2020 [15А], ки ҷиҳати пайдо намудани шароити мусоид бо мақсади татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти иқтисодии хориҷӣ, рақобатпазирии махсулоти ватанӣ дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ, ба афзун гардонидани ҳаҷми содирот, коҳиш додани ҳиссаи молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ дар ҳаҷми умумии воридот мусоидат намудааст" [1], коҳиш ёфтани ҳаҷми воридоти аксари маҳсулоти озуқаворӣ мушоҳида мешавад. Дар иқтисодиёти вилоят дар заминаи самранок истифода бурдани иқтидори истеҳсолӣ, пеш аз ҳама заминҳои кишоварзӣ тамоюли рушди истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда ва содиротии кишоварзӣ мушоҳида мешавад. Ин тамоюл тавассути андешидану татбиқ намудани тадбирҳо ҷиҳати мусоидат ба сармоягузорон, инкишофи ҳамкорӣ дар

занҷирҳои арзиши иловашуда дар доираи комплекси агросаноатӣ, таъсис додани марказҳои муосири логистикӣ ва васеъ кардани долонҳои байналмилалии коммуникатсионӣ, нақлиётӣ сатҳи таъмини амнияти озуқаворӣ тадриҷан баланд шудааст. Аммо, бояд қайд намуд, ки воридот ҷузъи муҳими амнияти озуқаворӣ мебошад. Зеро, вай барои дар тамоми сол таъмин намудани аҳолӣ бо озуқавории зарурӣ ва норасоии баъзе маҳсулоти озуқавориро ба тариқи мубодилаи байналмилалӣ бо маҳсулоти озуқавории изофагӣ, ки дар вилоят истеҳсол мешавад, рӯйпӯш менамояд.

Шарикони асосии рушди вилояти Суғд дар воридот низ Федератсияи Русия (27,2%), Қазоқистон (34,7%) ва Чин (11,9%) мебошанд (диаграммаи 2.3.2.).




**Диаграммаи 2.3.2.** Ҳиссаи шарикони асосӣ дар воридот дар соли 2022, тибқи омори солонаи вилояти Суғд, 2024, с.320.

**Ҷадвали 2.3.2.** Динамикаи воридоти маҳсулоти озуқаворӣ ба Тоҷикистон аз Федератсияи Россия ва Қазоқистон, (ҳазор доллар)

| Нишондиҳанда | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023 нисбат ба 2018 (+,-) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Федератсияи Россия** | | | | | | | |
| Орд | 1427,6 | 1458,4 | 1259,6 | 1331,2 | 1145,9 | 932,4 | -495,2 |
| Гандум | 56,5 | - | - | 1262,7 | 17,0 | 21,0 | -35,5 |
| Равғани растанӣ | 49330,1 | 30185,7 | 29998,3 | 13520,9 | 9665,3 | 7264,0 | -42066,1 |
| **Казоқистон** | | | | | | | |
| Орд | 13394,9 | 10258,1 | 17324,9 | 13340,9 | 10799,0 | 11074,4 | - 2320,5 |
| Тухми равғанҳои гуногун | 197194,5 | 170990,2 | 206653,9 | 227079,2 | 243789,2 | 17201,8 | -179992,7 |
| Равғани растанӣ | 10125,2 | 16658,4 | 11972,4 | 12362,0 | 24434,3 | 35184,3 | 25059,1 |
| Гандум | 197194,5 | 170990,2 | 653,9 | 227079,2 | 243789,2 | 13158,9 | -184035,6 |

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Суғд, 2024, с. 322-324.

Аз маълумоти ҷадвали 2.3.2. бармеояд, ки чун мисли дигар минтақаҳои мамлакат, вилояти Суғд, асосан, орд, гандум ва равғани растанӣ воридот менамояд. Вилоят гандум ва равғани растаниро асосан аз Ҷумҳурии Қазоқистон ворид менамояд.

Соли 2023 вилояти Суғд аз Қазоқистон дар ҳаҷми 243789,2 ҳазор доллар гандум ворид намудааст, ки нисбат ба соли 2018 дар қимати мутлақи 184035,6 ҳазор доллар кам мебошад. Дар ин давра ҳаҷми воридоти равғани растанӣ бошад, аз 10125,2 то 35184,3 ҳазор доллар, яъне беш аз 25059,1 ҳазор доллар зиёд шудааст. Азбаски дар иқтисодиёти вилояти Суғд даврони соҳибистиқлолии мамлакат корхонаҳои саноатии равғанбарории муосир сохта шудаанд, бинобар маҳдуд будани ашёи ватанӣ ба ин корхонаҳо тухми равғанҳои гуногун ворид мешавад.

Соли 2023 аз Қазоқистон тухми равғанҳои гуногун дар ҳаҷми 17201,8 ҳазор доллар ворид шудааст, аммо нисбат ба соли 2018 дар сатҳи 179992,7 ҳазор доллар кам аст. Чи тавре, ки мебинем, барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолии вилоят ба маҳсулоти нонӣ соли 2023 барои воридоти орд 11074,4 млн. доллар хароҷот шудааст, яъне дар ҳаҷми хеле калон маблағи

ҷомеаи вилоят берун рафтааст, метавон гуфт, ки ин маблағ, асосан, барои субъектҳои хоҷагидори ҷумҳурии Қазоқистон сармоягузорӣ шудааст. Агар хоҷагиҳои кишоварзӣ ва корхонаҳои МАС қобилияти истеҳсолии худии ғалладонаро барои қонеъ гардонидани талаботи пурраи аҳолӣ ба маҳсулоти ғалладона медоштанд, пас ин маблағ дар дохили кишвар барои рушди онҳо сафарбар мешуд. Азбаски истеҳсоли ғалладона, бахусус гандум, нишондиҳанда (индикатор)-и асосии амнияти озуқаворӣ дар тамоми ҷаҳон қабул шудааст, бинобар то мо таносуби истеҳсоли худӣ ва воридотӣ ва аз ин лиҳоз, истиқлолияти истеҳсоли озуқавориро дар самти таъмини маҳсулоти ғалладонагӣ баррасӣ менамоем. Дар назария ва амалияи ҷаҳонӣ меъёри муътадили маҳсулоти нониро ба ҳар як нафар аҳолӣ 116 килограмм дар як сол муайян намудаанд [173]. Илова барин маъмул аст, ки аз ҳар як килограмми гандум 69-65 фоизи маҳсулоти нонӣ истеҳсол мешавад.

**Ҷадвали 2.3.3.** Ҳолати истеҳсолу воридот ва истиқлол дар амнияти таъмини маҳсулоти ғалладона (нонӣ) дар вилояти Суғд

| Нишондиҳандаҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023 нисбат ба 2018, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Истеҳсоли ғалла дар вазни баъди коркард, ҳазор тонна | 295,1 | 268,9 | 328,2 | 350,0 | 327,2 | 406,7 | 137,8 |
| Истеҳсол бар ҳар нафар аҳолӣ, кг/сол | 113,1 | 101,2 | 121,2 | 125,7 | 115,8 | 120,3 | 106,3 |
| Сатҳи мутобиқати ғалла ба меъёри маҳсулоти нонӣ, кг/сол (зарб ба 0,63) | 71,9 | 63,7 | 76,3 | 79,2 | 72,9 | 75,8 | 111,9 |
| Воридоти гандум, ҳазор тонна | 67,7 | 57,0 | 68,8 | 76,1 | 81,3 | 78,4 | 115,8 |
| Воридот бар ҳар нафар аҳолӣ, кг | 25,9 | 21,4 | 25,4 | 27,3 | 28,8 | 28,1 | 108,4 |
| Сатҳи мутобиқати ғалла ба меъёри маҳсулоти нонӣ, кг/сол (зарб ба 0,65) | 16,8 | 13,9 | 16,5 | 17,7 | 18,7 | 18,2 | 108,3 |
| Истеъмоли воқеии ҳар як нафар аҳолӣ (с.3+с.6) | 88,7 | 77,6 | 92,8 | 96,9 | 91,6 | 94,0 | 105,9 |
| Сатҳи наздикшавӣ ба меъёр (с.7/116 х100), % | 76,1 | 66,8 | 80,0 | 83,5 | 78,9 | 81,0 | 4,9 бф |
| Истеҳсоли худӣ нисбат ба ҳамагӣ, % | 83,3 | 82,7 | 82,7 | 82,1 | 80,1 | 80,6 | -2,7 |

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Суғд, 2024, с.220-322.

Аз маълумоти ҷадвали 2.3.3. аён аст, ки истеҳсоли ғалла дар вазни баъди коркард дар иқтисодиёти кишоварзии вилоят дар давраи солҳои 2018-2023 аз 295,1 то ба 496,7 ҳазор тонна ва ё 37,8% афзудааст. Истеҳсол ба ҳар як нафар аҳолӣ бошад аз 113,1 то ба 120,3 кг ва ё 6,3% расонида шудааст. Дар ин панҷ соли охир сатҳи мутобиқати ғалла ба меъёри маҳсулоти нонӣ кг/сол (зарб ба 0,63) ба ҳисоби миёна 72,8 килограммро дар як сол ташкил додааст. Воридоти гандум дар ин давраи таҳлилӣ аз 67,7 то 78,4 ҳазор тонн афзудааст, ки суръати рушди он 115.8 фоизро ташкил дода, аз суръати истеҳсоли ғаллаи худӣ паст аст, ки ин тамоюлоти мусбӣ мебошад. Воридоти гандум ба ҳар сари аҳолӣ аз 25,9 то 28,1, яъне 8,4% афзудааст. Истеъмоли воқеии ҳар як нафар аҳолӣ бо назардошти воридоти ғалла аз 88,7 то 94 килограм дар як сол ба ҳар як нафар аҳолӣ ва ё 5,9% афзудааст. Сатҳи наздикшавӣ ба меъёр, яъне ба 116 кг дар як сол ба ҳар сари аҳолӣ, ки ба ҳайси қимати ақал метавон интихоб намуд, аз 76,1 то 81% ва ё 4,9 банди фоиз афзудааст. Таҳлил нишон дод, ки истиқлолият дар таъмини ғаладона ба ҳар сари аҳолӣ, яъне истеҳсоли ғаллаи худӣ нисбат ба ҳамагӣ (ҷамъи истеҳсолу воридот) аз 83,3 то 80,6%, яъне 2,7 банди фоиз кам шудааст. Ҳамин тариқ, таҳдидҳо барои амнияти озуқаворӣ дар ин маҳсулоти муҳим вуҷуд дорад.

Бояд таъкид намуд, ки барои истеҳсоли маҳсулоти ғалладона дар иқтисодиёти кишоварзии вилоят соли 2023 127,3 ҳазор гектар ҷудо карда шудааст, ки 45,4 фоизи тамоми майдони кишти зироатҳои кишоварзиро ишғол менамояд. Ин таносуб, дар тамоми давраи солҳои 2018-2023 доимӣ буд (диаграммаи 2.3 3.).

Чуноне, ки аён аст, барои истеҳсоли ғалладона майдони аз ҳама васеи кишт, яъне миёни дигар зироатҳо аз ҳама баландтарин нишондиҳанда, 45,4 фоизи тамоми майдонҳои кишт рост меояд, ки бо ин иқтидор метавон истиқлолияти озуқавории ғалладона таъмин шавад.




**Диаграммаи 2.3.3.** Ҳолати майдони кишт ва ҳосилнокии зироатҳои ғалладона дар вилоят тибқи омори солонаи вилояти Суғд, 2024, с.203, 230

Аммо, чуноне, ки мебинем, самранокии воқеӣ ва ё натуралии истифодаи замин ҳосилноқи аз ҳар як гектар ба ҳисоби миёна 24 сентнер/га-ро ташкил дода, соли 2023 ё нисбат ба соли 2018 баланд шудааст. Агар қимати миёнаи ҷаҳонии ҳосилнокии гандум дар сатҳи максималӣ ба ҳар як гектар 42,0 сентнер рост ояд [195] (дар замини обӣ аз ин ҳам зиёдтар мебошад), пас сатҳи ҳосилнокии ғалладонаи вилоят аз ин қимат 23 сентнер/га паст мебошад. Арзёбии ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, аз он ҷумла ғалладонаро дар шаклҳои хоҷагидории иқтисодиёти кишоварзии вилоят муқоиса менамоем.

**Ҷадвали 2.3.4.** Ҳосилнокии зироатҳои асосии кишоварзӣ дар шаклҳои хоҷагидорӣ

| Зироат | 2018 | | | 2023 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Корхонаҳои кишоварзӣ** | **Хоҷа гиҳои аҳолӣ** | **Хоҷагии деҳқонӣ** | **Корхонаҳои кишоварзӣ** | **Хоҷагиҳои аҳолӣ** | **Хоҷагии деҳқонӣ** |
| Зироатҳои ғалладона | 24,4 | 31,2 | 22,0 | 24,2 | 30,7 | 23,9 |
| Картошка | 248,7 | 142,1 | 238,5 | 261,5 | 122,2 | 259,1 |
| Сабзавот | 261,3 | 257,6 | 286,6 | 279,8 | 261,7 | 327,6 |
| Полезӣ | 174,1 | 232,4 | 208,7 | 217,5 | 261,5 | 257,1 |
| Меваҷот | 14,2 | 64,9 | 34,6 | 10,7 | 67,7 | 32,2 |
| Ангур | 22,2 | 76,0 | 52,1 | 21,4 | 43,0 | 51,2 |

**Сарчашма:** ҳисоб карда шуд аз рӯйи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон -Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024, С.237-248.

Чуноне, ки маълумоти ҷадвали 2.3.4 нишон медиҳад, ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар хоҷагиҳои аҳолӣ нисбат ба дигар шакли хоҷагиҳо баланд мебошад. Зеро, дар хоҷагии аҳолӣ омили маҳдудияти захираҳои замин, майдони нисбатан ками қитъаҳои замин самараи баланди иқтисодӣ додааст. Яъне, масъулияти онҳоро дар оқилонаву самаранок истифода бурдани ҳар як ваҷаби замин баланд бардоштааст.

Масалан, дар хоҷагии аҳолӣ соли 2023 ҳосилнокии ғалладона 30,7 сентнер/га-ро ташкил додааст, ки нисбат ба хоҷагиҳои деҳқонӣ 6,8 сентнер ва корхонаҳои кишоварзӣ 6,5 сентнер баланд мебошад (диаграммаи 2.3.4.).




**Диаграммаи 2.3.4.** Ҳосилнокии зироатҳои ғалладона дар шаклҳои хоҷагидорӣ (сентнер/га).

Аммо, ин сатҳи ҳосилнокии ғаладонаи хоҷагиҳои аҳолӣ, ки асосан, аз заминҳои обӣ гирифта мешавад, дар муқоиса ба қимати баландарини ҳосилнокӣ дар заминҳоӣ обӣ наметавон баландтарин пазируфт. Ин аз сабаби истифодаи тухмиҳои сифаташ паст бармеояд. Дар ҳосилнокии маҳсулоти полизӣ (261,5с\га), меваҷот (67,7с\га) ва ангур (43 с/га) низ нисбат ба дигар шаклҳои хоҷагидорӣ 2-3 маротиба зиёд мебошад. Фақат дар ҳосилнокии картошка ва сабзавот нисбат ба дигар хоҷагиҳо сатҳи пасттар доранд. Ҳамин тариқ, афзоиши воридоти гандум, ки аз он маҳсулоти нонӣ истеҳсол мешавад, дар натиҷаи паст будани ҳосилнокии зироатҳои ғалладонагӣ ва сифати онҳо дар иқтисодиёти кишоварзии вилоят суръат ги-

рифтааст. Дар натиҷаи афзудани ҳаҷми маҳсулоти полезӣ, сабзавот ва меваҷот бо ҳиссаи камтарини заминҳои кишоварзӣ аз ҷониби таъминкунандагони асосӣ пешниҳодшаванда истиқлоли озуқаворнии вилоят дар ин самт ба амал омад. Зеро, коҳиши ҳаҷми маҳсулоти воридотии ин намуди маҳсулот дар давоми сол мушоҳида мешавад. Воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ аз рӯйи гурӯҳҳои таъминкунандагони муҳимтарин дар ҳама категорияҳо, ба истисноии гӯшту шир ва сабзавот, афзоиш ёфт. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки сарфи назар аз пурзӯр шудани сиёсати ивазкунандаи воридот, ҳоло ҳам муаммоҳо вуҷуд дорад, ки ҳалли онҳо андешидани табирҳоро тақозо менамоянд.

Ин тадбирҳо, пеш аз ҳама, бо такмили самтҳои танзими воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ вобастагӣ дорад (расми 2.3.1).

**Расми 2.3.1. Самтҳои танзими воридоти махсулоти озуқаворӣ**

**Самтҳои танзими воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ**

**Тараққиёти истехсолоти ватанӣ:** афзоиши ҳосили умумии зироаткорӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо, азхуд намудани захираҳои нави замин ва самранокии он, беҳтар намудани сифати махсулоти кишоварзӣ, андозбандии имтиёзнок барои истеҳсолкунандагони ватанӣ, баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории минтақаҳо ва ғайраҳо.

**Ҷойгиркунии истеҳсолот:** ҳавасманд гардондани алоқаҳои кооперативии байни истехсолкунандагони бевосита ва коркардкунандагон, такмили инфрасохтори логистика, қарздиҳии имтиёзнок ба корхонаҳои саноати коркард ва хӯрокворӣ дар самти коркарди ашёи хоми ватании кишоварзӣ, андозбандии имтиёзнок барои корхонаҳое, ки ашёи хоми ватаниро истифода мебаранд

Мутобиқсозӣ барои истифодаи тадбирҳои танзими гумрукӣ оид ба воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ: танзими тарифӣ: тадриҷан баланд бардоштани тарифҳо
барои воридоти навъҳои муҳимми стратегии маҳсулот, аз ҷумла маҳсулоти дохилӣ; танзими ғайритарифӣ: - иҷозатномадиҳӣ; - тадбирҳои махсуси муҳофизатӣ

Чуноне, ки дар боло таъкид шуда буд, дар вилоят динамикаи афзоиши ҳаҷми воридоти гандум вобаста бо афзоиши муомилоти мол бо шарики аслии воридоти гандум Қазоқистон, ки сарфи назар аз шиддат гирифтани сиёсати ивазкунандаи воридот ба амал омад, рух дод. Қобили зикр аст, ки воридоти картошка, сабзавот, маҳсулоти полезӣ, тухм аз ҳисоби рушди истеҳсоли дохилӣ ду баробар коҳиш ёфта, бо ин навъи маҳсулот дар бозори дохилӣ ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ мушкилот вуҷуд надорад. Бахусус, воридоти сабзавот коҳиш ёфт, ҳарчанд ки дар бозори дохилӣ ин давра ба давра ба таври ҷиддӣ боло рафтани нархи сабзавоти асосӣ оварда мерасонад, мавҷи норизоии ҷомеаро ба вуҷуд меорад ва мақомоти давлатиро маҷбур мекунад, ки ба равандҳои танзими нархгузорӣ дар бозор дахолат кунанд. Сохтори шарикони тиҷоратии вилояти Суғд аз ҷиҳати содироту воридоти маводи озуқаворӣ хеле васеъ буда, дар он кишварҳои Қазоқистон, Узбекистон, Федератсияи Русия бартарӣ доранд. Татбиқи сиёсати танзими воридот бояд то ҳадди имкон чандир буданаш лозим аст, зеро вазъи истеҳсоли ватанӣ ва пур кардани бозори дохилӣ дар замони муосир хеле босуръат тағйир меёбад. Аз ин рӯ, тамоми тадбирҳо оид ба татбиқи чораҳои назорати воридот бояд ба таври ҳамаҷониба бо риояи мӯҳлатҳои тағйирпазир амалӣ карда шаванд, то ба ҳадди аксар суръат бахшидани равандҳое, ки ноил шудан ба амнияти озуқавории вилоятро таъмин мекунанд, амалӣ карда шаванд.

Дар иқтисодиёти ҳар як минтақаи мамлакат мафҳуми «таъмини озуқаворӣ» ҷойгоҳи муҳимро ишғол менамояд ва минтақа бо истифода аз захираҳои мавҷудаи истеҳсолӣ то чи андоза худро бо озуқа таъмин карда метавонад, масъалаи муҳим мебошад. Ба таври умум қабул шудааст, ки амнияти озуқаворӣ дар сурати беш аз 20 дарсад будани воридот поймол мешавад. Тибқи маълумоти омори расми дар соли 2021 ҳиссаи воридоти маводи озуқаворӣ дар вилоят аз 430 дарсад гузаштааст, ки ин сатҳ баланд мебошад.

Вақте, ки соҳаҳои кишоварзӣ аз ӯҳдаи вазифаҳои худ набароянд, амнияти озуқаворӣ вайрон карда мешавад – чунки ин соҳаи калонтарин маҳсуб меёбад ва беш аз 20 фоизи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва минтақавиро истеҳсол мекунад. Мутобиқан аз шаклҳои бисёри соҳаи саноат маҳсулот мегирад ва ба қисми бештари соҳаи саноат маҳсулот медиҳад. Дар мавриди мубодилоти миёни корхонаҳои саноативу кишоварзӣ ҳодисоти мубодилаи нобаробар суръат мегирад ва дар натиҷа вазъи молиявии корхонаҳои кишоварзӣ дар ҳолати ноуствувор қарор дошта, ин муаммо боқӣ мондааст. Музди миёнаи меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ нисбат ба сатҳи музди меҳнати миёнаи кормандони тамоми соҳаи иқтисодиёт дар сатҳи 60 фоиз паст буда, 30 фоизи сатҳи зиндагии рӯзгори онҳоро таъмин карда метавонад. Дар ин маврид, имконияту ҳавасмандӣ барои беҳтар намудани сифати замин, такрористеҳсолии он вуҷуд надорад.

Вазъияти махсусан душвор дар вилоят бештар дар ҳудудҳое ба амал меояд, ки ба забони ҷуғрофии муосир ҳамчун минтакаҳои хушк бо иклими хоси хушк, хоки хушк ва растаниҳои хушк муайян карда шудаанд. Аз масоҳати умумии замин ҳамагӣ (2518,8 ҳазор га.) 43,6 фоизи он ба заминҳои истифодаи кишоварзӣ қарор гирифта, ҳамагӣ 21,1 фоизи онро замини корам ташкил медиҳад. Дар вилоят соли 2023 ҳамагӣ 295,5 гектар заминҳои обӣ мавриди истифода қарор мегирифт, ки 26,7 фоизи заминҳои кишоварзии вилоятро ташкил додааст [111]. Ҳамин тариқ, қариб 70 фоизи зироатҳои кишоварзии вилоят дар минтақаи хушки табиию иқлимӣ, аз чумла, зиёда аз нисфи зироатҳои ғалладона воқеъ гардидаанд. Дар баробари ин, ҳосилнокии заминҳои кишоварзӣ дар минтақаҳои хушки вилоят хеле пасттар аст.

Олимони соҳаи кишоварзии мамлакат консепсия ва барномаи истифодаи оқилонаи сарватҳои табииро дар заминҳои беоб пешниҳод кардаанд, ки дар он бояд қисми замини корами лалмӣ аз киштгардони саҳроӣ бароварда, алафҳои бисёрсола кошта, ба заминҳои хӯроки чорво - чарогоҳҳо ва алафзорҳо табдил дода шавад, ки амнияти озуқавориро дар

самти маҳсулоти чорводорӣ таъмин менамояд ва имконияти содиротро ба амал оварда, ба ивази он дар мӯҳлати муайян воридоти баъзе маҳсулоти растанипарвиро, аз он ҷумла гандумро таъмин менамояд. Зеро, ки бо роҳи кишти алаф, коштани буттаю алафҳои бисёрсола чандин ҳазор гектар чарогоҳҳои табиии вайроншудаи бесамар барқарор шуда, минтақаҳои ба ном зидди эрозия барпо карда мешаванд. Дар натиҷаи ба амал баровардани ин тадбирҳо заминҳои хушк боназардошти ландшафтҳои хос ва хусусиятхои ҷуғрофӣ заминҳои бехатари кишоварзӣ, чарогоҳҳои корам, алафзорҳо ба вуҷуд овардан мумкин аст.

Айни замон, дар вилоят татбиқи барномаи рушди барқарорсозии низоми ирригатсионӣ бо имкониятҳои маблағгузории молиявӣ барои татбиқи лоиҳаҳо дар ин самт пешбинӣ шудааст. Обёркунӣ ҳамчун яке аз омилҳои фаъолгардонии соҳаҳои кишоварзӣ дар низомҳои мавҷуда ва обёрикунии нав яке аз мавқеъҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва экологӣ, ки бояд ба якҷоякунии беҳдошти об бо муҳофизати талаботи агрохимиявӣ ва ҷангал асос ёбад. Обёрикунии замин ин шакли сармоягузорӣ мебошад, ки ба баландбардории ҳосилхезии замин ва мувоффиқан ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ мусоидат менамояд. Обёрикунӣ асосан ба беҳсозии заминҳои обӣ марбут мебошад, ки дар натиҷа оқибатҳои манфии экологӣ дар шакли хушкшавӣ, ишқоршавӣ, шӯршавии такрорӣ ва ботлоқ шудани ин заминҳоро пешгирӣ менамояд. Барои пешгирӣ намудани бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳои обӣ низомҳои обёриро ба истифодаи технологияи обёрии каммасраф нигаронида, дар мавридҳои зарурӣ бо заҳбурҳо таъмин кардан лозим аст.

Айни замон барномаи рушди мелиоратсияи ирригатсионӣ дар вилоят самтҳои зеринро пешбинӣ намудаасст:

– мутобиқ намудани обёрӣ ба хусусиятҳои ландшафти минтақаи табиӣ ва ташкили оқилонаи ҳудудҳо, минтақаҳои заминҳои кишоварзӣ ва ҳалли масъалаҳои технологияи обёрӣ;

– мувофиқсозии (оптимизация) беҳдошти комплексии заминҳои обӣ, ки ба рушди ҷангалзорҳои муҳофизатӣ, истифодаи нуриҳои минералӣ ва дигар беҳдоштии заминҳои пастсифат нигаронида шудааст;

– ҳалли масъалаҳои агрофитосенотикӣ вобаста ба асоснок кардани сохтори зироатҳо, киштгардони аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда ва навъҳо, ки ба парвариши зироатҳои сердаромад дар заминҳои обӣ мувофиқанд;

– низоми коркарди майдони кишт ва нигоҳубини агрофитосенозҳо, ташкили обёрӣ ва истифодабарии нуриҳо ба талаботи зироати кишоварзӣ мутобиқ, ки гирифтани ҳосили барномавиро бидуни талафи ҳосилхезии замин мусоидат менамояд;

– дарёфти тарзу услуҳои истифодабарии чарогоҳҳо ва майдони заминҳо, ки дар натиҷаи обхезӣ зери об мондаанд;

– назорат ва пешгӯйии вазъият.

Сарфи назар аз он, ки давлат дар солҳои охир фаъолияти худро дар самти танзим ва дастгирии соҳаҳои кишоварзӣ, ташкили муносибатҳои оқилонаи заминистифодабарӣ густариш дода, ҳамин тариқ дар роҳи баланд бардоштани дараҷаи таъминоти захиравии амнияти озуқаворӣи мамлакат тадбирҳои мушаххас амалӣ намуда истодааст, вале дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ ҳанӯз дар самти истифодабарии самраноки заминҳои таъиноти кишоварзӣ ҳанӯз хамаи масъалаҳо ҳалли худро наёфтаанд. Барои рушди истифодаи оқилонаву самараноки заминҳои кишоварзӣ ҳоло низоми ҳавасмандиву масъулияти истифодабарандагони замин дар сатҳи зарурӣ ташаккул наёфтааст. Дар шароити ҳозира дар сиёсати аграриву замин равишҳои нав лозим аст, ки ташкили истифодаи самарабахши замин, баҳисобгирию баҳодиҳии он, ҳифзи замин аз таназзул ва назорати истифодаи мақсадноки онро таъмин намоянд.

Дар шароити рушди ғайрисамараноки соҳаи кишоварзӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва қонеъ гардонидани талаботи аҳолиро ба маҳсулоти хушсифати истеҳсоли ватанӣ таъмин кардан душвор аст. Вилоя-

ти Суғд аз ҷиҳати иқтидори иқтисодиёти кишоварзӣ минтақаи беназир аст. Аз ҷиҳати истифодабарии самараноки заминҳои таъиноти кишоварзӣ, алалхусус заминҳои корамро дар минтақа ба таври лозима коркард ва самаранок истифода мебаранд, аммо бо чунин иқтидори заминҳои кишоварзӣ мустақилияти озуқавории вилоят аз сабаби пурра истифода нашудани қисми зиёди заминҳо, ки дар давраи ислоҳоти аграрӣ аз муомилот баромадааст, чандон таъмин карда намешавад. Бинобар он, дар барномаи миёнамӯҳлати рушди иҷтимоиву иқтисодоии вилоят дар давраи солҳои 2021-2025 рушди соҳаи кишоварзӣ ба яке самтҳои афзалиятнок дохил карда шудааст: рушди зироаткорӣ ва боғдорӣ, чорводорӣ, моҳидорӣ, саноати хӯрокворӣ ва ғайра. Дар робита ба заминҳои кишоварзӣ номгӯйи тадбирҳои рушди соҳаи кишоварзӣ, самтҳо ва механизмҳои асосии такмили танзими муносибатҳои замин дар кишоварзӣ, ба тартиб овардани истифодаи замин, татбиқи механизмҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи замини кишоварзӣ таҳия шуда, мавриди тадбиқ қарор гирифтааст. Айни замон, нақши пешбарандаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғдро дар такмили механизми идоракунии замин дар ташаккули муносибатҳои бисёрсохти замин-бозорӣ ва таснифоти ҳуқуқи истифодабарии заминҳои кишоварзӣ, барқарор намудани кор оид ба омӯзиш ва арзёбии захираҳои замин, ташкили истифодаи оқилонаи онҳо ва аз забти беасос ва ҳамаи намудҳои таназзул муҳофизат намудани онҳо мушоҳида кардан мумкин аст. Аммо, ҳоло муаммоҳои татбиқи амалии меъёрҳои ҳуқуқи замин, пурра набудани маълумот дар бораи қитъаҳои замин ва фонди замин вуҷуд дорад. Яке аз мушкилоти соҳаи истифодабарии заминҳои кишоварзӣ аз ҷониби мақомоти давлатии сатҳҳои поёнӣ пӯшонидани маълумот дар бораи майдони мавҷудаи заминҳои кишоварзӣ мебошад. Мутаассифона, дар бораи он ва истифодабарандагони он маълумоти мукаммал надоштан ба идоракунии заминҳо халал мерасонад, ки ба гузаронидани

баҳисобгирии давлатии миқдори заминҳо ё инвентаризатсияи заминҳо водор месозад. Зарур мешуморем, ки масоҳати аниқи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва ё масоҳати аслии заминҳои ғайрикишоварзӣ, ки бо мақсадҳои ғайрикишоварзӣ истифода бурда мешаванд, муайян карда шавад. Ҳамзамон, истифодабарии мақсадноки заминҳо мувофиқи таъиноташ муайян карда шавад. Мақомоти давлатии масъул ба заминҳои кишоварзӣ, ки дар ноҳияву маҳалҳо дар бобати идоракунии захираҳои замин ваколатҳои васеъ доранд, боназардошти вазъияти ҳозира, барои ба куллӣ тағйир додани вазъияти истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ чораҳои таъсирбахш андешанд. Сабаби асосии ин паст будани идоракунӣ ва манфиатдории муайяни мансабдорон, ба ихтиёри худ кардани заминҳо, нарасидан ба ҳадафҳои миллӣ оид ба истифодаи мақсадноки сарвати миллии кишвар мебошад.

Ҳамаи ин тамоюлҳо ба таври назаррас коҳиш ёфтани нақши давлат дар ташаккули низоми самараноки идоракунӣ ва истифодаи замин, ки ба ҳисоби қатъии захираҳои замини кишоварзии вилоят ва назорати истифодаи самараноки онҳо мувофиқи таъинот ва истифодаи замин масъулият барои риояи қонунгузории санадҳои қонунгузорӣ дар ин самт асос ёфтааст, вобаста аст.

Амалия нишон медиҳад, ки мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои вилоят амалан худро аз муҳимтарин масъалаҳои марбут ба соҳа дур кардаанд. Дар татбиқи назорат ба истифода ва муҳофизати сарватҳои замин ҷорӣ намудани назорати замин нақши калон мебозад. Низоми мониторинги ҳолати фонди давлатии замин ҷиҳати сари вақт ворид намудани тағйирот, арзёбии онҳо, пешгирӣ ва бартараф кардани оқибатҳои равандҳои манфии истифодабарии қитъаҳои замин мебошад.

Майдони заминҳои кишоварзӣ дар солҳои ислоҳоти иқтисодӣ хеле кам шуда буд ва айни замон барқарор шуда истодааст. Аммо, мувофиқи

маълумоти Кумитаи идораи замин дар вилояти Суғд майдони заминҳои ҳосилхези истифоданашуда, майдони қитъаҳое, ки дар онҳо буттаҳо ва ҷангалҳои хурд фаро гирифта шудаанд, ботлоқшавӣ, шӯршавӣ, хушкшавӣ, паст шудани ҳосилхезии заминҳо мушоҳида мешаванд.

Тамоюлҳои манфии ошкоршуда дар саросари вилоят мушоҳида шуда, мушкилии кам кардани заминҳои гаронбаҳои кишоварзӣ аз ҳисоби гардиши беназорати бозории заминҳои кишоварзӣ ва минбаъд ба гурӯҳи заминҳои ғайрикишоварзӣ ё аҳолинишин додани онҳо, ки боиси кам гаштани майдони заминҳои таъиноти кишоварзӣ мегардад. Аз набудани маълумоти дақиқ дар самти идоракунии захираҳои замин, ба буҷаи давлат ворид гардидани маблағ камтар мегардад: на танҳо дар бораи чӣ гуна истифода шудани замин маълумот вуҷуд надорад, ҳатто андози заминро, ки аз шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки дар истифодаи доимӣ замин доранд, мувофиқан ситонида намешавад. Ҳамзамон, қитъаҳои замине, дар ихтиёри иҷорагирандагон қарор гирифтааст, аммо, бақайдгирии расмии давлатиро нагузаштааст, имкони пешниҳоди даъво вуҷуд надорад, зеро, онҳо аз рӯйи санадҳои меъёрию ҳуқуқи барои истифодабарӣ ҳуқуқ пайдо накардаанд.

Заминҳои кишоварзӣ сарвати умумимиллӣ мебошад ва зери ҳифзи давлат қарор мегирад, дар ҳадафҳои истифодабарии онҳо маҳдудиятҳо муқаррар шудааст, гузаронидан ба дигар категорияҳои замин душвор аст. Бояд қайд намуд, ки дар тамоми давлатҳои дунё мутобиқи конунгузории онҳо истифодаи заминҳои кишоварзиро барои ободонии маҳалҳои аҳолинишин, саноат, нақлиёт, энергетика манъ мебошад. Тағйир додани таъинот, тартиботи ҳуқуқӣ ва истифодаи иҷозатдодашуда бо ҳароҷоти калон алоқаманд аст, ки барои барқарорсозии иқтидори кишоварзии ҳудуд, ҷуброни талафот ва манфиатҳои аз ҷониби заминдорон ва заминистифодабарандагони аз даст додашуда, пешбинӣ шудаанд.

Барои вилояти Суғд дар шароити муосир вобаста ба тағйирёбии вазъи амнияти иқтисодиву озуқаворӣ ҷаҳонӣ тахия намудани механизми самараноки амалии татбиқи принсипи афзалиятноки заминҳои кишоварзӣ ва истифодаи замин тавассути ташкили идоракунии самаранок ва оқилона вазифаи муҳим мебошад. Зеро, истифодаи заминҳои кишоварзӣ имкон медиҳад, ки воридоти босуръат аз ҳисоби истеҳсоли иловагии маҳсулоти ватанӣ иваз карда шавад.

Барои самаранок идора кардани заминҳои кишоварзӣ зарур аст:

– таҳияи сиёсати дақиқи давлатӣ ва танзими ҳуқуқӣ дар самти идоракунии заминҳо;

– баҳисобгирии саҳеҳи заминҳои кишоварзӣ барои номатлуб иҷро накардани шахсони масъули воҳидҳои сохтори давлатӣ вазифаю ваколатҳои функсионалӣ дар соҳаи назорати давлатии замин ва ҳисоб кардани зарари расонидашуда муҷозот татбиқ намояд;

– назорати заминҳои кишоварзӣ ва муайян намудани ҳуқуқи моликияти давлатии замин;

– барои рушди соҳаҳои кишоварзӣ шароити мусоиди худудиву маҳаллӣ муҳайё карда шавад.

### 2.4. Арзёбии ҳолати идоракунии самараноку устувори заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар вилоят

Ташкили идоракунии стратегии заминҳои кишоварзӣ, ки ҳадафи таъмини истифодаи устувори заминро дорад, гарави фаъолияти бомуваффақияти соҳаи кишоварзӣ ва таъмноти захиравии амнияти озуқаворӣ мебошад. Идоракунии стратегии истифодаи устувору самараноки замин, ба назари мо, маҷмӯи тадбирҳои гуногунсамт, ки ҳадафи субъектҳои хоҷагидори кишоварзӣ тавассути ҳамоҳангсозии унсурҳои низоми заминистифодабарии кишоварзӣ амалӣ мегардад. Дар ин самт таҳия ва татбиқи консепсияи идоракунии стратегӣ хеле муҳим мебошад. Консепсия ба корхонаҳои кишоварзӣ имкон медиҳад, ки дар шароити муҳити ному-

айяни иқтисоди бозорӣ ҷиҳати комёб шудан ба мақсадҳои гузошташуда, ноил гарданд.

Дар шароите, ки таъминоти захиравии амнияти озуқаворӣ ба муаммои глобалӣ табдил ёфтааст, мавқеи афзалиятнокро дар аксари кишварҳои пешрафта механизмҳои мустақим ва ғайримустақими дастгирии давлатии соҳаҳои кишоварзи (татбиқи механизмҳои гуногуни субсидия, грантҳо, имтиёзҳо ва ғайра) ташкил медиҳад. Институтҳои ҳокимияти давлатӣ дар ин кишварҳо дастгирии иқтисодиёти кишоварзиро тавассути механизмҳои субсидияҳои мустақим ба сармоягузорӣ, инчунин, бо истифода аз воситаҳои танзими ғайримустақими фаъолияти сармоягузорӣ (пешниҳоди имтиёзҳои гуногуни қарзиву андозӣ) амалӣ мекунанд.

Масалан, дар ИМА амалияи маблағгузории буҷетии соҳаҳои кишоварзӣ, ҷудо намудани карзҳои имтиёзнок ва бефоиз, пардохтҳои бебозгашт васеъ паҳн шудааст. Имтиёзҳои андоз барои сармоягузорӣ ва мораторий ва ё ба таъхир андохтани пардохти қарз пешбинӣ мешавад ва ғайра. Ҳиссаи субсидия дар арзиши аслии махсулоти кишоварзӣ аз 20 то 80 %-ро ташкил медиҳад. Масалан: "...дар Олмон, дар навбати аввал ба ҳавасмандгардонии истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаи кишоварзӣ диққати махсус дода мешавад. Дар ин давлат хоҷагиҳое, ки ба кишоварзии алтернативӣ ё органикӣ машғуланд 3,7% заминҳои кишоварзии кишварро ба ихтиёри худ доранд. Ба онҳо ҳар сол 200 евро барои ҳар гектар ёрдампулӣ ҷудо карда мешавад" [226]. Дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо бошад: "...45-50 фоизи арзиши аслии маҳсулоти кишоварзиро субсидияҳо ташкил медиҳанд. Хариди давлатии маҳсулоти кишоварзӣ назар ба арзиши бозории махсулоти кишоварзӣ 1,5—2 баробар зиёд аст. Дар маҷмӯъ дар мамолики Иттиҳоди Аврупо "...ҳаҷми миёнаи субсидия ба 1 гектар 270 евро, дар Нидерландия 475 евроро ташкил медиҳад" [168, с.155-158]. Мувофиқи маълумоти СҲИР (Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд): "...ҳиссаи кӯмаки давлат дар даромади хоҷагиҳо дар Австралия 15 фоиз,

дар ИМА 30 фоиз, дар Канада 45 фоиз, дар Австрия 52 фоиз, дар Шветсия 59 фоиз, 66 фоиз дар Япония, Финляндия — 71 фоиз, Норвегия — 77 фоиз, Швейцария — 80 фоизро ташкил медиҳад” [70].

Дар кишварҳои муттарақии ҷаҳон маблағгузории давлатӣ пеш аз ҳама ба барномаҳои ҳифзи замин, заминҳое, ки ба эрозияи обӣ ва шамолӣ дучор шудаанд, дода мешавад. Ҳамин тариқ, ҳаҷми дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ ва саноати коркарди ашёи хоми кишоварзӣ, ки таъминкунандагони заминаи захиравии амнияти озуқаворӣ мебошанд, ба кишварҳо имконият додааст, на танҳо амнияти озуқаворecho худро таъмин намоянд, балки ба бузургтарин содиркунандагон табдил ёфтаанд (ИМА, Канада, мамолики ИА). Зеро, дастгирии молиявии давлат ҳавасмандии баланд фароҳам овардаст.

Истифодаи таҷрибаи ин кишварҳо дар самти дастгирии истеҳсолкунандагони кишоварзии мамлакат бояд ҳамчун як самти афзалиятноки рушди соҳа дар сиёсати аграрӣ ҷой дошта бошад.

Фаъолияти корхонаҳои мушаххаси кишоварзӣ дар шароити бозор ба принсипҳои менеҷменти стратегӣ ниёз доранд. Тавре маълум аст, дар илми иқтисодӣ менеҷменти стратегӣ ҳамчун соҳаи махсуси донишҳои илмӣ ҷудо шудааст, ки ба методологияи қабули қарорҳои стратегӣ, инчунин усулҳо ва механизмҳои дастёбӣ ба ҳадафҳои гузошташударо мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Вазифаи менеҷменти стратегӣ дар самти заминстифодабарии кишоварзӣ ба таъмини иҷрои ҳадафҳои корхонаҳои мушахасси кишоварзӣ бо истифодаи оқилонаи омилҳои дохилӣ боназардошти таъсири омилҳои муҳити беруна ва таъмини фаъолияти самарабахши дарозмуддат дар асоси ташкили истифодаи устувори замин, мебошад. Дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти аграрии мамлакат ва минтақаҳои он вобаста ба вазъи бозор ноустуворӣ дар фаъолияти субъектҳои хоҷагӣ мушоҳида карда мешавад. Маҳз, ноустувории фаъолият ва мавҷудияти хавфу хатар омили рушди навбатӣ мебошад.

Бинобар ин, таҷрибаи идоракунии стратегӣ, ки дар кишварҳои хориҷи роҳандозӣ карда мешавад, барои корхонаҳои кишоварзии мамлакатамон, ки дар шароити мавҷудияти хавфу хатар фаъолият мекунанд, бодарназардошти хусусиятҳои маҳал истифода бурдан судманд мебошад.

Дар маҷмӯи унсурҳои таъминоти захиравии амнияти озуқаворechoии кишвар истифодаи оқилона ва самараноки заминҳои кишоварзӣ дар таъмини афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, омилу шароити бунёдӣ маҳсуб мешавад. Маҳз афзоиши ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ нахуст нишондиҳандаи самаранокии идоракунии истифодаи устувори замин ва ҳамин тариқ устувории амнияти озуқаворechoии кишварро кафолат медиҳад (ҷадвали 2.4.1).

Барои арзёбии муайян кардани самранокии идоракунии заминистифодабарӣ ҳосилнокии заминҳои кишоварзиро мо таҳлили байниминтақавии ин нишондиҳандаро гузаронидем. Парвариши зироатҳои кишоварзӣ, озуқаворӣ ҳамчун объекти идоракунӣ на танҳо як соҳаи анъанавии кишоварзӣ, балки объекти идоракунии таъминоти захиравии амнияти озуқаворӣ низ мебошад. Зеро истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣии худӣ вазъи амнияти озуқавориро дар кишвару минтақа муайян мекунад.

**Ҷадвали 2.4.1.** Ҳолати ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар минтақаҳои мамлакат

| **Зироатҳо** | **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ** | **Вилояти Суғд** | **Вилояти Хатлон** | **ВМКБ** |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳосилнокии ғалладона ва лӯбиёгӣ | 33,3 | 27,1 | 29,9 | 38,1 | 15,8 |
| Сабзавот | 286,1 | 230,8 | 304,7 | 304,3 | 165,7 |
| Картошка | 191,1 | 155,8 | 230,1 | 175,6 | 129,5 |
| Полезӣ | 312,4 | 133,8 | 343,0 | 315,1 | 150,0 |
| Меваҷот | 43,8 | 44,2 | 22,2 | 82,5 | 84,8 |
| Ангур | 84,7 | 104,8 | 48,1 | 103,8 | |

**Сарчашма:** Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон - Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024, с. 217- 249.

Чуноне, ки маълумоти ҷадвали 2.4.1. нишон медиҳад, бузургии ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар минтақаҳои мамлакат аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Масалан, ҳосилнокии ғалладона ва лӯбиёгӣ дар вилояти Хатлон 38,1 сентнер гектарро ташкил додааст, нисбат ба дигар минтақаҳои мамлакат баландтарин мебошад. Ин нишондиҳанда дар ВМКБ беш аз 2 маротиба паст мебошад. Дар вилояти Суғд бошад 29,9 с/га-ро ташкил додааст, ки ҳатто аз нишондиҳандаи миёнаи мамлакат 3,2 сентнер гектар паст мебошад.

Ҳосилнокии сабзавот бошад дар ду минтақаи калони мамлакат – вилояти Суғд ва Хатлон қариб, ки дар як сатҳ қарор дорад - 304,7 ва 304,3 сентнер гектарро ташкил додааст ва ин нишондиҳанда дар мамлакат баландтарин мебошад. Деҳқонони вилоят дар ин самт, яъне ба паравариши сабзавот ҷиҳати қарорҳои идоракуни нисбат ба истифодаи қиъаҳои замин бештар ба механизмҳои бозорӣ, бозоргирии маҳсулот таваҷҷӯҳи ҷидди доданд, ки сатҳи баланди ҳосилнокиро ноил шудаанд. Яъне, парвариши сабзавот сармоягардии майдони киштро мусоидат намудааст, чаро ки ҳавасмандии онҳо дар мавриди боло рафтани даромад аз ҳар гектари замини кишт рӯйи кор омадааст. Ҳосилнокии картошка дар вилояти Суғд нишондиҳандаи максималиро гирифтааст, яъне ба 230,1 сентнер аз ҳар гектар расидааст, ки нисбат ба дигар минтақаҳо хеле баланд, зимнан аз нишондиҳандаи миёнаи мамлакат қариб 40 сентнер аз ҳар гектар зиёд аст. Истеҳсоли картошка, ҳосилнокии он мантиқан дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бояд баланд бошад, зеро шароити табииву иқлимӣ мусоид аст, аммо ин нишондиҳанда хеле паст аст, ки доир ба сатҳи пасти ҳавасмандии кормандони ин соҳа ва сатҳи пасти қабули қарорҳои идоракунии дар ин ҷода шаҳодат медиҳад. Ҳосилнокии зироатҳои полезӣ дар вилояти Суғд нишондиҳандаи баландтаринро миёни дигар минтақаҳо ишғол намудааст - 343,0 сентнер аз ҳар гектарро ташкил додааст. Аз нишондиҳандаи миёнаи мамлакат беш аз 32с/га зиёд мебошад. Нишондиҳандаи миёнаи мамлакат, яъне сатҳи нисбатан пасти ҳосилнокии полезиро дар мамлакат метавон гуфт, ки паст шудани ҳосилнокии полизии хоҷагиҳои НТҶ ва ВМКБ боис гардида-

аст. Дар хоҷагиҳои вилояти Суғд сатҳи пасти ҳосилнокии меваҷоту ангур мушоҳида мешавад, ки мувофиқан 22,2 ва 48,1 с/га-ро ташкил додааст, ки аз нишондиҳандаи миёнаи мамлакат беш аз 2 маротиба паст мебошад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳавасмандӣ дар таъмини рушди боғу токпарварӣ таназзул ёфтааст, дар мавриди идоракунии истифодаи замини зери боғу ток ба арзиши алтернативии замин (истифодаи он дар дигар самти фаъолият) таваҷҷӯҳ дода намешавад.

Дар ташкили низоми идоракунии стратегии заминҳои кишоварзӣ истифодаи муносибати бечмаркинг хеле муҳим мебошад. Тибқи ин муносибат хоҷагиҳо ҳадафҳои статегии худро барои давраи дарозмуддат дар асоси интихоби нишондиҳандаи эталонӣ муайян менамоянд. Мо ба ҳайси нишондиҳандаи эталонӣ нишондиҳандаҳои баланди сатҳи ҷаҳониро нагирифта, фақат нишондиҳандаи миёнаи мамлакат ва нишондиҳандаи максималии ҳосилнокии зироатҳо, ки дар ватани худамон ноил шудаанд, интихоб кардем. Сипас истифода аз методи фосила масофаи дуриро аз онҳо дар ҳар минтақаҳо, бахусус дар минтақаи таҳқиқшаванда – вилояти Суғд арзёбӣ намудем, ки он бояд дар маркази қабули қарорҳои идоракунии стратегӣ қарор гирад.

**Ҷадвали 2.4.2.-** Қиёси ҳосилнокии мавҷудаи зироатҳо бо нишондиҳандаҳои миёна ва максималӣ

| | **Қимматҳои қиёсӣ, дар ҷумҳурӣ** | | **НТҶ** | | **Вилояти Суғд** | | **Вилояти Хатлон** | | **ВМКБ** | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **миёна** | **Максималӣ** | **Фарқият аз қимматҳои:** | | | | | | | |
| | | | **миёна** | **Максималӣ** | **миёна** | **Максималӣ** | **миёна** | **Максималӣ** | **миёна** | **Максималӣ** |
| Ҳосилнокии ғалладона ва лӯбиёгӣ | 33,3 | 38,1 | 0,81 | 0,71 | 0,89 | 0,78 | 1,14 | 1,00 | 0,47 | 0,41 |
| Сабзавот | 286,1 | 304,7 | 0,80 | 0,76 | 1,06 | 1,00 | 1,06 | 0,99 | 0,54 | 0,54 |
| Картошка | 191,1 | 230,1 | 0,81 | 0,68 | 1,20 | 1,00 | 0,92 | 0,76 | 0,56 | 0,56 |
| Полезӣ | 312,4 | 343,0 | 0,43 | 0,39 | 1,10 | 1,00 | 1,01 | 0,92 | 0,44 | 0,44 |
| Меваҷот | 43,8 | 84,8 | 1,00 | 0,52 | 0,50 | 0,26 | 1,88 | 0,97 | 1,93 | 1,00 |
| Ангур | 84,7 | 104,8 | 1,24 | 1,00 | 0,57 | 0,45 | 1,22 | 0,99 | - | - |
| | - | - | 5,09 | 4,06 | 5,32 | 4,49 | 7,23 | 5,63 | 3,94 | 2,95 |
| Ба ҳисоби миёна | - | - | 0,84 | 0, 67 | 0,88 | 0,75 | 1,20 | 0,93 | 0,65 | 0,49 |
| Ҷойгоҳи минтақаҳо | | | 3 | 3 | 2 | 2 | 1 | 1 | 4 | 4 |

**Сарчашма:** Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон - Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024, с. 217- 249.

Таҳлили қиёсӣ нишон дод, ки миёни минтақаҳои мамлакат дар таъмини афзоиши сатҳи ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ хоҷагиҳои вилояти Хатлон ҷойи аввалро ишғол менамоянд. Индекси маҷмаии қиёсии дараҷаи ҳосилнокии зиороатҳои кишоварзӣ нисбат ба қимати миёнаи мамлакат ва қимати максималӣ мувофиқан 1,20 ва 0,93-ро ташкил додааст. Ин сатҳи баланд аз ҳисоби таъмини афзоиши ҳосилнокии чунин зироатҳои кишоварзӣ сатҳи миёнаи мамлакат ба мисли, ғалла (1,14) сабзавот (1,06), полезӣ (1,01), меваҷот (1,88) ва ангур (1,22) сурат гирифтааст. Ҳосилнокии ин зироатҳо нисбат ба қимати максималӣ хам мувофиқан дар сатҳи (1,00), (0,99), (0,92), (0,97) ва (0,99) қарор гирифтааст. Ин натиҷаҳои баланд дар вилоят дар бораи нисбатан самаранок ташкил намудани идоракунии заминҳои кишт ва ё ташкили менеҷменти заминистифодабарӣ мутобиқ ба талаботи бозор шаҳодат медиҳад.

Хоҷагиҳои вилояти Суғд дар самти таъмини афзоиши ҳосилнокии зироатҳои ҷойи дуввумро ишғол менамояд. Зеро, дар вилоят индекси маҷмаии қиёсии дараҷаи ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ нисбат ба қимати миёнаи мамлакат ва қимати максималӣ мувоффиқан ба 0,88 ва 0,75 баробар аст, ки нисбат ба ҳамин нишондиҳандаҳои вилояти Хатлон дар сатҳи 0,32 ва 0,18 паст мебошад. Ин натиҷаҳо аз ҳисоби ноил шудан ба сатҳи баланди ҳосилнокии чунин зироатҳои кишоварзӣ нисбат ба нишондиҳандаи миёнаи мамлакат – сабзавот (1,06), картошка (1,20) ва полезӣ (1,10) ба даст омадааст. Бояд қайд намуд, ки ҳосилнокии зироатҳои номбаршуда дар хоҷагиҳои вилоят қимати максималиро ифода намудаанд, яъне ба (1,0). баробар аст. Пас, таҷрибаи идоракунии заминҳои кишти ин зироатҳо ва ё менеҷменти заминистифобариро дар парваришу гирифтани ҳосили баланди сабзавот, картошка ва полезӣ омӯхт. Азбаски дар вилоят дар ин давраи таҳлилӣ азнавсозии боғу токзорҳо сурат гирифта истодааст, бинобар он то ба ҳосили пурра даромадани боғоту токзори хоҷагиҳои вилоят ҳосилнокии онҳо нисбат ба дигар минтақаҳои мамлакат хеле паст мебошад. Бинобар он, аз ҳисоби ин нишондиҳандаҳо индекси маҷмаии қиёсии дараҷаи ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ нисбат ба қимати

миёнаи мамлакат ва қимати максималӣ нисбат ба минтақаҳо паст шудааст. Хоҷагиҳои вилояти Суғд, деҳқонони онҳо дар самти боғпарвариву токпарварӣ ва идоракунии равандҳои давраҳои (сиклҳои) ҳаётии онҳо таҷрибаи бойи таърихӣ доранд ва бо гузашти даври объективии боғпарварӣ, яъне боз ба кор даромадани боғҳои нав ҳосилнокии маҳсулоти онҳо яку якбора зиёд хоҳад шуд.

Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷойи сеюмро тибқи индекси маҷмааи қиёсии дараҷаи ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ишғол намудаанд, ки сатҳи ин нишондиҳанда аслан аз ҳисоби ҳосилнокии меваҷоту ангур ба даст омадааст. Дар ВМКБ бошад, танҳо ҳосилнокии меваҷот назаррас аст, ки сатҳи он нисбат ба қимати миёнаи мамлакат ба 1,93 ва ба қимати максималӣ ба 1,00 баробар аст. Яъне ҳосилнокии меваҷоти хоҷагиҳои ВМКБ қимати максималиро муайян намудааст.

Ин фарқиятҳои байниминтақавӣ ҳарчанд вобаста бо табиату иқлими минтақаҳо вобаста аст, аммо, дар замони рушди инноватсия ва рӯйи кор омадани сифатҳои иқтисодиёти дониш бояд тафовутҳо вобаста аз шароити табииву иқлимӣ тамоюли пастравӣ дошта бошад. Фаъолияти идоракунии муосири майдони кишт ва парвариши зироатҳо дар асоси донишу татбиқи инноватсия имконияти васеъи баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳоро дорад.

Агар таҳлили муқоисавии ҳосили зироатҳоро бо давлатҳои пешрафтаи ғарб эталон қабул намоем, пас масалан, ҳосили ғалладона дар Тоҷикистон нисбат ба ин кишварҳо (Олмон, Фаронса, Британияи Кабир), инчунин, нисбат ба кишварҳои пешрафтаи Осиёи Шарқӣ 2-3 маротиба паст аст.

Имкониятҳо ва шароити мусоиди обу ҳаво дар кишвар иқтидори муҳиму беназир дар афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли махсулоти кишоварзӣ мебошад. Ин иқтидор бояд дар заминаи ташкили низоми идоракунии стратегӣ дар самти татбиқи принсипҳои зироаткории дақиқ, ки ба талаботи кишоварзию заминистифодабарии устувор мувоффиқ аст, қарор гирад. Дар ин аснод, зарурати таҳияи стратегияи истифодабарии

замин дар пояи муносибатҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба миён меояд. Ин ҷо, пеш аз ҳама муносибати методологии институтсионалиро, ки охирин дар навбати аввал низоми дигаргунсозӣ ва ислоҳот (ба иваз кардани институтҳои қаблан мавҷудбудаи низоми заминистифодабарии кишоварзӣ), бунёди сохтори нави институтсионалӣ, ки ба муносибатҳои истифодабарии устувори замин ва бозорӣ мувофиқ, вобаста ба шароити мушаххаси манотиқи мамлакат равона шудааст, дар назар дорем. Ба ин муносибат хангоми бунёди сохтори институсионалии муносибатҳои замин ба инкишоф институт-омилҳо ва институтҳои рушд таваҷҷӯҳи ҷиддӣ дода шавад.

Дар илми иқтисодӣ оид ба ташаккули институтҳо вобаста ба масъалаҳои ташаккули стихиявӣ ё стихиявии онҳо, инчунин дар бораи равандҳои институтсионализатсияи онҳо - фаъолияти бошуурона, институтсионалӣ ақидаҳои зиддиятнок мавҷуд аст.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дигаргуниҳои институтсионалӣ дар соҳаи истифодаи заминҳои кишоварзӣ ҳанӯз дар давраи гузариш зери таъсири омилҳои иқтисодию бозорӣ қарор доранд. Имрӯзҳо тахассугардии хоҷагиҳои шаклҳои гуногун ба навъҳои алоҳидаи фаъолият, истеҳсоли маҳсулоти мушаххас сурат гирифта истодааст. Баъзе корхонаҳои кишоварзии нисбатан калон, ки то имрӯз боқӣ мондаанд, нисбат ба хоҷагиҳои хурд мавқеву самранокии худро дар соҳаи кишоварзӣ нигоҳ доштаанд ва дар истеҳсоли бисёре аз махсулоти кишоварзӣ мавқеи аввалиндараҷа доранд, таъсири худро дар тараққиёти индустриаливу инноватсионӣ гузошта истодаанд. Онҳо дар бобати ба вуҷуд овардани захираи арзони хӯроки чорво, таъмин намудани замин, механиконидани истеҳсолот ва ғайра имкониятҳои фароҳам доранд ва барои гузаштан ба тамсилаи иқтисодии индустриаливу аграрӣ нақши калидӣ доранд.

Маҳз механизми идоракунии стратегии самаранокии истифодаи замини кишоварзӣ, менеҷменти заминистифодабарӣ дар хоҷагиҳои

нисбатан калон ба чашм мерасад, ки ба тағйир додани хусусияти муносибатҳои замин ва ҳамкории байни иштирокчиёни онҳо таъсири намоён расонида истодаанд. Ҳалли муаммоҳои иҷтимоию экологӣ ва фароҳам овардани шароит барои рушди принсипҳои кишоварзию заминистифобарии устувор, муносибатҳои экологиву иқтисодӣ замин ҳадафи асосии идоракунии стратегӣ мебошад.

Бинобар ин, зимни лоиҳакашии институтсионалӣ, эҷоди институтҳои муносибатҳои замин, институт-механизмҳои инкишофи принсипҳои заминистифодабарии устувор, оптимизатсияи сохтори киштгардон, ки ба болоравии ҳосилнокии табии замин мусоидат менамояду дараҷаи баланди ҳосилхезии онро таъмин менамояд, дар маркази фаъолияти идоракунии стратегӣ қарор мегирад.

Бояд таъкид намуд, ки вилояти Суғд муҳимияти таҳия ва татбиқи принсипҳои идоракунии стратегияи истифодаи устувори заминҳои кишоварзӣ меафзояд. Зеро, солҳои охир таназзули ҷанбаҳои экологии истифодаи замин мушоҳида мешавад, ки ин тамоюлро метавон гуфт, ки шиддат гирифтани ҷалби интенсивии заминҳои кишоварзӣ ба гардиши кишоварзӣ боис шудааст. Тавре, ки дар боло зикр гардид, идоракунии стратегии истифодаи устувори замин низоми тадбирҳоест, ки на танҳо дастёб шудани ҳадафу вазифаҳои истеҳсоливу иқтисодии субъектҳои хоҷагидорро тавассути ҳамоҳангсозӣ ва тақсими (муайян намудани ҳуқуқи моликият ба истифодабарии замин) заминҳои кишоварзиро таъмин менамояд, балки дар таъмини захиравии амнияти озуқаворӣи вилоят нақши гиреҳи дорад ва охирин бояд дар маркази идоракунии стратегии на танҳо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, балки ҷузъи идоракунии ҳар як субъекти хоҷагидори иқтисодиёти кишоварзӣ қарор гирад.

Воқеан ҳам, таҳлили даҳсоли охири истифодаи ҷамъи даромади аҳолӣ ба як аъзои хонавода дар як моҳ ба маҳсулоти озуқа тамоюли афзоиши онро нишон медиҳад. Соли 2023 аҳолӣ ба як аъзои хонавода дар як моҳ

барои харидани маҳсулоти озуқа 524,29 сомонӣ сарф намудааст, ки нисбат ба соли 2014 беш аз 3 маротиба (165,41 сомонӣ буд) зиёд мебошад. Аммо, тағйироти солонаи он, бахусус фарқият аз нишондиҳандаи миёна калон мебошад, ки он аз лаппишҳои дастрасии иқтисодии хонаводаҳо, қобилияти пардохтпазирии оилаҳо алоқаманд мебошад. Дар асоси маълумоти ҷадвали 2.4.3 ҳаҷми мӯътадили хароҷоти аҳолиро ба як аъзои хонавода дар як моҳ ба маҳсулоти озуқа тавассути ҳисоб намудани тамоюли хатии тағйироти он арзёбӣ намудем, ки барои дурнамогирӣ ва ҳамин тариқ, ташкили идоракунии стратегӣ муҳим мебошад.

**Ҷадвали 2.4.3.-** Истифодаи ҷамъи даромади аҳолӣ ба як аъзои хонавода дар як моҳ ба маҳсулоти озуқа, сомонӣ

| **Сол** | **t** | **Хароҷот барои хариди маҳсулоти озуқа, сомонӣ** | **Yt.t** | $t^2$ |
|---|---|---|---|---|
| 2014 | 1 | 165,41 | 165,41 | 1 |
| 2015 | 2 | 176,17 | 352,34 | 4 |
| 2016 | 3 | 178,67 | 536,01 | 9 |
| 2017 | 4 | 203,95 | 815,81 | 16 |
| 2018 | 5 | 168,44 | 842,20 | 25 |
| 2019 | 6 | 199,21 | 1195,26 | 36 |
| 2020 | 7 | 359,36 | 2515,52 | 49 |
| 2021 | 8 | 479,19 | 3833,52 | 64 |
| 2022 | 9 | 441,79 | 3976,11 | 81 |
| 2023 | 10 | 524,29 | 5242,90 | 100 |
| | ∑ t = 55 | ∑ Yt=2896,48 | ∑ Yt.t =19475,08 | $\sum t^2=385$ |

**Сарчашма:** Ҳисоб карда шуд аз рӯйи: Омори солонаи вилояти Суғд, 2016. с.193; Омори солонаи вилояти Суғд, 2021, с.214; Омори солонаи вилояти Суғд, 2024, с.127-129

Барои муайян намудани тамоюли хароҷоти аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ мо муодилаи хатии регресиионии зеринро истифода бурдем [37].

$Ft = B0 + B1 \cdot t, \quad (1.)$

Дар ин ҷо Ft – қимати тамоюл дар тири ординат дар лаҳзаи t; B0 – нукта, ки дар он тамоюли (тренд) тири координатро мебурад; B1 – коэффисиенти каҷии хати тренд. Тамоюли беҳтари он аст, ки (муодила бо

коэффисиентҳои B0 ва B1), суммаи квадратҳои фарқиятӣ қаторҳо нисбати хати тренд минималӣ бошад.

$$\sum_{t=1}^{n}(Y_t - F_t)^2 \Rightarrow min, \qquad (2.)$$

Ин ҷо Yt – қимати воқеии нишондиҳандаҳо дар қатори динамикӣ дар лаҳза ва ё вақти муайяни t;

Ft – қимати тренд дар вақт t; n – шумораи компонентҳои қатори динаммикӣ.

Квадрати лаппишҳо ва ё фарқиятҳо (Yt – Ft) лапишҳои баробарҳуқуқро дар самти манфӣ ва мусбӣ таъмин менамояд, зеро хати тренд метавонад ҳам аз болои қаторҳои динамикӣ ва ҳам аз болои он гузарад. Коэффисиентҳои B1 ва B0 –ро бо формулаи зерин ҳисоб менамоем, то ин ки дар муодилаи регрессви монем:

$$B_0 = \frac{\sum_{t=1}^{n} Y_t - B_1 \sum_{t=1}^{n} t}{n}, \qquad (3.)$$

Коэффисиентҳои B0 и B1 имкон медиҳад, ки тренди беҳтаринро муайян намоем (Ҷадвали 2.4.3.).

B1 = 19475,08 – (2896,48 x55/10)/385- ($55^2$/10) = (19475,08 – 15930,64)/82,5 =42,96

B0 = 2896,48- 42,96x55/10 = 2896,48 -2362,8/10 = 533,68/10 = 53,37

Ft = 53,36+ 42,96 xt

Дар асоси ин муодила тамоюли ҳаҷми хароҷоти оилаҳоро ба ҳар як нафар дар як моҳ барои ба даст овардани маҳсулоти озуқаворӣ муайян менамоем. Муодила нишон медиҳад, ки хариди маҳсулоти озуқа дар як моҳ ба ҳисоби миёна бояд 42,96 сомонӣ зиёд мешавад.




**Диаграммаи 2.4.1.** Тамоюли (тренд) ҳаҷми хариди маҳсулоти озуқа ба ҳар нафар дар як моҳ, сомонӣ, ҳисоб карда шуд тибқи: Омори солонаи вилояти Суғд, 2016. с. 193; Омори солонаи вилояти Суғд, 2021, с. 214; Омори солонаи вилояти Суғд, 2024, с. 127-129.

Чуноне, ки аз диаграммаи 2.4.1 дида мешавад, ҳаҷми ҳақиқии истифодаи ҷамъи даромади аҳолӣ ба як аъзои хонавода дар як моҳ ба маҳсулоти озуқа солҳои 2014-2015 ва солҳои 2021-2023 аз хати тамоюл баланд буд. Ин ҳолат аз сатҳи баланди қобилияти харидорӣ ва ё дастрасии иқтисодии хонаводаҳо шаҳодат медиҳад. Солҳи 2016-2020 нишондиҳандаи ҳақиқӣ ва ё вокеӣ аз хати тамоюл паст буд. Умуман, нишондиҳандаи солонаи афзоиши ҳаҷми харочотро дар саттҳи 42,96 сомонӣ дар як моҳ ба як нафар вобаста ба афзоиши даромади аҳолӣ ва сатҳи тавворум дар асос гирем, пас дар дурнамои афзоиши устувор дорад, ки он дар расми 2.4.2 нишон дода шудааст.




**Диаграммаи 2.4.2.** Дурнамои истифодаи ҷамъи даромади аҳолӣ ба як аъзои хонавода дар як моҳ ба маҳсулоти озуқа, сомонӣ

Дар доираи дурнамои ҳисобкардашуда ҷамъи даромади аҳолӣ ба як аъзои хонавода дар як моҳ ба маҳсулоти озуқа, соли 2030 ба сатҳи 783,68 сомонӣ мерасад, ки нисбат ба соли 2024 дар сатҳи 49 фоиз зиёд аст. Афзоиши ин нишондиҳанда на танҳо натиҷаи болоравии сатҳи зинадагии мардум мебошад, балкӣ маблағи хеле калон, ки ба зеркомплекси озукавории иқтисодиёт талаботи самаранокро пайдо мекунад. Вобаста ба ин пешгӯиҳо бояд ба истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, ки бо афзудани шумораи аҳолӣ маҳдудияти он боз ҳам шадидат мегардад, таваҷҷӯҳи ҷиддӣ дода шавад.

Фаъолгардии қабули қарорҳои идоракунии стратегӣ истифодаи замин бояд ба афзалияти омилҳое, ки ба таъмини истифодаи устувор ва экологии замин асос ёбад. Вобаста ба ин метавон самтҳои асосии такмили низоми идоракунии стратегии истифодаи устувори заминҳои кишоварзиро дар вилояти ҷудо намуд (расми 2.4.3).

Дар низоми идоракунии стратегии истифодабарии устувори заминҳои кишоварзӣ истифодаи муносибати табии-мутобиқгардонии замин бояд ҷойгоҳи муҳиро ишғол намояд, ки он ба беҳтар шудани сифату ҳосилхезии табии заминҳои кишоварзӣ ва ташкили муқарароти истифодаи нуриҳо, гузаштан ба усулҳои гумусҳивазкунанда ва биотехнологияҳои мубориза бо ҳашароти зараррасон мусоидат менамояд.

Ҳарчанд заминҳои таъиноти кишоварзӣ омили асосии пешрафти иқтисодиёти кишоварзӣ ва таъминкунандаи иқтидори захиравии амнияти озуқаворӣ мебошад, аммо ҳанӯз ҷойгоҳи он дар низоми омилҳои истеҳсолӣ ночиз аст ва саҳми он дар рушди иқтисодиёти кишоварзӣ паст аст. Далели ин гузоришро дар паст будани ҳиссаи пардохт ва андози замин дар даромади буҷет ва муайян набудани мавқеи замин дар арзиши дороиҳои корхонаҳои кишоварзӣ, умуман, сатҳи пасти сармоягардии он ифода меёбад. Аз нигоҳи назариявӣ заминҳои кишоварзӣ бо мурури замон бояд на танҳо ҳосилхезии худро паст намекунанд, балки баръакс, пайваста бо истифодаи оқилонаи он хосияташро афзун менамояд.

**Самтҳои такмил додани идоракунии захираҳои замин**

- Рушди идоракунии замин ҳамчун асоси зиёд кардани таъсири воситаю технологияи нави агротехникӣ. Анҷоми корҳо оид ба кадастр ва мониторинги он дар ҳудуд бо истифода аз механизмҳои инноватсионии баҳодиҳии бозори замин.
- Омодагӣ ба қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими гардиши замин дар минтақаҳо, инчунин аз нав дида баромадани қонунгузории амалкунанда бо мақсади бартараф намудани хилофот бо қонунҳои дигар
- Бехтар намудани мониторинги замин дар асоси истифодаи комплексии усулхо, тавсияҳои методологи оид ба нигоҳ доштан ва барқарор намудани заминхои ифлосшуда, тавсияхо оид ба тартиб додани автоматикунонии харитахои хок, технологияи харитасозӣ ва баҳодиҳии равандҳои манфӣ (эрозияи хок, намии аз меъёр зиёд, ботлоқшавӣ ва ғайра).
- Ба даст овардани тағйироти мусбӣ дар параметрҳои истифодаи захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ тавассути татбиқи лоиҳаҳои инноватсионии сармоягузории заминсозӣ, селекция ва тухмипарварӣ, навсозии техникаи заминсозӣ, гузариш ба технологияҳои захиракунии гумус ва ғайра, асосҳои иқтисодии давраи нави репродуктивӣ ва иқтисодии динамикаи миёна, ки дар доираи он барои баланд бардоштани ҳақиқии самараи истифодаи замин шароити зарурию кофӣ ба вучуд оварда мешавад.

**Омода ва ҷорӣ намудани механизми экологӣ дар амалияи истифодабарии замини хоҷагихо**

- Ҳавасманд гардонидан зимни ҷорӣ намудани технологияи каммасрафи истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ
- Муайян намудани ноустувории табиию иқлимии растаниҳои парваришшавандаи кишоварзи тавассути кори фаъолонаи селекция ва истифодаи навтарин дастовардҳои агротехникӣ
- Дастгирии давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ барои истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва истифодаи технологияҳои самаранок
- Ташаккули механизми самарабахши ташкилие, ки афзалиятҳои агроэкологӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои кишоварзиро муттаҳид мекунад ва ташаккули низомҳои мутобиқгардонии истифодаи замин.
- Гузаронидани тадбирҳо ҷиҳати ҳифзи хок барои барқарор кардани агроэкосистема.

**Расми 2.4.3.** Самтҳои асосии идоракунии стратегии истифодабарии устувори заминҳои кишоварзӣ [128, с.25-30].

Ҳосилнокии заминро, - кайд карда буд Ф.Энгельс, — бо роҳи ба кор бурдани сармоя, меҳнат ва илм беандоза баланд бардоштан мумкин аст” [194, с.203].

Дар асл таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки байни сармоягузории асосӣ ва самаранокии истифодаи замин алоқаи корелятивӣ вуҷуд дорад. Замин, ки воситаи асосии истеҳсолоти кишоварзӣ маҳсуб мешавад, сармоягузорӣ ба он барои баланд бардоштани ҳосилхезӣ, ки омили асосии баланд бардоштани иқтидори иқтисодии замин, инчунин, механизми иқтисодии идораи заминҳои кишоварзӣ ҳам мебошад. Низоми идораи фаъолияти сармоягузорӣ вобаста ба заминҳои кишоварзӣ, ки ба баланд намудани хосилнокии онҳо равона шудааст, дорои хусусияти мураккаб мебошад. Зеро, фаъолияти сармоягузорӣ вобаста ба заминҳои кишоварзӣ чунин равандҳои ба монанди корҳои мелиоративӣ, азхудкунии заминҳои нав, обёрӣ ва дигарро фаро мегирад ва ҳар яке аз ин фаъолиятҳо таҳияву татбиқи лоиҳаҳои сармоягузориҳои мувоффиқро талаб менамояд. Дар замони муосир таҳияву татбиқи лоиҳаҳои дар амалигардонии тадбирҳои мелиоративӣ барои гузаштан ба хочагии органикӣ, ки ба принсипҳои истифодаи устувори замин такя менамояд, хеле муҳим мебошад. Самаранокии гузариш ба кишоварзии органикӣ ва экологӣ пеш аз ҳама бо сиёсати сармоягузорӣ ва молиявию қарзӣ алоқаманд аст, ки он коркарди механизмҳои таъсирбахши амаликунонии ин сиёсатро тақозо менамояд.

**Хулосаи боби дуюм**

1. Таъмин намудани ҳосилхезии минбаъдаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ бо беҳтар намудани ҳолати заминҳои чарогоҳҳо, ки ҳиссаи онҳо дар майдони умумии заминҳои минтақаҳо хеле баланд мебошад, алоқаманд аст. Чунон, ки таҷрибаи хоҷагиҳои пешқадами ҷаҳон нишон медиҳанд, шаклҳои интенсивии истифодаи заминҳои кишоварзӣ, ба вучуд овардани чарогоҳҳои бисёрсола (долголетнее пастбища) метавонад самараи калон орад, ки ин нисбат ба он, аст, ки он ба замини корам табдил дода шавад.

Пеш аз ҳама, бо баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин, истифодаи технологияи муосири парвариши зироатҳо, истифода бурдани навъҳои ҳосилхези зироатҳои маҳалликунонидашуда, дар вақти мувофиқ гузарондани тамоми корҳои саҳроӣ, таҳия ва такмили ташкили меҳнат боназардошти истифодаи технология ҳозиразамон, баланд бардоштани тахассуси кормандон ва ғайра низ мусоидат мекунад.

2. Мутобиқи муносибати бенчмаркинг истифода аз методи фосила метавон имконияту иқтидори баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзиро дар қиёс ба қимати максималӣ муайян намуд. Дар ин муносибат ҳамон хоҷагиҳои кишоварзӣ, ки қимати максималии ҳосилнокиро ба даст овардаанд, бар сифати эталони қиёс ва ҳадафи ноилгардии дигар хоҷагиҳо хидмат менамояд. Таҳлилҳои қиёсии ҳосилнокии зиратҳои кишоварзӣ дар ноҳияҳои кишоварзии вилоят нишон дод, ки сатҳи ноустуворӣ ва нобаробарии онҳо хеле баланд аст. Фарқияти ҳосилнокии зироатҳои ғалладона, картошка ва сабзавот, ки мавриди таҳлил қарор гирифтанд, нисбат ба қимати максималӣ хеле баланд мебошад.

Пайваста бо интенсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ дар пояи татбиқи техника ва технология навин, умуман дастовардҳои илмӣ, механиконии соҳаҳои чорводорӣ, мукаммалгардонии низомҳои обёрикунӣ, ба вуҷуд овардани навъҳои нави зироат ва зоти чорво, ташкили низоми ҳавасмандкунии меҳнат ва ғайра шароит барои ғани гаштани асосҳои захиравии амнияти озуқаворӣ фароҳам меояд. Бинобар он, дар марҳилаи нави тараққиёти ҷумҳурӣ ва иқтисодиёти кишоварзӣ мақомоти маҳалии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар барномаҳои рушди зеркомплеси озуқаврии комплекси агросаноатӣ тадбирҳо андешидааст.

Дар ин раванд, самтҳои афзалиятноки танзими давлатии дигаргунсозии индустриалӣ ба дастгирии рушди навъи сеюми сохтори ташкилию технологӣ равона шудааст, ки он роҳи асосии таъмини истиқлолияти озуқаворӣ ва амнияти он мебошад. Зеро, дар натиҷаи рушди прогрессивии

саноатӣ ва инноватсионӣ дар маҷмӯи ин низом аломатҳои хоси сохтори ташкиливу технологии типи чорум ба вуҷуд меоянд: ба монанди ҷорӣ намудани технологияи индустриалӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ, сарфаи захираҳо, таъмини иттилоотии илмии ташкил ва идоракунии истеҳсолот ва ғайра.

3. Сарфи назар аз пурзӯр шудани сиёсати ивазкунандаи воридоти маҳсулоти озуқаворӣ, ҳоло ҳам муаммоҳо вуҷуд доранд, ки ҳалли онҳо андешидани табирҳоро тақозо менамояд. Ин тадбирҳо, пеш аз ҳама бо такмили самтҳои зерини танзими воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ вобастагӣ дорад: афзоиш додани ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти озуқаврии ватанӣ; баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва сифати он, афзун намудани ҳосили умумии зироаткорӣ; ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои нав, заминҳои партов ва истифодаи самараноки он; мукаммалгардони механизмҳои ҳавасмандкунии низоми андозбандӣ дар бахши кишоварзӣ ва ворид намудани имтиёзи андозӣ ба зеркомплеси озуқаврии МАС; андешидани тадбирҳо доир ба баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ; ташкили ҷойгиркунии оқилонаи истеҳсолот ва тахассугардонии он; мукаммалгардонии механизмҳои ташкиливу иқтисодии алоқаҳои кооперативии байни кишоварзон ва коркардкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ; таъмини рушди инфрасохтори логистикӣ; ташкили қарзҳои имтиёзнок ба корхонаҳои МАС, ки бо истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ сару кор доранд; андозбандии имтиёзнок барои корхонаҳое, ки ашёи хоми ватаниро истифода мебаранд.

## БОБИ III. РОҲҲОИ АСОСИИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАИ ЗАМИНҲОИ ТАЪИНОТИ КИШОВАРЗӢ ВА ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВИИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРИИ ВИЛОЯТИ СУҒД

### 3.1. Асосноккунии консепсияи ташкил ва идоракунии истифодабарии устувори заминҳои кишоварзӣ

Новобаста аз пешрафту дастовардҳо ва таъмини рушди истеҳсолоти кишоварзӣ, ҷараёни болоравии бархе нишондиҳандаҳои истифодабарии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар вилояти Суғд, дар умум: “...омилҳои сатҳи пасти устувории экологии рушди кишоварзӣ, ки ба зиёдшавии таназзули захираҳои замину об оварда мерасонад. Қабл аз ҳама, камшавии майдони заминҳои корам дар натиҷаи харобшавӣ, шӯршавӣ, ботлоқшавӣ, баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ, кам шудани ҳудуди ҷангалзорҳо, аз гардиши кишоварзӣ баровардани заминҳо, инчунин омилҳои тағйирёбии иқлим алоқаманд мебошад” [5] мушоҳида мешавад. Бинобар он, дар марҳалаи нави рушди иқтисодиёти кишоварзӣ бояд истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар заминаи принсипҳои истифодаи устувори онҳо сурат гирад. Истифодаи устувори заминҳои кишоварзӣ, пеш аз ҳама ин шакли устувори хоҷгидорӣ дар доираи фаъолияти қонун иҷозатдодашуда мебошад, ки қобилияти пешгӯии таҳдиду коҳиши истеҳсолот ва муқовимат ба таъсири таҳдиҳоро (ҳодисоти аз ҷиҳати экологӣ хатарнокро) дар назар дорад.

Дар ин раванд, низоми идоракунии замин ба ташкили заминистифодабарии устувор, такрористеҳсоли ҳосилхезии он ва беҳтар кардани вазъи муҳити зист равона шудааст. Дар низоми идоракунӣ, истифодабарии самараноки заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар пояи консепсияи рушди устувор нақши калидӣ дорад. Барои ҳалли муаммоҳои таъмини захираи озуқаворӣ дар сатҳҳои гуногун (вилоят, ноҳия, ҷамоатҳо, деҳаҳо) мусоидат менамояд. Дар маҷмӯъ, низоми идоракунии давлатии захираҳои замин тавре ба роҳ монда шудааст, ки дар он тамоми ҷанбаҳои таъминоти амнияти иқтисодӣ ифода ёфта, дар он амнияти озуқаворӣ нақши муҳимро

ишғол менамояд. Масалан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти озуқаворӣ» самтҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи таъмини амнияти озукаворӣ ва аз ин лиҳоз, ташкили идоракунии оқилонаи заминҳои таъиноти кишоварзиро муайян менамояд, ки ҷузъи асосии идоракунии давлатии раванди истифодаи заминҳои аграриро ташкил медиҳад. Дар қонуни мазкур омадааст: “...таъмини амнияти озуқаворӣ ҳамчун таҳия ва амалӣ намудани чорабиниҳои иқтисодӣ, ташкилӣ ва чорабиниҳои дигаре, ки асосан аз ҳисоби истеҳсолоти дохили бо озуқаи асоси дар сатҳи меъёрҳои муносиби илман асоснок барои конеъ намудани талаботи аҳолӣ ва пешгирии буҳронҳои озуқаворӣ равона шудаанд”[14]. Ин ҳадаф дар асоси ташкили истеҳсолоти самараноки кишоварзӣ, ки пеш аз ҳама истифодаи мақсаднок ва идоракунии захираҳои заминҳои кишоварзӣ ва дигар захираҳои табии барои рушди устувори иктисодиву иҷтимоии мамлакат давлат, тақозо менамояд, амалӣ гардонида мешавад.

Умуман, масъалаҳои умумии иқтисодию ичтимоӣ ва агросаноатии таъмини амнияти озуқаворӣ то андозае маълум аст. Бояд зикр кард, ки муаммоҳои ташкилию ҳудудӣ ва идоракунӣ, ки бевосита бо тарафҳои заминию заҳиравии амнияти озуқаворӣ алоқамананд, бознигарии назариявӣ ва амалиро талаб менамояд. Дар низоми идоракунии истифодабарии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дарёфти механизмҳои таъсирбахш ҷиҳати баланд бардоштани таъминоти захиравии амнияти озуқаворӣ бодарназардошти моҳияти иқтисодӣ ва талаботи экологӣ, ки ба рушди устувори деҳот мусоидат менамояд, муҳим аст.

Дар адабиёти илмии иқтисодӣ дар мавзӯи идоракунии заминҳо дар пояи муносибати рушди устувор, яъне истифодаи устувори замин дар доираи муқарраротиолими рус М.О.Лотсмер ҳамчун: “...нигоҳ доштани истифодаи замин дар ҳудуди бетағйир ба муддати ба таври кофӣ дароз, маъмул буд” [106, с.119]. Дар кишварҳои ғарб мафҳуми “истифодаи устувори замин” дар амалияи онҳо ҳамчун ҷараёни банақшагирии ҳудудӣ истифода карда мешавад. Воқеан ҳам, тағйирнопазирии сарҳадҳо ҳамчун

сифати устувори як қатор омилҳои иқтисодӣ ва экологиро дар бар мегирад, қабул карда мешавад. Аз ин лиҳоз, зарур мешуморем, ки дар санадҳои меъёрию ҳуқуқии кишварамон, ки муносибатҳоро доир ба ҳифзи захираҳои замин муайян менамояд, истилоҳи “истифодаи устувори замин” ворид карда шавад.

Истифодаи устувори қитъаҳои замин асосан аз талаботи илмию таълимии рушди устувор бармеояд, ки бо меъёрҳои миллӣ бо талаботҳои “рушди устувор” ҷавобгӯй бошад. Тафриқаи устувории истифодаи замин аз устувории ҷисмонӣ/техникӣ дар он аст, ки хусусиятҳои асосии он ба фаъолияти ҳадафноку оқилонаи заминистифодабаранда ва эътимоднокии низоми идоракунӣ, дар умум алоқамандии зичро доро мебошанд. Дар раванди асоснок намудани механизмҳои идоракунии самараноки низомҳои истифодабарии устувори захираҳои замин татбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти илмии олимони хориҷӣ ва ватанӣ аст, ки ҷанбаҳои гуногуни иқтидори захиравии низомҳои табиӣ таҳқиқ шудаанд ва дар зери заминаҳои муайян намудани индексҳо ва нишондиҳандаҳои устувори замин қарор доранд, ки ба ҳадаф мувофиқ аст. Дар инкишоф додани баҳодиҳии вазъият ва пешомадҳои тараққиёти иктисодиёт, соҳаҳои алоҳида ва минтақаҳо асарҳои З.Ш. Раҳмонов, Р.Р. Қудратов, Ҷ.С. Пиризода, А.Б. Мирсаидов, С.А. Мирсаидов, Х. Умаров, Х.М. Муҳаббатов ва дигаронро қайд кардан лозим аст [117]. Чи тавре дар боло ишора намудем, истилоҳи «истифодаи устувори замин» дар санадҳои ҳуқуқӣ ва адабиёти илмӣ шарҳи якрангро надоранд. Чуноне, ки дар боби аввали диссертатсия таъкид намуда будем, амният ба мафҳуми умумӣ ҳолати амнияту иқтидорӣ низомро тавсиф медиҳад ва таҳқиқи он имкон медиҳад, ки ба таъсироти манфии таҳдидҳои дохилӣ ё берунӣ аксуламал ва муқовимат рӯйи кор ояд. Дар замони муосир амнияти экологӣ мубраммият пайдо кардааст, ки бо истифодаи устувори замин алоқаманд мебошад. Мафҳуми амнияти экологӣ дар Иттиҳоди Аврупо накши стратегӣ пайдо кард, ки он: “...ҳамчун ҳифзи ҳаёт ва

солимии аҳолӣ, муҳити зист, иншооти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва саноатӣ аз таҳдиду хатари номатлуби табиӣ ва техногенӣ муайян карда шудааст” [184]. Тақрибан аз ҳамон мавқеъҳо идоракунии бехатарии экологӣ дар кори олими ватанӣ Ҳ.А. Одинаев омӯхта шудааст. Ба назари мо қоидаҳои умумиро ҳангоми инкишоф додани истифодаи бехавфи замин ба назар гирифтан лозим аст.

Бояд қайд кард, ки истифодабарии самарноки заминҳои ҳосилхез дар таъмини тавозуни бозории талабот ва пешниҳоди маҳсулоти озуқаворӣ, ҳамчун манбаи ашёи хоми коркард ва истеҳсоли маҳсулоти тайёр, ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи истеъмолгарон равона шуда аст. Ҳамзамон, дар таъмини зиндагии мӯътадили аҳоли бо захираҳои худии маҳсулоти озуқа нақши калиди доранд. Аммо, аксар вақт дар мавриди истифодабарии заминҳои кишоварзӣ дар доираи муносибатҳои бозорӣ ба назаргирии омилҳои экологӣ ва такрористеҳсоли сифати устувории замин амалан дида намешавад. Ин ҳолат боис ба таваҷҷӯҳи ҷиддӣ дар самти таҳқику ташаккули истифодаи устувори замин мегардад.

Дар ин самт зарур аст, ки омилҳо ва шароитҳое мавриди таҳқиқ қарор гиранд, то ин ки ба равандҳои танзими муносибатҳои замин дар бахши иқтисоди кишоварзӣ ва ё соҳаи истеҳсолоти агросаноатӣ таъсири мусбӣ расонанд ва барои баланд бардоштани сатҳи таъминоти захиравии амнияти озуқаворӣ мусоидат намоянд.

Ба андешаи мо, истифодаи консепсияи истифодаи устувори замин барои коркарди тарзу услуб ва механизмҳои низоми заминистифодабарии кишо-варзӣ, ки қобилияти тоб оварданро ба таъсири манфии иктисодӣ ва ҳам экологӣ, аз ҷумла ба кувваҳои унсурии табиат афзоиш диҳад, равона гардад. Дар ин асно, қобилияти пешгирӣ кардани таназзули истеҳсолоти кишоварзӣ низ рӯйи кор меояд. Рушди устувор ва ташкили аз ҷиҳати илми асоснокшудаи истифодабарии устувори замин бояд дар низоми идоракунии заминистифодабарӣ ҷойгоҳи марказӣ пайдо намуда, пеш аз

ҳама ба нигоҳ доштани масоҳати мавҷудаи заминҳои ҳосилхезӣ кишоварзӣ равона шуда бошад.

Дар асоси ҷамъбасти адабиёти илмӣ доир ба истифодаи устувори замин ва муқаррароти умумии эътирофшуда роҷеъ ба ин мавзӯъ, мо пешниҳод менамоем, ки консепсияи истифодаи устувори замин ва ё заминистифо-дабарии аз ҷиҳати экологӣ бехатар бояд ҷавҳари низоми идоракунии заминҳои кишоварзиро ташкил диҳад. Яъне, истифодаи аз ҷиҳати экологӣ бехатари замин бояд объекти муҳими идорашаванда бошад. Ҳар як қитъаи замини истифодашаванда дар низоми муносибатҳои ҳуқуқиву иқтисодӣ, ки қарор мегиранд, бояд ҳуқуқҳои заминистифодабарӣ риоя шавад ва ҳама гуна ҳолатҳои вобаста ба вайрон кардани ҳуқуқҳои заминистифодабарӣ, ки коҳиши сифати замин, ки айни замон он ва ҳамсояқитъаҳо низ таҳдиди экологӣ меорад, ҷазои муносиб дода шавад.

Бояд тазаккур дод, ки истифодаи устувори захираҳои замин мустақим ва ғайримустақим асоси таъминоти захиравӣ ва иқтисодии амнияти озуқаворӣ, ҳамзамон амнияти миллиро ташкил медиҳад (ҷадвали 3.1.1).

**Ҷадвали 3.1.1**. Шароитҳо ва омилҳои заминӣ-захиравии таъмини намудҳои муҳими амнияти иқтисодӣ

| № | Намудҳо | Тавсифи мухтасар |
|---|---|---|
| 1. | Озуқаворӣ | Нигоҳдорӣ, ҳифз ва такрористеҳсолии заминҳои ҳосилхез бо мақсади таҳкими истеҳсоли дохилии маҳсулоти кишоварзӣ бо мақсади таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ, саноат бо ашёи хом дар ҳаҷми зарурӣ барои рушди иқтисодӣ, инчунин, зиёд намудани содирот ҳангоми кам кардани воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ ба дараҷаи окилона |
| 2. | Иқтисодӣ | Бартараф ё кам кардани омилҳои манфии эҳтимолӣ, таҳдидҳо, хатарҳо ва тамоюлҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва минтақаҳо дар асоси ҷалби муомилот (барқарорсозӣ, такрористеҳсол) захираҳои замин |
| 3. | Истеҳсолӣ | Истеҳсоли бисёрҷонибаи истифодаи иқтидори захиравии заминҳои кишоварзӣ барои нигоҳ доштани суръати мӯътадили рушди иқтисодӣ, рушди бартаридоштаи соҳаҳои агросаноатии дорои арзиши иловашуда ва даромаднокии баланд, таъмини азхудкунии заминҳои ҳосилхез ё беҳтар намудани ҳолати минтақаҳои алоҳидаи камҳосил |
| 4. | Экологӣ | Ҳифзи экологии замин дар ҳолати табиӣ, ҳифз кардани қитъаҳои минтақаҳои муҳофизатшаванда, ташкили минтақаҳои муҳофизатӣ |

Идомаи ҷадвали 3.1.1.

| № | Намудҳо | Тавсифи мухтасар |
|---|---|---|
| 5. | Илмӣ – техникӣ | Баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ ва дигар маҳсулоти бо истифода аз замин истеҳсолшуда, фароҳам овардани шароит барои ҷорӣ намудани технологияҳои интенсивӣ, ки таҷдиди сохтор ва навсозии иқтисодиёти аграриро таъмин мекунанд |
| 6. | Иҷтимоӣ | Таъмини иҷтимоии ҳуқуқи моликият ба истифодаи қитъаи замин, барои ҳама гуна намуди истифодаи иҷозатдодашуда, андозбандии имтиёзноки истифодабарандагони замин барои табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ |

**Сарчашма:** [167, с.156–159].

Аз маълумоти ҷадвали 3.1.1. бармеояд, ки дар раванди тавсифи ҷанбаҳои захиравии амнияти иқтисодиву озуқаворӣ, пеш аз ҳама, ба иқтидори иқтисодии заминҳои таъиноти кишоварзӣ, ки воситаи асосии истеҳсолот дар самти кишоварзӣ ва заминаи минтақавии рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакатро низ ташкил медиҳад, таваҷҷӯҳи махсус дода шудааст.

Зимнан, хусусиятҳои табиии ивазнашавандаи захираҳои замин ва асосноккунии он ҳамчун сарвати асосӣ дар сохтори сарвати миллиро ба назар бояд гирифт. Таъмини намудҳои номбаршудаи амнияти иқтисодӣ танҳо дар асоси мониторинги таҳдидҳои эҳтимолии амният дар низоми истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор имконпазир аст. Тамоми вазифаҳои стратегии идоракунии заминистифодабарии кишоварзӣ бояд тибқи талаботи таъмини истифодаи устувори замин ва рушди бехатар дар сатҳи микро ва макро асос ёбад. Ин аз як тараф. Аз тарафи дигар, маҷмӯи тадбирҳо дар мавриди ташкили идоракунии заминҳои категорияҳои гуногун бояд ба паст намудани сатҳи таъсири хавфу хатарҳо ва таҳдидҳо дар робита ба истифодаи ҳар як қитъаҳои замин равона карда шавад. Таҳкими заминаи захиравии амнияти озуқаворӣ, новобаста аз паҳлӯҳои зиёди ин мушкилот, бо истифодаи оқилонаву самараноки захираи беназиру ивазнашаванда - замин ҳамчун унсури асосии қувваҳои истеҳсокунандаи истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ, аз он ҷумла озуқаворӣ мебошад.

Зимни таҳияи усулҳо ва механизмҳои идоракунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ, инчунин, заминҳое, ки ҳуқуқи истифодабарии шаҳрвандон (хоҷагиҳои ёрирасони шахсии шаҳрвандон, боғдорӣ ва ғайра), ки онҳо ҳаҷми зиёди озуқаворӣ (барои талаботи фардӣ) истеҳсол мекунанд, қарор доранд. Ҳамзамон, меъёрҳои гуногуни арзёбии сатҳи таъминоти захиравии амнияти озуқавориро бояд интихоб кард ва ё мустақиман ба инобат гирифта шаванд. Ҷанбаҳои муҳими таъмини амнияти озуқавориро мураттаб намудем, ки мустақиман ба идоракунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ алоқаманди доранд, ки масъалаҳои истифодаи устувори захираҳои заминро низ дар бар мегиранд (расми 3.1.1).




**Расми 3.1.1.** Ҷанбаҳои заминӣ-захиравии таъмини амнияти озуқаворӣ ва таъминоти итилоотии идоракунии истифодаи устувори заминҳои кишоварзӣ.

Дар маҷмӯъ ба шароитҳои иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ омилҳои хеле бисёр таъсир мерасонад, аз ин лиҳоз, пеш аз ҳама гурӯҳи омилҳоеро ба инобат гирифтан лозим аст, ки ба ҳолати мавҷудаи истифодаи устувори

замин таъсир мерасонад ва иқтидори имконпазири заминро таъмин мекунанд. Ҷиҳати таҳқиқи таъминоти захиравии амнияти озуқаворӣ ва муайян намудани арзёбии дараҷаи хавфнокӣ дар давраи кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат, динамикаи тағйирёбии майдони заминҳои таъиноти кишоварзиро ба инобат гирифтан лозим аст.

Заминҳои кишоварзӣ ва хусусияти маҳдудияти онҳо пайваста бо афзудани аҳолӣ меафзоянд.

Масалан, чи тавре ки аз расми 3.1.2 маълум аст, дар давраи соҳибистиқолии мамлакат заминҳои кишоварзӣ ҳамагӣ 8,9% зиёд шудааст, ҳоло он, ки аҳолӣ дар ин давра 68,7% афзудааст. Дар ин давра, майдони мазраъ, ки дороии асосӣ ва воситаи муҳими истеҳсолии иқтисодиёти кишоварзӣ мебошад, аз 279.9 то ба 232,4 ва ё 17,2% кам шудааст.




**Диаграммаи 3.1.2**. Динамикаи заминҳои кишоварзӣ ва корам (ҳазор, га.) тибқи омори солонаи вилояти Суғд, 2022, с.278. Омори солонаи вилояти Суғд, 2024. С 205

Дар баробари ин, майдонҳои на танҳо корхонаҳои кишоварзӣ ва дигар хоҷагиҳо - заминистифодабарандагонро ба назар гирифтан лозим аст. Дар таъмини захиравии комили амнияти озуқаворӣи кишвар ва минтақаҳои он истифодаи самраноку устувори заминҳои ҳосилхезе, ки дар ихтиёри

шаҳрвандон барои ташкили хоҷагии ёрирасони шаҳрвандон, қитъаҳои заминҳои наздиҳавлигӣ низ накши муҳим дорад. Дар маҷмӯъ, иқтидори заминиву захиравии вилояти Суғд маҳдуд боқӣ монда, онро низоми тадбирҳои гуногуни танзими давлатӣ бояд таъмин намояд.

Пас, минбаъд дар шароити авҷ гирифтани маҳдудияти заминҳои кишоварзӣ ва зарурати таъмини амнияти озуқаворӣ истифодаи самараноку оқилонаи заминҳои кишоварзиро тақозо менамояд. Аммо, на ҳама вақт истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ моҳияти истифодаи оқилона ва устувори онро ифода менамояд. Бояд қайд намуд, ки дар адабиёти иқтисодии аграрии ватанӣ байни мафҳумҳои истифодаи «оқилона» ва «самаранокӣ»-и захираҳо, бахусус истифодаи оқилонаи замин фарқгузорӣ нашудааст. Метавон, дар доираи назарияи иқтисодӣ истифодаи оқилонаи захираҳои заминро ҳамчун раванди дарккардашуда, дар доираи ҳаҷми меҳнати зарурии ҷамъиятӣ, ки ҳамзамон самаранокии иқтисодии онро мусоидат менамояд, шарҳ дод [125, с. 208-213].

Ин муқаррарот зуҳуроти ратсионалӣ, маҳсули андешаи инсон ва инкишофи ақидаи он, ки дар фаъолияти ақлонии хоҷагидорӣ алоқаманд мебошад, ифода мекунад. Бояд таъкид намуд, ки комёбиҳои назаррасе, ки давраи сипаришуда маҳсули фаъолияти оқилона буд, дар айни замон метавонад ғайриоқилона шавад. Масалан, самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзиро метавон дар натиҷаи пайдарпай андохтани нуриҳои минералӣ зиёд намуд. Аммо, ин самаранокӣ ҳамчун падидаи гетросизи биологӣ дар давраи кӯтоҳмудат буда, сифати оқилона надорад. Сабаб дар он аст, ки пайваста ба рӯйи кор омадани қонуни «пастшавии нафънокии замин», ки воситаи асосии истеҳсолоти соҳаи кишоварзи мебошад, боис мегардад.

Вобаста ба ин, зикр кардан ба маврид аст, ки дар доираи татбиқи муносибатҳои рушди устувор истифодаи устувори заминҳои кишоварзӣ дар ҳолате сифати оқилона мегирад, ки дар давраҳои минбаъдаи истифодаи он ҳосилнокиву сифати замин таназзул намеёбад, яъне қонуни

таназзули нафнокии замин боздошта мешаваду ташкилоти кишоварзӣ ҳадафҳои стратегиву дарозмуддати худ ноил мегарданд. Бинобар он, ҷойгоҳи ибораи истифодаи устувору оқилона", «истифодаи устувори захираҳои заминӣ» афзуда, зарурати гузариш ба муносибатҳои иқтисодиву экологии иқтисодиёти рӯз аз рӯз меафзояд.

Мо дар асоси омӯзиши ақидаҳои олимони ватанӣ розӣ ҳастем, ки онҳо истифодаи оқилонаи захираҳоро ҳамчун: "...муносибати ба дониш ва нерӯи ақлонӣ такядоштаи хоҷагидорон, ки истифодаи ҳамаи хусусияту сифатҳои захираҳо ва ҳамдигаривазкунии онҳо ба мақсади таъмини рушди устувору дарозмуддати хоҷагӣ сурат мегирад, маънидод намуданд" [125, с. 208-213].

Дар таъмини амнияти озуқаворӣ фаъолияти мақсадноки мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, пеш аз ҳама, ниҳодҳои давлатӣ марбут ба танзими истифодаи заминҳо дар маҳал, бахусус ниҳодҳои махсуси тобеи Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бобати ташкили тадбирҳо вобаста ба ҳифзи заминҳои ҳосилхез дар асоси механизмҳои танзими ҳуқуқии заминҳо, муомилоти замин, пешгирии беасос гирифтан ва ба мақсадҳои дигар истифода бурдан нақши назаррас доранд.

Такмили сохтори низоми идоракунии давлатии захираҳои замин бояд дар самти ноил шудан ба истифодаи устувору бехатари захираҳои замин ва таъминоти захиравии амнияти озуқаворӣ дар давраи дарозмуддат равона шавад.

Барои густариш додани ҷанбаи экологӣ ва иқтисодии амнияти озуқаворӣ эҷоди низоми ҳавасмандкунии рушди соҳибкории аграрии экологӣ ё биологӣ аҳамияти муҳими амалӣ пайдо мекунад. Таҳқиқотҳои мамлакатҳои дигар нишон медиҳанд, ки талабот ба маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза тамоюли динамикӣ ва устувор дорад, гарчанде нархи онҳо нисбат ба маҳсулоти муқаррарӣ баландтар мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла вилояти Суғд қадамҳои аввалин соҳибкории аграрии экологӣ ва кишоварзии органикӣ мушоҳида

шуда истодааст. Бинобар он, ташкили ниҳоди танзиму назоратӣ барои санҷиши сифати экологиву биологӣ, инчунин таҳияи лоиҳаҳои ташаккули заминаҳои мушаххас, барои суръатбахшии чунин фаъолияти иқтисодӣ мувофиқ аст, ба мақсад мувофиқ мебошад. Масъалаи идоравӣ ва ташкилию ҳудудии истеҳсолоти кишоварзӣ ба мақсад мувофиқ мегардад, агар ба субъектҳои хоҷагидоре, ки дар сегменти истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ ҷалб гардида бошанд ва интихоби қитъаҳои замини мувофиқ, ки бо истифода аз маълумоти мониторинги гузаронидашудаи қитъаи замин муайян ва ҷудо карда шавад.

Дар ҳолате, ки хавфи таъсири манфӣ ва хавфнок ба захираҳои замин бартараф карда мешавад – ин нишондиҳандаи самараи идоракунӣ мебошад. Навъҳои гуногуне, ки таъсири хатарнок ба заминҳои кишоварзӣ доранд бо мақсади кам кардан ё пурра бартараф намудани он бояд идора карда шаванд (расми 3.1.3.).




**Расми 3.1.3.** Омилҳои асосии хатаровари истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, ки имкони бартарафкуниро доранд.

Тазаккури зикри хос аст, ки ташаккули истифодабарии қитъаи замини аз ҷиҳати экологӣ бехатар дар низоми идоракунии давлатии захираҳои замин дар мадди аввал қарор дорад. Сабаби асоси ин ба назар гирифтани мавқеи ҷойгиршавии мавзеъҳои мушаххас, марзи маъмурӣ ва масоҳати онҳо дар ҳалли муаммои экологӣ дар истифодаи захираҳои замин муҳим арзёбӣ карда мешавад. Хусусияти гуногунҷабҳаи қарорҳо ва амалҳои идоракуниро дар соҳаи танзими муносибатҳои заминро низ ба инобат гирифтан лозим меояд. Дар доираи татбиқи барномаҳои рушди устувори минтақа баъзе онҳо татбиқ мешаванд, дар дигар ҳолатҳо бошад, хусусияти ноҳиявӣ ва ё ҳудудии муайянро доро ҳастанд. Барқарорсозии заминҳои минтақаҳои олудашавии радиоактивиро, ки дар атрофи шаҳракҳои Истиқлол ва Гулистон воқеъ мебошанд, мисоли ин ақидаҳо мебошанд. Муҳимтаринаш он аст, ки муносибати барқарор намудани тартибот ва фарҳанги заминистифодабарӣ дар сатҳи маҳаллӣ - дар қитъаи мушаххаси замин, дар ҳудуди он ҷойҳое, ки аҳоли доимӣ зиндагӣ ё кор мекунад ба назр мерасанд.

Ташкили банақшагирии ҳудудии аз ҷиҳати экологӣ низ як роҳи ташаккули заминистифодабарии аз ҷиҳати экологи бехавф дар қатори маҷмӯи чорабиниҳо мебошад. Шабакаи экологӣ бояд яке аз унсурҳои асосӣ бошад, ки он низоми ягонаи табиат, комплексҳо ва экосистемаҳои ҳудудиву шаҳриро фаро мегирад. Ҳамзамон, шабакаи экологӣ барои нигоҳ доштани тавозуни экологӣ ва таъмини рушди устувори ҳудуд, ҳифзи гуногунии биологӣ ва ландшафтҳо накши муҳим дорад. Аз ин лиҳоз, дар низоми идоракунии захираҳои замин ва истифодабарии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ҳамчун объекти муҳим зимни лоиҳакашӣ ба инобат гирифта шавад. Ташкили чунин механизмҳои ташкилӣ иқтидори экологии захираҳои заминро ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат менамояд.

Ҷамъи тадбирҳои асосӣ дар самти ташаккули низомҳои аз ҷиҳати экологӣ ва иқтисодӣ устувори истифодабарии замин, ки дар низоми қарорҳои дахлдорӣ идоракунӣ шомил мешаванд, ки дар ҷадвали 3.1.2. оварда шудааст.

Сатҳу сифати қарорҳои идоракунии мухталиф бо мазмуну вазифаҳои умумии тадбирҳо оид ба ташаккули низомҳои истифодаи устувори замин аз ҳолати мавҷудаи захираҳои замин, тарзу услуби истифодаи онҳо ва омилҳои дорои таъсири манфидошта ба онҳо, вобаста аст. Дар низоми идоракунии истифодаи устувори замин зарурати иҷрои нақшаву барномаҳои истеҳсолӣ, ҳаҷми муайяни маҳсулот ва ашёи хом, ки асоси таъминоти захиравии амнияти иқтисодиро дар бар мегирад ба назар гирифта мешавад.

**Ҷадвали 3.1.2.** Маҷмӯи тадбирҳо доир ба ташаккули истифодаи экологиву иқтисодии заминҳои кишоварзӣ

| | **Сатҳи қабули қарорҳо** | **Тавсиф** |
|---|---|---|
| 1. | Байналмилалӣ | Таъмини иҷрои ӯҳдадориҳо, созишномаҳо ва барномаҳо дар доираи Ташкилоти Ҷаҳонии Савдо, ИДМ ва дигар иттиҳодияҳои байнидавлатӣ |
| 2. | Миллӣ | Таҳияи стратегияи истифодаи замин, ки ба баланд бардоштани ҳосилнокии хок ва кам кардани таъсир ба муҳити зист нигаронида шудааст; иҷрои нақшаву барномаҳои давлатии истехсоли махсулот ва ашёи хом; татбиқи барномаҳои давлатии истифода ва ҳифзи замин; оптимизатсияи заминҳо барои таъиноти гуногун, инчунин низомҳои минтақаҳои табиии муҳофизатшаванда ва махсус муҳофизатшаванда |
| 3. | Минтақавӣ | Ташаккули низомҳои оптималии истифодаи замини шаклҳои гуногуни моликият ва хоҷагидорӣ; оптимизатсияи таносуби ҳудуди интенсивӣ истифодашаванда ва азхуднашуда; |
| 4. | Ноҳиявӣ, маҳаллӣ | Субъектҳои хоҷагидорӣ; додани қитъаи замин барои қонеъ гардондани эхтиёҷоти шахсӣ; ҷорӣ намудани тадбирҳои муҳофизати хок ва ҳифзи муҳити зист; бақайдгирии ҳуқуқҳо ва маҳдудиятҳо ба ҳуқуқи амволи ғайриманқул; васеъ истифода бурдани системаҳои биологӣ (алтернативи)-и хоҷагии қишлоқ; кабудизоркунӣ ва барқарор намудани тартиби дурусти истифодаи замин |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф аз рӯйи “Экологические проблемы сельскохозяйственного использования земли - https://www.agroxxi.ru/zhurnal - agromir-xxi/stati -rastenievodstvo / yekologicheskie - problemy - selskohozjaistvennogo-ispolzovanija-zemli.html”.

Ҳамин тавр, дар низоми идоракунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар баробари мазмуни иқтисодӣ, бояд ҷанбаҳои экологӣ ҷиҳати ташаккули минтақаи устувор инъикос ёбад ва қарорҳои мувофиқ қабул карда шаванд. Пас меъёрҳои экологӣ ҷузъи ҷудонашаванда дар мавриди таъминоти захиравии амнияти озуқаворӣ баромад менамояд. Меъёрҳои амнияти озуқаворӣ дар раванди идоракунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба инобат гирифта шуда, зимнан ҳавасмандии субъектҳои хоҷагидор, корхонаҳои калони кишоварзӣ ва деҳқонон низ бояд аз мадди назар берун намонанд.

Вобаста ба ин, консепсияи истифодаи устувор ва бехатари заминҳои кишоварзиро пешниҳод менамоем: унсурҳои бунёдии ба ҳам зич алоқаманду ҷудонашавандаи ҳолати низоми заминистифодабарии кишоварзӣ, ки объекти идоракунӣ мебошад, кафолати боэътимоди таъминоти захиравии амнияти озуқавориро маҳз дар ягонагии онҳо таъмин мешавад.

Яке аз муҳимтарин талаботи консепсияи истифодаи устувори замин такористеҳсолкунии ҳосилхезии замин мебошад. Дар ин ҷода, қабати хок, ки аз моддаҳои минералӣ ва органикӣ, об ва микроорганизмҳо иборат буда, ҳосилхезӣ ва дигар хосиятҳои барои мавҷудияти наботот ва ҳайвонот, таъмини ҳаёт ва фаъолияти инсон заруриро ташкил медиҳанд. Аз ин рӯй, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи хок» (16-уми октябри соли 2009) қабул карда шуд, ки он: "...принсипҳои асосии сиёсати давлат, заминаи ҳуқуқии фаъолияти ҳамаи заминистифодабарандагонро бо мақсади оқилона ва ободонии замин муайян менамояд" [14А].

Дар моддаи 4 қонуни мазкур принципҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи хок муайян карда шудаанд: "...таъмини истифодаи оқилона ва ҳифзи хок ҳамчун қисми муҳими муҳити табиӣ; таъмини татбиқи технологияи ҳифзи хок ва дигар тадбирҳои пешгирии ифлосшавӣ, таназзули хок дар рафти фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият; сари

вақт ташкил намудани мониторинг ва ошкор намудани тағйироти манфӣ дар ҳолати хок; таҳияву татбиқи тадбирҳо дар самти баланд бардоштани ҳосилхезии замин ва такрористеҳсоли сохтори хоки харобшуда ва дар соҳаи муҳофизати хок; ошкорбаёнӣ, пуррагӣ ва эътимоднокии маълумот дар бораи ҳолати хок ва тадбирҳои ҷорӣ оид ба ҳифзи хок; иштироки мутахассисон дар қабули қарорҳо дар соҳаи ҳифзи хок; ногузир будани масъулият барои зарари ба хок расондашуда” [14А].

Дар рафти идоракунии захираҳои замин ва андешидани тадбирҳо барои истифодаи самарабахш ҷараёни такрористеҳсолкунии сарватҳои замин ба худ хос аст. Дар адабиёти иқтисодии аграрӣ аксаран таъкид мешавад, ки фарсудашавии захираҳои замин раванди аз хок хориҷ шудани моддаҳои ғизоӣ, яъне ҷузъҳои фоиданок (минералӣ ва органикӣ) мебошад. Бинобар ин, дар раванди такрористеҳсолкунии ҳосилнокии замин дар баробари пур кардани моддаҳои ғизоӣ, ки растаниҳо ба амал мебароранд, зарур аст, ки барои ислоҳи дуршавӣ аз меъёри сохти хок, таркиби механикӣ, об ва ҳавои он тадбирҳо андешиданд.

Барои таъмини тараққиёти истеҳсолоти кишоварзӣ нисбат ба сохтор ва сифати хоку замин талаботҳои зиёд ба миён гузоштан табиист. Маҳз истифодаи устувори замин шарти беҳамтои экологӣ ва иқтисодии ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ ва омили муайянкунандаи амнияти озуқаворӣ кишвар ва минтақаҳои он, инчунин некуаҳволии иҷтимоии аҳолии он мебошад.

Ҳоло дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзии вилоят тамоюлҳои бунёдкорона ва эҷодӣ мушоҳида карда мешаванд, ки онҳо бо суръати зиёд кардани ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ пеш рафта истодаанд. Дар соҳаҳои зироаткорӣ ва чорводории кишоварзӣ динамикаи мусбат мушоҳида карда мешавад. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои таъмини ба қадри кифоя тараққӣ додани соҳаҳои кишоварзӣ чораҳо меандешанд.

Аммо, инро фақат ба истифодаи интенсивии сарватҳои хоку замини мамлакат асос кардан мумкин аст. Дар ин замина, бояд гуфт, ки мутаассифона, дар натиҷаи фаъол гаштани интенсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ, тамоюли паст шудани хосияти табии заминҳои ҳосилхез, афзоиши равандҳои манфии агроэкологӣ, пеш аз ҳама, ҳодисоти эрозияи обу шамол, дегумификатсия, намнокӣ ва биёбоншавии заминҳои кишоварзӣ мушоҳида мешавад. Ин раванд дар вилояти Суғд мушоҳида мешавад (ҷадвали 3.1.3).

**Ҷадвали 3.1.3.** Ҳолати истифодаи экологиву иқтисодии заминҳои кишоварзии вилояти Суғд (соли 2022).

| **Тавсифи экологӣ-иқтисодӣ** | **Категорияи асосии заминҳои кишоварзӣ, ҳазор гектар** | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **Ҷамъи заминҳои истифодаи кишоварзӣ** | **Замини корам** | **Ниҳолҳои бисёрсола** | **Алафдарав** | **Чарогоҳ** |
| Майдони умумӣ | 1099,4 | 231,6 | 79,7 | 1 | 782,9 |
| Аз он ҷумла: | | | | | |
| Мавриди омӯзиш қарор гирифта, ҳазор га | 882,8 | 213,5 | 60,4 | 0,71 | 564,6 |
| Вазни қиёсӣ, % | 80,3 | 92,2 | 75,9 | 70,1 | 72,2 |
| Аз он: | | | | | |
| Хавфи эрозия доранд | 41,1 | 30,4 | 37,7 | 36,1 | 41,2 |
| Эрозия шудаанд | 21,4 | 19,3 | 22,4 | 25,8 | 29,1 |
| Намнокии зиёд доранд | 14,8 | 11,71 | 8,9 | 27,9 | 10,8 |
| Ботлоқ шудаанд | 6,7 | 2,6 | 1,4 | 6,7 | 5,9 |
| Намак шуданд | 7,8 | 3,9 | 2,1 | 7,1 | 2,5 |
| Санглох | 1,9 | 0,6 | 7,9 | 5,9 | 14,8 |
| Дигар ифлосшавӣ | 3,1 | 13,2 | 0,5 | 2,1 | - |

**Сарчашма:** Таҳия карда шуд аз рӯйи ҳисоботи идораи МАС Мақомоти маҳалии ҳокимияти иҷроияи маҳалии вилояти Суғд дар соли 2023.

Аз маълумотҳои ҷадвали 3.1.3. дидан мумкин аст, ки аз тамоми майдони тадқиқшудаи заминҳои кишоварзӣ нишондиҳандаи хавфи эрозия ва эрозия баландтарин аст, ки мутаносибан бештар аз 41 ва 21.4 фоизро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳандаҳо, инчунин дар чунин категорияҳои заминҳо, монанди заминҳои корам, дарахтони бисёрсола, киштзор, алафзор, чарогоҳҳо низ қимати баланд доранд. Ин натиҷаи усулҳои истеҳсолоти кишоварзӣ дар вилояти Суғд, ки дар асоси интенсивӣ

мебошад, бармеояд. Аз ҳисоби зиёд истифода бурдани доруҳои заҳрнок ва нуриҳои маъданӣ, ба кор андохтани техникаи хошоктайёркунӣ, риоя накардани принсипҳои киштгардони заминҳои корам дар муддати хеле дурударoз истифода бурда мешаванд. Дар натиҷа хусусиятҳои табиии заминҳои серҳосил ва умуман агроэкосистема бебозгашт талаф ёфт. Вазъияти бениҳоят номусоиди агроэкологӣ ва иқтисодие, ки дар комплекси агросаноатии вилоят ба вуҷуд омадааст, раванди регрессияи ҳосилхезии хок ва паст шудани ҳосилнокии замин ва ҳамчунин паст шудани ҳосилнокии кишоварзиро пурзӯр гардонид.

Барои рафъи ин тамоюлҳои манфии экологӣ стратегияи мутобиқсозии табииро ба амалияи замину хоҷагидории субъектҳои хоҷагидорӣ ва муассисаҳои идоракунии соҳаҳои кишоварзӣ таҳия ва татбиқ кардан зарур аст. Стратегияи мазкур низоми ҳамоҳангшудаи рушди соҳаи кишоварзӣ мебошад, ки ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалӣ истифодаи устувори заминҳои кишоварзӣ буда, ки ба ташкили ландшафтҳои табиии деҳот ва низомҳои мутобиқсозии кишоварзӣ асос ёфтааст. Маҳз ҳамин шакли ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ, беҳтар шудани сифати замин ва инчунин ба вуҷуд овардани низомҳои истифодаи устувори заминҳои кишоварзиро муайян мекунад. Чунин намуди ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ бешубҳа бӯҳрони экологиро дар соҳаи истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ бартараф намуда, дар раванди таҳияи механизми тамоюлҳои эҷодии тараққиёти устувор саҳмгузорӣ менамояд. Интегратсияи дигар ҷиҳатҳои иҷтимоӣ-экологӣ-иқтисодӣ, ташкилию инфрасохторӣ, экологӣ, маданию таърихии соҳаи истеҳсолотро дар бар мегирад, ки мазмуни стратегияи мутобиқшавии табии тараққиёти кишоварзиро муайян менамояд. Стратегияи мазкур ба усули бозорӣ - институсионалии рушди иқтисодии хизматрасонии замин ва низоми ҳуқуқу уҳдадориҳои моликияти истифодабарандагони замин дар шароити инкишофи муносибатҳои бозорӣ асос ёфтааст. Дар шароити ноҳияҳои вилоят, кишоварзӣ бояд ба

принсипҳои агроэкологӣ ва иқтисодии ноҳиябандӣ, самти экологии истеҳсолоти кишоварзӣ ва технологияи парвариши зироатҳо, инчунин асоснокии иҷтимоию иқтисодии рушди кишоварзӣ асос ёбад. Дар раванди кишоварзии органикӣ мутобиқаткунонии заминҳои кишоварзӣ, киштгардон ва ҷойгиркунии навъҳои зироатҳо вобаста бо хосияти хоку иқлим, такмили агротехнологияи парвариши онҳо, дар амал татбиқ намудани навовариҳои илмиро тақозо менамояд. Инноватсияи экологӣ, ки дар натиҷаи татбиқи лоиҳаҳои самранок бахшида ба ташкили истифодаи устувори замин аҳамияти баланди агроэкологӣ ва иқтисодӣ доранд. Инноватсияи экологӣ чунин фаъолиятҳоро дар бар мегиранд:

– беҳдошти сатҳу сифати ҳосилхезии замин;

– муайян намудан ва дар амал татбиқ кардани меъёри истифодаи нуриҳои минералӣ ва дигар моддаҳои химиявӣ;

– риоя кардани меъёри нитратҳо, фосфатҳо, металлҳои вазнин ва дигар пайвастагиҳои пайдоиши агрогенӣ дар хок;

– парвариши навъҳои растаниҳо, ки қобилияти ҷамъкунии нитратҳо, ва фосфатҳоро доранд;

– татбиқи тарзу услуби биологии мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон ва бемории зироатҳои кишоварзӣ ва ғайра.

## 3.2. Мукаммалгардонии усулҳои баланд бардоштани самаранокии истифодабарии замин

Дараҷаи фоиданок будани захираи замин, махсусан заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар истеҳсоли маҳсулот ифода меёбанд ва натиҷаи масрафи иқтидори физикӣ, биологӣ ва химиявии он мебошад. Ҳамин тавр, дар бозори истифодабарии заминҳои таъиноти кишоварзӣ хизматрасониҳои он дар бозори замин мавриди мубодила суръат мегирад ва арзишимандии заминро миқдор ва сифати он, ба мисли чунин омилҳо - ҳосилхезӣ ва мавқеи ҷойгиршавии қитъаҳои замин ва ғайраҳо вобаста аст. Барои соҳаи кишо-

варзӣ, асосан, қисмати болоии замин - хок муфид аст ва фақат он барои рӯёнидани ҳосили растаниҳо, зироатҳо хизмат мекунад.

Муҳимтарин хосияти хок ҳосилхезии он аст, яъне, қобилияти қонеъ гардондани эхтиёҷоти растаниҳо, зироатҳои кишт ва бо ҳамин тамоми маҳсулоти дилхоҳи кишоварзиро таъмин мекунад. Хусусияти заминҳои кишоварзӣ ҳамчун объекти меҳнат дар он аст, ки пайваста бо шудгор кардани он барои нашъунамо ва инкишофи зироатҳо, ҳамин тариқ, ҷиҳати рӯёнидани ҳосили зироатҳо шароити зарурӣ фароҳам оварда мешавад. Аммо, дар айни замон замин вазифаи асбоби меҳнатро иҷро мекунад, ки вай дар чунин зуҳур меёбад: одам бо ёрии хок ба растанихо ба таври дуруст амал мекунад. Ин аз хисоби истифода бурдани хосиятхои механикӣ, физикӣ, химиявӣ, биологӣ ва дигар хосиятхои хок таъмин карда мешавад.

Тавре маълум мешавад, замин бо мурури замон на танҳо ҳосилхезии худро гум намекунад, балки баръакс, дар сурати ғамхориву беҳдошти дуруст қобилияти афзун кардани онро дорад. «Ҳосилнокии заминро, - қайд карда буд Ф. Энгелс, - бо роҳи ба кор бурдани сармоя, меҳнат ва илм беандоза зиёд кардан мумкин аст».

Бинобар ин, дар замони муосир барои таъмини амнияти озуқаворӣ накш ва аҳамияти ин омилҳо дар беҳтар намудани сифати хок ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ мубрамият пайдо мекунад.

Маҷмӯи тадбирҳо вобаста аз эрозияи обу шамол муҳофизат намудани хок, коркарди минималии он, ки сохтори хокро вайрон намекунад, киштгардони замин - бо роҳи ҷойгиркунии зироатҳо ва ҳуқуқҳои истифодаи замин, муқаррар намудани заминҳои сахт эрозияшуда ва андешидани тадбирҳо барои беҳдошти онҳо ба ҳайси механизмҳои муҳофизаткунанда хидмат менамояд, шартҳои муҳими ҳифз ва истифодаи оқилонаи замин мебошад.

Ифлосшавии заминҳои кишоварзӣ ба истифодабарандагони он, яъне ба ташкилоти кишоварзи боиси талафоти назаррас мегардад: паст шудани ҳосили зироатҳо аз он ҷумла ва маҳсулоти озуқа, поён рафтани дараҷаи ҳосилхезии майдони замин ва нобудшавӣ мушоҳида мешавад. Дараҷаи талафоти ҳосилро ҳаҷми сохтори маводи ифлоскунандаҳо муайян менамояд.

Дар ҳар як субъектҳои хоҷагидории кишоварзӣ бо тариқи мониторинг вайроншавии сифатии майдонҳои кишт, маргзору чарогоҳҳоро баръало мушоҳида кардан мумкин аст, ки онҳо дар натиҷаи зиёд шудани майдони заҳбурҳои об, партовгоҳҳо, корхонаҳои саноатӣ ва ғайра рух медиҳанд.

Мубориза ба муқобили эрозия ва беҳтар намудани истифодаи захираҳои замин дар вилоят ва ноҳияҳои он яке аз вазифаи муҳимтарини мақомотҳои дахлдор ба ҳисоб меравад. Ба тасдиқи натиҷаи таҳлили баъзе коршиносон талафоти ҳосил аз эрозия то 30-70 фоиз мерасад. Дар зироатҳои хӯроки чорво ба талафоти калон роҳ дода мешавад. Маҳсулоте, ки дар заминҳои харобшуда ба даст оварда шудаанд, дараҷаи пасти бозорёбӣ доранд. Зарари иқтисодӣ, ки дар натиҷаи эрозия мушоҳида мегарданд, ки инҳо таназзули истеҳсолӣ, талафи моддаҳои таркиби хок, хориҷ гаштани унсурҳои гумуспайдокунанда, паст шудани сатҳу самараи истифодаи олотҳои техникӣ ва таъсири нуриҳои минералӣ мебошанд. Тибқи ҳисобҳо ҳосили зироатҳо дар заминҳои ба эрозия кам дучоршуда 10-15 фоиз, ба дараҷаи миёна 20-40 фоиз ва дар заминҳои ба эрозия сахт дучоршуда 50-60 фоиз кам мешавад.

Дараҷаи зарари захираҳои об, ки зимни истифодаи пеститсидҳо, нуриҳои минералӣ ва дигар маводи кимёвӣ тавассути эрозияи обӣ аз майдони киштзори шусташуда ба дарёҳо, кӯлҳо ва обанборҳо ҷамъ мешаванд, хеле бузург буда метавонад. Тибқи таҳлили мутахассисон, дар маҷмӯъ олудашавии обҳои рӯйизаминӣ бо пестидсидҳо назар ба ҳама партовҳои саноатӣ хатарноктар аст. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки

зарари ба заминҳои ғайрикишоварзӣ аз таъсири эрозия расонидашуда, 70-100 фоизи зарари иқтисодиёти кишоварзиро ташкил медиҳад.

Заминҳои минтақаи лалмӣ низ тадбирҳои самарабахштарро талаб мекунанд, ки ба нигоҳ доштан ва афзун гардондани ҳосилхезии замин нигаронида шудаанд. Чунин тадбирҳо бо омода намудани нақшаю-чорабиниҳо, ки ҷиҳати бартараф намудани эрозия нигаронида шуда, усулҳои мувофиқи агротехникӣ, обёрикунӣ, гидротехникӣ ва ташкилиро ба ҳам мепайванданд, амали карда шавад. Ин тадбирҳо дар тамоми майдони заминҳои лалмии вилоят бояд гузаронида шаванд. Ҳамзамон, яке аз тадбирҳои асосии мубориза ба муқобили эрозия, бояд дар заминҳои нишеб дар асоси принсипҳо ва меъёрҳои кишоварзии органикӣ рушд додани боғу токпарварӣ ба ҳисоб меравад. Ба фикри мо, дар заминҳои лалмии вилоят кишти зироатҳои кишоварзӣ даромаднокии паст дорад, зеро дар бисёр ҳолатҳо боздеҳии онҳо танҳо маблағи хароҷотшударо мепӯшонад. Зимнан, ин заминҳои лалмӣ ба ҷараёни таназзул ва қабл аз ҳама ба эрозияи шамолӣ дучор мешаванд. Асосан кишти зироатҳои ғалладона (на камтар аз 30 ҳазор гектар) ба камбудии шадид дучор мешаванд ва танҳо дар солҳои охир аз ҳар гектар 10-12 сентнерӣ ҳосил медиҳад.

Бояд таъкид кард, ки танҳо ташкили мониторинги муҳити зист шароит фароҳам меорад, ки манбаъҳои ифлосшавии хок муайян карда шавад, зеро онҳо натиҷаи ифлосшавии глобалӣ ё маҳаллӣ мебошанд, ҳамзамон натиҷаи фаъолияти нодурусти иқтисодӣ ба вуҷуд омадаанд. Зимни маълум кардани вайронкунандагони мушаххаси қонунгузории экологӣ оид ба истифодабарии замин метавон тадбирҳои судманд андешид. Зарар аз ифлосшавии заминҳои таъиноти кишоварзӣ бо моддаҳои гуногуни зарарнок, асосан, дар натиҷаи талафи маҳсулот ва дараҷаи бад шудани сифати он муайян карда мешавад. Барои ба мақсад ноил гаштан талафотро бояд муайян намуд, зеро онҳо аз рӯйдодҳои номусоиди иқлимӣ низ ба вуҷуд омада метавонад.

Истифодаи механизми суғуртаи ҳосил низ муҳим ва мусбат арзёбӣ карда мешавад, ки ҳавасмандии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзиро меафзояд ва дар таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат менамояд. Талафи ҳаҷми маҳсулот бо рух додани ҳодисаҳои фавқулодаи табиат, ки доимӣ нестанд, бо такроршавии ҳодисаҳои суғуртавӣ, коэффитсиенти интизории хавф, гаронии зарар ва дигар нишондиҳандаҳо вобаста аст. Давомнокии ҳодисаҳои суғурта (Чс) бо шумораи солҳои нобарор дар давраи муайян тавсиф карда мешавад, Чс = К/Н, ки дар он: К - шумораи солҳои нобарор (камоб), Н - давомнокии давраи таҳқиқшаванда. Коэффисиенти ҷамъшавии хавфу хатар (Rk), шумораи миёнаи корхонаҳои кишоварзӣ, ки аз талафи ҳосил зарар дидаанд, ки бо чунин формула муайян кардан мумкин аст: RK=M/Y, ки дар он: М - шумораи корхонаҳои зарадида. Ҳаҷми маблағи суғурта ба сатҳи рӯй додани ҳодисаҳои суғурта алоқаманд мебошад. Он вобаста ба сатҳи ҳодисоти соли нобарор — талафи максималии маҳсулот, аз шумораи объектҳои зарардида дар соли нобарор муайян карда мешавад. Маблағи суғурта аслан барои ҷуброн ва ё қисман пардохт намудани талафоти ҳосил, ки дар натиҷаи шароити номусоиди иқлим рӯй додааст, равона мешавад. Дараҷаи ҷуброни ҳосили талафшуда бояд дар фосилаи 0,6—0,7 бошад.

Суғуртаи ҳосилро аз рӯйи тарофаи суғуртаи давлат ва ё ташкилоти ғайридавлатии суғурта бо истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ - корхонаи кишоварзӣ мутобиқи шартномаи суғурта пардохт менамояд. Додани ҳаққи суғурта дар андозаи 50-60 фоизи арзиши талафи ҳосилро мегиранд, ки ин ҷуброн ҳавасмандии онҳоро дар истеҳсоли маҳсулот дар шароити хавфу хатари (риск) баланд нигоҳ медорад .

Механизми судманди суғуртаи ҳосилро дар амалия таҳлил менамоем. Масалан, хоҷагии фермерии “Овчӣ” соли 2023 ният дорад, ки барои истеҳсоли картошка майдони асосии киштро барои он пурра ҷудо намуда, сармоягузорӣ намояд. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф 20000 сомонӣ барои

1 гектар маблағ ҷудо намуд. Ҳамин тариқ, арзиши лоиҳаи сармоягузорӣ 20000 сомониро ба ҳар як гектар дода, мӯҳлати амалишавии он 5 солро фаро мегирад. Сараввал натиҷаҳои интизориро аз барои 5 сол ва дараҷаи таъсири хавфу хатарҳо муайян менамояд (ҷадвали 3.2.1.).

**Ҷадвали 3.2.1. -** Арзёбии лоиҳаи сармоягузорӣ ва суғурта

| Нишондиҳанда | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми фурӯш, сомонӣ | 42500 | 47300 | 50210 | 53401 | 55610 |
| Хароҷотҳои ҷорӣ (арзиши аслӣ), сомонӣ | 20315 | 23244 | 24341 | 26440 | 27455 |
| Фоида, сомонӣ | 22185 | 24056 | 25869 | 26961 | 28155 |
| Эҳтимолияти талафи фоида, сомонӣ (эҳтимоли талаф 2,0%) | 443,7 | 481 | 517.4 | 539,2 | 563,6 |
| Ҳаҷми умумии фоидаи суғурта, сомонӣ (1.5) | 332.7 | 360.8 | 388.0 | 404.4 | 422,3 |

Таҳияи муаллиф. **Сарчашма:**

Чи тавре, ки маъмул аст, шохиси (индекс) даромаднокии сармоягузорӣ, ки ба сифати меъёри арзёбии сармоягузорӣ ва хавфу хатари он хидмат менамояд, бо формулаи зерин муайян карда мешавад [60, с.31,74]:

$$P_i = \frac{1}{I}\sum_{t=1}^{T}\frac{P_t}{(1+r)^t}$$

Барои муайян намудани индекси даромаднокии сармоягузорӣ одатан, тибқи муносибати методии И. Фишер нахуст бузургии дисконт ҳисоб карда мешавад:

$R = (j_b + 1)(j_i + 1) - 1$,

ки дар ин ҷо: $j_b$ – меъёри пасандози бонкӣ;

$j_i$ - сатҳи таваррум.

Меъёри пасандози бонкҳои тиҷоратиро агар дар сатҳи миёнаи 16 % ва дараҷаи таварруми солонаро ба андозаи 8 % гирем, пас меъёри дисконт R = (0,16 +1) (0,08 +1) = 0,252-ро ташкил медиҳад. Сипас даромади софи ба даст омадаро (NPV) муайян мекунем. Ин тарзи одии баҳодиҳии самаранокии сармоягузорӣ мебошад, ки онро Алфред Маршалл нахуст пешниҳод карда буд. Даромади софи ба даст омадаро аз рӯйи формулаҳои зерин ҳисоб менамоем:

$NPV = \sum_{t=1}^{t} \frac{P_t}{(1+r)^t} - I$ = (22,2x0,798 + 24,0x0,638 + 25,8x0,407 + 26.9 x0,165 + 28,1x0,027) – 20, ҳазор сомон= (18,1 + 15,3 + 10,5+ 4.43 + 0.75) – 20 ҳазор = 29,08

Акнун метавон индекси меъёри даромаднокии сармоягузориро бо формулаи зерин ҳисоб намоем: $PI= \left(\sum_{t=1}^{T} \frac{P_t}{(1+r)^t}\right) /I$ = 49/ 20,0= 2,45.

Меъёри арзёбии лоиҳаро индекси даромаднокӣ муайян менамояд ва дар ин маврид агар PI> 1 бошад, пас татбиқи лоиҳа мақсаднок аст, агар, PI < 1 бошад, пас зарурати татбиқи он мавҷуд нест. Дар мавриди PI = 1 будан низ истифодаи он зарар намеорад, аммо агар корхона стратегияи зиндамониро қабул карда бошад ва давлат ба он манфиатдор бошад, зеро индекси даромаднокӣ дар дурнамо бартарӣ пайдо менамояд ва ё сифати иҷтимоӣ дошта бошад. Дар мисоли мо индекси меъёри даромаднокии сармоягузорӣ барои парвариши картошка самаранок мебошад, зеро коэффитсиент аз як калонтар аст, яъне PI = 2,45.

Лоиҳаи сармоягузорӣ хоҷагии фермерии “Овчӣ” ҳарчанд самаранок бошад ҳам, аммо аз хавфу хатар берун намебошад, яъне эҳтимоли ба вуҷуд омадани талафот дар натиҷаи паст шудани сатҳи даромади интизорӣ ва ғайраҳо мавҷуд мебошад. Бинобар ин, дар мавриди арзёбии хавфу хатари сармоягузорӣ бояд алоқамандии арзёбии даромади интизорӣ ва эҳтимолияти талафоти онҳоро дар назар гирифт [126, с.40-42]. Дар ҳаҷми сармоягузории мавҷуда агар эҳтимоли аз даст додани даромад 2,0 %-ро ташкил диҳад, пас, ҳаҷми талаф дар панҷ сол ба ҳисоби миёна 405 сомониро ташкил медиҳад. Ҳаҷми солонаи ҷуброни суғуртавӣ, масалан 1,5% бошад, пас он дар давоми 5 сол ба ҳисоби миёна ба 381.6 сомонӣ баробар мешавад. Дар ҳолати рӯй додани ҳодисоти талафоти пурра ё аз даст додани фоида барои як сол аз ширкатҳи суғуртавӣ 80% маблағи талафёфтаро бозпас мегирад. Барои мисол, соли 2019 хоҷагӣ даромадеро, ки ба маблағи 25869 сомонӣ интизоршуда буд, ба даст наовард. Хоҷагӣ ба воситаи суғурта метавонад 20695,2 (25869x0.8) сомонӣ даромади тала-

фшударо ҷуброн намояд, ки маблағи полиси суғуртавӣ барои 5 сол (332.7+360.8+388.0+404.4+ 422,3=1908.2 сомонӣ) қариб 9 маротиба бештар аст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки хоҷагии фермерӣ аз хариди полиси суғуртавӣ бархӯрдор мебошад ва истифода аз он ҷараёни даромади мӯътадили худро таъмин менамояд. Ҳамин тариқ, полиси суғуртавӣ ҳамчун қоғази қиматнок хидмат менамояд, барои соҳибаш дар шароити ба амал омадани хавфу хатар даромад меорад.

Бояд тазаккур дод, ки зарар аз ифлосшавии муҳити зист метавонад доимӣ ё дарозмуддат бошад ва дараҷаи гуногуни хатарро аз ифлоскунандаҳо ифода мекунад. Барои бартараф намудани сатҳи ифлосшавии муҳити зист бояд маҷмӯи тадбирҳои судманд коркард ва татбиқ намуд. Зарари ҳосил, ки аз ифлосшавии заминҳои кишоварзӣ пайдо мешавад, онро бояд субъекти ифлоскунанда ҷуброн намояд. Дар ҳолате, ки вайронкунандаи мушаххаси муҳити зист муайян карда нашудааст, ҷуброни зарар бояд аз ҳисоби буҷетҳои давлатӣ (ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ) сурат гирад. Муайян намудани ҳаҷми талафот ҳатто бо истифода аз усулҳои мониторинги доимӣ ғайриимкон аст. Дар чунин ҳолат талафоти ҳосил бо усули таҷрибавӣ ҳисоб карда мешавад: ду майдони баробари зироатҳо (марғзорҳо, чарогоҳҳо) ҷудо карда мешаванд: - майдони заминавӣ ва инчунин минтақае, ки дар он сатҳи ифлосшавӣ зиёд аст.

Мисол, барои хоҷагии деҳқонии «Овчӣ»-и ноҳияи Деваштич соли 2021 аз ҷиҳати иқлим мусоид буд, аз майдони замин (1 гектар) ба маблағи 12700 сомонӣ, аз майдони ифлосшуда бошад, 8725 сомонӣ маҳсулот гирифта шудааст. Ба маблағи 3975 сомонӣ маҳсулот нагирифт. Маҳз ҳамин тафовутро шартан зарари солонаи ифлосшавии қитъаи замин кабул кардан мумкин аст.

Масалан, соли соли 2022 чунин вазъият ба амал омад: сол аз ҷиҳати шароити иқлим номусоид омад. Маҳсулоти умумӣ ба ҷойи нақша - 12700 сомонӣ, ҳамагӣ 9504 сомонӣ гирифта шуд, норасогии ҳосил ба 3195 сомонӣ

баробар мегардад. Ин фарқият бояд ба иқтисодиёт аз ҳисоби фонди суғурта ҷуброн карда шавад, зеро талаф дар натиҷаи шароити номусоиди иқлим ба амал омадааст. Аз майдони заҳролудшуда ба маблағи 5323 сомонӣ маҳсулоти умумӣ гирифта шуд ва зарар аз ифлосшавӣ 3404 сомониро ташкил медиҳад. Дар амал дар шароити номусоиди иқлим дар заминҳои ифлос парвариш кардани зироатҳои кишоварзӣ сарфи беҳуда мебошад. Аммо, барои ҳифзи заминҳо аз ифлосшавӣ ва бо ин васила ҳифзи саломатии ҷомеа, пас, ҳаҷми талаф аз зарари ифлосшавии заминҳои кишоварзӣ бояд пурра ҷуброн карда шуда, ин маблағҳо ба ҳифзи муҳити зист сафарбар карда шаванд.

Вобаста бо хосияти манбаъҳои ифлосшавии заминҳои таъиноти кишоварзӣ бояд самти чорабиниҳои иқтисодию технологиро ҷудо кард. Зимнан, омилҳое, ки ба ҳолати экологии замин таъсири мусбат мерасонанд низ муайян карда шавад, ки тавассути онҳо метавон фоидаи гирифташударо муайян кард. Яке аз чунин тадбирҳо истифода бурдани технологияи муҳофизати хок (эрозия) мебошад. Самараи иқтисодии солона аз иҷрои он аз рӯйи формула муайян карда мешавад:

$$Э = (Са + Е_{п}Кк) - (с_{н}+Е,К_{н}) + (Ц_{н} - Ц_{б})Ап,$$

ки дар он: Са, Сн - арзиши воҳиди маҳсулот мутаносибан бо технологияи асосӣ ва нав, сомонӣ; Кк, Кн - сармоягузориҳои мушаххас (ба як воҳиди истеҳсолот) ба вариантҳои кӯҳна ва нави технология, сомонӣ; En - коэффитсиенти меъёрии самаранокии сармоягузорӣ (барои таъмини равиши эквивалентӣ ба арзёбии самаранокии иқтисодии технологияи нав коэффитсиенти ягонаи меъёрӣ истифода мешавад); Цn, Цб - нархҳои фурӯш барои вариантҳои нав ва асосӣ, сомонӣ; Ап - ҳаҷми татбиқи техникаи нав, гектар. Агар дар натиҷаи истифодаи технологияи муҳофизати хок, сифати маҳсулот беҳтар гардадад ва бо нархи фурӯш ифода ёбанд, пас, метавон самараи солонаро ҳамчун афзоиши маҳсулоти умумӣ ва фоида арзёбӣ кард.

Самараи воқеии иқтисодии истифодаи технология ва ё тарзу услуби беҳтар намудани сифати экологиии заминҳои кишоварзӣ бояд дар доираи иштироки фаъоли кормандони хоҷагиҳо дар онҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии меҳнат тақсим карда шавад. Масалан, дар ҳолати риоя шудани талаботи агроэкологӣ дар 100 фоиз, пас на кам аз 50 фоизи самараи иқтисодии гирифташуда ба коргарон подош дода шавад.

Ба ҳолати экологии заминҳои кишоварзӣ на танҳо омилҳои техногенӣ, инчунин ҳолати берун аз гардиш ва киштгардон мондани замин, ки дар натиҷа он ба таназзул дучор мешавад, ва дар навбати худ он ба паҳншавии касалиҳои растанӣ мусоидат мекунад, таъсир мерасонад. Ба хоҷагиҳое, ки маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза истеҳсол мекунанд, бояд дар шакли маблаггузорӣ ё имтиёзи давлат имтиёзҳои махсус дода шаванд.

Чи тавре, ки дар банди (параграф) қаблӣ қайд намуда будем, маблағгузориҳои асосӣ ё сармоягузориҳое, ки ба ободонӣ ва азхудкунии замин нигаронида шудаанд, дар мадди аввал бо роҳи обёрикунонӣ амалӣ мегарданд. Чуноне, ки борҳо қайд намуда будем, мелиоратсия воситаи муҳим ва тавоноест, ки ҳосилнокии меҳнат ва ҳосилнокии заминро баланд мебардорад. Тадбирҳои обёрикунӣ бояд пайваста бо ба инобат гирифтани хусусиятҳои агроиқлимии минтақаҳои вилоят сурат гирад. Сохтани ҳавзҳо ва обанборҳо, тоза кардани замин аз буттаҳо, берун кардани сангу қум, тағйир додани контурҳои бесамар, мубориза бар зидди эрозияи хок низ амали карда шавад. Омили муҳими ҳалли муаммои истифодаи устувори заминҳои кишоварзӣ аз ҳифз намудани хок аз эрозия вобаста аст. Яке аз унсурҳои муҳими баланд бардоштани ҳосилнокии замин танзими реҷаи об аст. Шарти муҳими ҳифз ва истифодабарии оқилонаи замин, инчунин низоми тадбирҳои аз эрозияи обу шамол муҳофизат намудани хок мебошад.

Беҳдошт (мелиоратсиякунонӣ) - и замин сармоягузорӣ ва таҳияву татбиқи лоиҳаҳои сармоягузориро талаб менамояд. Дар ин маврид,

сармоягузорон пеш аз ҳама ба лоиҳа, махсусан, ба даромади он афзалият медиҳанд. Хоҷагии деҳқонии “Асрориён”-и ноҳияи Деваштич тасмим гирфтааст, ки 2 гектар заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмондаро бо тариқи мелиратсиякунонӣ азхуд намуда, дар он гандуми тирамоҳӣ кишт намояд. Ба нақша гирифтааст, аз ҳар як гектар 23 сентнерӣ гандум мегирад, ки даромади он 6900 (2х3450) сомониро дар як сол ташкил медиҳад. Барои аз худ кардани замин 15000 сармоягузорӣ намудааст. Барои арзёбии самаранокии ин лоиҳаи сармоягузорӣ методи дисконтро истифода мебарем. Ин лоиҳаи сармоягузорӣ мувофиқи нақшаи сармоягузор фоидаи худро баъд аз як сол дар ҳаҷми 6900 сомонӣ таъмин менамояд. Сатҳи фоидаро бо назардошти таъсири солонаи таваррум дар андозаи 16% (меъёри амонати бонк) қабул менамоем. Давраҳои амаликунонии лоиҳаро 5 сол интихоб менамоем.

Итилоот дар бораи лоиҳа ва методи ҳисоб намудани даромаднокии холиси дисконт натиҷаҳои афзоиши лоиҳаи истеҳсоли гандумро ифода менамояд. Формулаи математикии дисконт дар ҳамаи ҳолатҳо чунин мебошад:

$$FV * 1/(1+R)^n = PV.$$

Одатан, он дар чунин шакл сабт шудааст:

$$PV = FV * 1/(1+R)^n.$$

Зарибае (коэффитсиент), ки зиёдшавии арзиши ояндаи $1 / (1 + R)^n$ -ро нишон медиҳад, унвони омили дисконтиро гирифтааст. Дар ин формулаи дисконт: R – меъёри фоиз, N – шумораи солҳо.

**Ҷадвали 3.2.1** Ҳисоб намудани натиҷаҳои лоиҳаи дисконтии даромади соф барои васеъ намудани истеҳсоли гандум дар хоҷагии деҳқонии “Асрориён”-и ноҳияи Деваштич

| Сол | Ҷараёни воридшавии маблағҳои соф (NCV), сомонӣ | Афзоиши Омилҳои дисконт (DF) | Ҳисоб намудани маблағи арзиши соф дар ҳар як фосила (NCV • DF), сомонӣ |
|---|---|---|---|
| Якум | - 15000 | 1,0 | - 15000 |
| Дуюм | 6900 | 0,862 | 5947 |
| Сеюм | 8004 | 0,746 | 5970,9 |
| Чорум | 9284.6 | 0,641 | 5951,4 |
| Панҷум | 10770 | 0,552 | 5945 |
| Ҷамъ NPV: | - | - | 8814,3 |

Ҳисобҳои муаллиф. **Сарчашма:**

Чи тавре аз ҷадвали 3.2.1 аён аст, даромади софи дисконти лоиҳаи сармоягузорӣ барои обёрии замин 8814,3 сомониро ташкил медиҳад. Ин даромади иловагӣ тасдиқ мекунад, ки идома додани истеҳсоли гандум дар замини азхудкардашудаи хоҷагӣ, боназардошти хатарҳои амалисозии лоиҳа ва риояи талаботи технологии истеҳсолотӣ ва агротехника судманд мебошад. Лоиҳаи сармоягузорӣ ба обёрии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар 3,5 сол хароҷотҳояшро рӯйпӯш менамояд.

Бояд таъкид намуд, ки дар хоҷагии об аз сабаби кашол ёфтани ислоҳот самараи истифодаи фондҳои мелиоративӣ паст мешавад. Ба ин натиҷаҳо, дар вилояти Суғд тайи 5 соли охир майдони заминҳои обии истифоданашуда, тибқи маълумоти расмии Раёсати беҳдошти замин ва обёрӣ дар вилояти Суғд, ҳамасола 2-3 ҳазор гектарро ташкил медиҳад. Ҳолати мелиоративии заминҳо дар майдони 60,8 ҳазор гектар бад шудаст. Сабаби асосии номукаммал будани низоми муносибатҳои иқтисодии байни низомҳои хоҷагии об ва истифодабарандагони об мебошад, ки боис ба суст шудани хизмати истифодабарӣ гардидаст. Инро истисно кардан мумкин нест, зеро чунин мушкилот дар дигар кишварҳо низ вуҷуд доранд.

Хароҷоти иқтисодиёти миллӣ аз сатҳи баланди обҳои зеризаминӣ ва шӯршавии такрорӣ ҳар сол ҳаҷми калони маблағгузориро ташкил

медиҳад. Ин қариб сеяки арзиши аслии маҳсулоти кишоварзиро ташкил медиҳад. Фонди обёрикунии вилояти Суғд дар мамлакат яке аз фондҳои калонтарин ба шумор меравад. Арзиши тавозуни маблағҳои низоми обёрикунии вилоят то 1-уми январи соли 2023 143,1 миллион сомониро ташкил дод. Таҳлили ин маблағҳо нишон медиҳад, ки дар ҳаҷми умумии маблағгузориҳои муассисаҳои давлатии обёркунӣ ҷойи аввалро ишғол мекунанд. Ҳиссаи онҳо ба ҳисоби миёна дар давраи таҳлил 54,1 фоизро ташкил дод. Дар баробари ин, ба сохтори фондҳои асосӣ дараҷаи баланди истеҳлок (амортизация) хос аст. Ҳиссаи истеҳлок (амортизация) ба 42,7 фоизи арзиши умумии фондҳои асосӣ мерасад. Агар аз хароҷоти умумии фондҳои хоҷагии об, хароҷоти объектҳоеро, ки мӯҳлати хизматии дароз (50, 100 сол) доранд, ки ба онҳо сарбандҳо, яъне, корҳои сохтмонӣ (конструксияҳо)-и бетонӣ ва сангин дохил мешаванд. Ҳисоб кардани маблағи истеҳлок (амортизация)-и объектҳое, ки мӯҳлати хизматашон 10-15 сол ва меъёрҳои истеҳлок (амортизация) 15-20 фоиз ва аз ин ҳам зиёд аст, ба назар гирифта шавад. Маълум мешавад, ки қисми зиёди фондҳои асосии фаъоли онҳо аз ҷиҳати ҷисмонӣ кӯҳна шудааст ва ба таҷдиду азнавсозӣ ниёз дорад. Маблағи воқеии маблағҳои буҷети давлатӣ барои нигоҳдорӣ ва таъмири фондҳои асосии соҳа ба ҳисоби миёна дар солҳои 2017-2023 1,8 миллион сомониро ташкил дод, ки ин 14,1 фоизи талаботи азнавсозӣ ва таъмири асосиро аз ҳисоби маблағгузории давлатӣ ташкил медиҳад. Мувофиқи ҳисоби мутахассисон дар вилоят и 2/3 замини корам ва 4/5 қисми тамоми чарогоҳҳо ба эрозия ва биёбоншавӣ (деградация) дучор шудаанд. Аз ин рӯ, таҳияву татбиқи барномаҳои махсуси зидди эрозия бояд дар маркази фаъолияти тамоми корҳои мелиоративӣ қарор гирад. Фаъолгардии ин кор ҳодисаҳои таъсири манфии эрозияро ба сохтори хок (шуста шудани замин дар вақти обёрӣ, шӯр ва ботлоқ шудани заминҳо ва ғайра) бозмедорад. Оҳак андохтани заминҳои турш ва гаҷ кардани заминҳои шӯр ба зиёд шудани самараи истифодаи фонди замин

ёрии калон мерасонад. Тибқи хулосаи мутахассисон талафи ҳосил аз сабаби номусоиди туршии хок ҳар сол кариб 10 фоиз мерасад.

Яке аз омилҳои муҳими зиёд кардани самараи истифодабарии замин васеъ намудани такрористеҳсолкунӣ мебошад. Илм ва амалия воситаҳои тез ва дурудароз ба хок таъсир расониданро медонанд. Сараввал, танзими намии замин, истифодабарии нуриҳои маъдании тезтаъсир ва нарм кардани он дохил мешаванд. Ташаккули ҳосилхезии замин дар муддати дароз аз нуриҳои органикӣ мунтазам бой гардондани замин, оҳак андохтани заминҳои турш, мелиоратсияи заминҳои дорои хусусиятҳои табиии номусоидро дар бар мегирад. Манбаи асосии пур кардани гумус дар хок, нуриҳои органикӣ ва пасмондаҳои зироат мебошанд. Дар вақти истифодабарии нуриҳои маъданӣ, бе нуриҳои органикӣ, дар хок миқдори гумус сол то сол кам мешавад. Бо мақсади дар замин нигоҳ доштани консентратсияи оптималии гумус ҳар сол ба ҳар гектар замини корам на кам аз 13-15 тонна нурии органикӣ андохтан лозим аст. Ҷиҳати таъмин намудани тавозуни мусбати гумус (0,01 фоиз дар як сол) дар як гектар ба андозаи 20 тонна нурии органикӣ андохтан зарур аст, аз ҷумла дар киштгардони алафзор – 10-12, тухмии мевагӣ – 14 - 18, зироатҳои шудгоршуда 70 - 80 тонна.

Чуноне, ки диаграммаи 3.2.1. нишон медиҳад, дар давраи солҳои 2017-2023 дар майдонҳои кишти вилояти Суғд ҳаҷми андохтани поруҳои маданӣ тамоюли афзоиш дорад: дар ин давра ба тамоми майдони кишт аз 15,5 то 26,2 ҳазор тонна ва 69,1 фоиз зиёд шудааст.




**Диаммаи 3.2.1**. Динамикаи андохтани нуриҳои маданӣ ва органикӣ дар заминҳои кишти вилояти Суғд (ҳазор. тонна.) мувофиқи омори солонаи вилояти Суғд, 2024, с.218.

Аммо ҳаҷми андохтани нуриҳои органикӣ пас аз соли 2021 тамоюли устувор дорад. Масалан, соли 2023 - 247,4 ҳазор тонна андохта шудааст, ки нисбат ба соли 2017 - 3,8 маротиба афзудааст.




**Расми 3.2.2.** Динамикаи андохтани поруҳои маданӣ ва органикӣ ба ҳар як гектар заминҳои кишти вилояти Суғд, омори солонаи вилояти Суғд, 2024, с.219.

Дар расми 3.2.2. динамикаи андохтани поруҳои маданӣ ва органикӣ ба ҳар як гектар заминҳои кишти вилояти Суғд оварда шудааст, ки он ҳам тамоюли ноустувор дорад. Барои муосидат намудан ба истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар асоси сифатҳои экологӣ, зиораткории органики ва безарар гардонидани сохтори хок минбаъд истифодаи поруҳои

органикӣ ва биологӣ, ки сифати экологии маҳсулоти озуқавориро низ таъмин менамояд, ба мақсад мувофиқ мебошад.

Минбаъд рушди ҳосилнокии замин бо қатъиян беҳтар намудани заминҳои табиии хӯроки чорво - алафзор ва чарогоҳҳо, ки дар майдони умумии заминҳои кишоварзӣ ҳиссаи калонро ишғол мекунанд, зич алоқаманд аст. Тавре, ки таҷрибаи хоҷагиҳои кишоварзӣ нишон медиҳанд, шаклҳои интенсивии ғаллакорӣ ва ба вуҷуд овардани чарогоҳҳои бисёрсола, нисбат ба замини корам табдил додани он самараи калон ҳам дода метавонад. Барои нигоҳ доштан ва ба вуҷуд овардани тавозуни мусбати гумус майдони кишти алафҳои бисьёрсола, сидеритҳо, пӯшидани хошокро васеъ кардан лозим аст. Баъди шудгор кардани алафҳои бисьёрсола дар қабати корам гумус 0,2-0,3 фоиз зиёд мешавад. Ҳосилнокии замин аз ҳисоби коштани поруи сабз дар якҷоягӣ бо андохтани пору 18-20 фоиз меафзояд. Тибқи маълумоти мутахассисони соҳа сидеритҳо хокро бо моддаҳои органикии ба осонӣ пӯсидашаванда бой мегардонанд ва воситаи самарабахши мубориза зидди алафҳои бегона ва ҳашароти зараррасони рустанӣ мебошанд. Ба ин заминҳои тоза ё киштгардон, ки ҳангоми истифода бурдани он ҳосили зироатҳои ғалладона 20-30 фоиз зиёд мешавад, мусоидат мекунанд.

Имрӯз гуфтан мумкин аст, ки аксарияти мутлақи хоҷагиҳои деҳқонӣ киштгардонро бо киштгардони кӯтоҳ, махсусгардонии танг боназардошти шароити бозор азхуд мекунанд. Хоҷагиҳои деҳқонӣ асосан ба истеҳсоли маҳсулоти зироаткорӣ машғуланд. Ба кишти ғалладона, зироатҳои хӯроки чорво ва картошка афзалият дода мешавад. Зироатҳое, ки техникаву механизмҳои нисбатан камро талаб мекунанд, парвариш карда шаванд. Дар бобати истифода намудани нуриҳои маъданӣ низ душвориҳо зимни кишти зироатҳо ба миён меояд. Дар ин шароит киштгардон имкон намедиҳад, ки ҳосили зироатҳо зуд паст шаванд. Бинобар ин, деҳқонон тадриҷан аз нақшаҳои гуногуни киштгардон истифода мебаранд. Масалан,

хоҷагии деҳқонии «Овчи»-и ноҳияи Деваштичи вилояти Суғд аз соли 2023 ба киштгардон гузашта, нисбат ба давраи пеш аз кишт ҳосили баланд ба даст овард (ҷадвали 3.2.1.). Хоҷагӣ 6 гектар замини лалмӣ дорад. То соли 2020 асосан гандум ва ҷав истеҳсол мекард, ки ҳосили миёнаро ташкил медод. Мувофиқан аз ҳар гектар 12 ва 10,5 сентнериро ташкил дода аст. Дар давраи киштгардон ҳосилнокии гандуми тирамоҳӣ (нахӯд ва картошка) мутаносибан 35,8 фоиз, ҷав - 35,2 фоиз, ҳосили картошка 14,7, нахӯд - 48,8 фоиз афзуд. Бояд гуфт, ки деҳқон фақат поруи органикиро истифода бурдааст.

**Ҷадвали 3.2.2** Гардиши чоркунҷаи киштгардон дар хоҷагии «Овчӣ”-и ноҳияи Деваштич

| Майдон | 2020 | | 2021 | | 2022 | | 2023 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Зироат | Ҳосилнокӣ, с\га | Зироат | Ҳосилнокӣ, с\га | Зироат | Ҳосилнокӣ, с\га | Зироат | Ҳосилнок, с\га |
| М 1 | Гандуми тирамоҳӣ | 13 | Картошка | 320 | Ҷав | 15 | Нахӯд | 12,8 |
| М 2 | Ҷав | 12 | Нахӯд | 13.5 | Гандуми тирамоҳӣ | 15.3 | Картошка | 350 |
| М 3 | Картошка | 305 | Гандуми тирамоҳӣ | 15,2 | Картошка | 11,7. | Ҷав | 14,2 |
| М 4 | Нахӯд | 11,3 | Ҷав | 13.1 | Нахӯд | 12,5 | Гандуми тирамоҳӣ | 16,3 |

Ҳисоби муаллиф.

Таҷрибаи андӯхта нишон медиҳад, ки истифодаи техникаҳои вазнини чархдор, техникаи ҳосилғундору нақлиётӣ ба таркиби механикии хок таъсири манфӣ мерасонад ва ҳосилнокии заминҳоро паст мегардонанд. Ҳамзамон, низоми решаи рустаниҳо ба таври зарурӣ фаъолият намекунанд, дар натиҷа фаъолияти ҳаётии онҳо бад мешавад, алафҳои бегонаи майдонҳо зиёд мешаванд, ки ин боиси хеле кам шудани ҳосил мегардад. Дар мубориза бар зидди аз ҳад зиёд ҷамъшавии хок, кам кардани коркарди он, яъне кам кардан ва якҷоя кардани амалиёти коркард, кишт ва нигоҳубини

рустаниҳо ба мақсад мувофиқ мебошад. Коркарди ками замин дар баробари фоидаи экологӣ имкон медиҳад, ки хароҷот хеле кам карда шавад.

Унсури муҳими ҷараёни истеҳсолоти кишоварзӣ аз ташкили меҳнати самаранок вобастагӣ дорад. Чунон, ки Вилям Пети гуфтааст: “...меҳнат падари сарват ва замин модари он аст”. Пайвастани оқилонаву самарабахши ин омилҳоҳои бунёдӣ дараҷа ва характери муносибатҳои кишоварзию заминро муайян менамояд.

Дар марҳилаи кунунии рушди кишвар ва дигаргуниҳои иқтисодӣ дар интихоби объектҳои таҳқиқотӣ таҳлили муаммоҳои такмили муносибатҳои замин дар пояи гузаронидани тағйироти институтсионалӣ вобаста ба рушди муносибатҳои иқтисодӣ мубрамият пайдо менамояд.

Тафовути калонтарин вобаста ба накши истифодаи замин дар таъмини рушди устувори истеҳсолоти агросаноатӣ ба миён омад. Дар ин ҷода, ҳалли муаммоҳои истифодабарии оқилонаву самраноки замин ҳамчун намунаи рушди умумии иқтисодиёти кишоварзӣ мебошад. Тараққиёти устувори кишоварзӣ бояд бевосита бо истифодаи замин дар иқтисодиёти серсоҳа алоқаманд карда шуда, муносибатҳо ба танзим даровarда шаванд.

Бояд зикр кард, ки муаммоҳои истифодаи самараноки замин, дар асоси он, зиёд кардани самараи иқтисодии истеҳсолоти агросаноатӣ, дар навбати худ, дар назди сохтори истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ талаботи нав мегузорад. Ҳамаи ин зиёд кардани хароҷот, ҳам барои омили инсонӣ ва чи барои воситаҳои истеҳсолот, таъмини рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақаҳо, ноҳияҳо ва тамоми ҷамоатҳоро талаб мекунад. Маълум аст, ки дар тамоми ҷаҳон маблағгузориҳои иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, маблағгузорӣ ба омили инсонӣ дар солҳои охир назар ба маблағгузорӣ ба унсурҳои моддии комплекси агросаноатӣ тезтар меафзояд. Тараққиёти хоҷагии халқи ҷумҳуриро бештар аз ҷиҳати вазъи иқтисодиёти кишоварзӣ муайян мекунанд.

Дар ҷараёни амалишавии муносибатҳои бозорӣ накши хоҷагиҳои хурд дар рушди иқтисодиёти кишоварзӣ калон аст. Гарчанде хоҷагиҳои калон нисбат ба хоҷагиҳои хурд як қатор бартариҳо доранд: онҳо сермаҳсултаранд, ба тақсимоти васеи меҳнат асос ёфтаанд, бо арзиши ками хароҷот ба воҳиди маҳсулоти истеҳсолшуда, имконияти истифодаи техника ва технологияи нав фарқ мекунанд. Хоҷагиҳои хурд дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он ҳанӯз ҳам аз ҷиҳати табиати худ, асосан, ба дурнамои иқтисодӣ, ба манфиати ҷомеа тараққӣ кардан нигаронида нашудаанд.

Ҳамзамон, ин масъалаи истифодабарии самараноки замин низ бодарназардошти инкишофи шаклҳои гуногуни кооператсияи соҳаҳои комплекси агросаноатӣ дар асоси ҷамъбаст намудани таҷрибаи дигар кишварҳое, ки дар ин роҳ муваффақиятҳои калон ба даст овардаанд, ба назар гирифта нашудааст.

Инчунин бояд зикр кард, ки дар истифодабарии самараноки заминҳои таъиноти кишоварзӣ мавқеи чунин ташкилотҳои институтсионалӣ, монанди мақомоти давлатӣ ва маҳаллии он, шахсони алоҳида ва оилаҳо, ҷамъиятҳои деҳот ва кооперативҳо низ муайян карда нашудааст.

Маълум аст, ки соҳаҳои кишоварзии зерсохти бозорӣ, объекти махсуси ба вуҷуд овардани шаклҳои нави коллективҳои меҳнатӣ мебошад, зеро шаклҳои истифодаи заминро бар хилофи шароити маҳал муқаррар кардан мумкин нест. Он бояд ба мӯътадил гардондани муҳити табиӣ, нигоҳ доштани мувозинати экологии гузаштан ба технологияи сарфаи захираҳо ва низомҳои истифодаи замин нигаронида шавад. Дар комплекси агросаноатии вилояти Суғд рӯйи кор овардани шароити иқтисодии истифодаи самараноки замин дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ маънои беҳтар кардани тарзи истифодаи анъанавии заминро надорад. Ташаккули низоми хоҷагиҳои деҳқонӣ ва муносибатҳои он дар оянда на танҳо бартарии хоҷагиҳои хурду калонро муттаҳид карда метавонад, ҳамзамон, масъалаҳои ташкилию иқтисодии истифодаи қитъаҳои заминро

низ ҳал мекунад. Хоҷагии деҳқонӣ дар ояндаи наздик ба истифодаи афзалиятҳои кооперативӣ, интегратсионӣ рӯй меорад, ҳамзамон, ба омили муҳим дар ташкили истифодаи устувори замин дар ҳудуди деҳот табдил ёфта метавонад.

Муносибатҳои заминистифодабарӣ ба омезиши органикии кооперативҳо ва хоҷагиҳои деҳқонии индивидуалӣ, оилавӣ, оилавӣ - гуруҳӣ дар иқтисодиёти деҳот асос меёбад. Ин шароит фароҳам меорад, ки замин ва дигар сарватҳои табиӣ ҳамчун моликияти соҳибдор вуҷуд дошта бошад. Ҳамзамон, ин эътирофи маҳдуд будани тараққиёт ва гуногунии шаклҳои хоҷагидорӣ метавонад асосҳои иқтисодии фаъолияти ба ҳам вобастаи шаҳру деҳот, ҷиҳати ба даст овардани таносуби ҳақиқии байни соҳаҳои кишоварзӣ ва саноатро мустаҳкам намояд.

Баланд бардоштани иқтидорӣ истифодабарии устувори заминҳои таъиноти кишоварзиро дар марҳилаи нави рушди кишвар, бо ба ҳам пайвастани илму истеҳсолот, боло бардоштани дараҷаи дониши иқтисодӣ ва ҳуқуқии кормандони соҳаи кишоварзӣ, такя ба натиҷаҳои илм, суръат бахшидани ислоҳоти кишоварзӣ муайян менамояд. Вилояти Суғд, ки дар водии қадимаи тоҷикон, ки бо фарҳанги зироаткориву заминдории худ таърихан дар ҷаҳон машҳур буданд, ҷойгир аст. Вилоятро дар ҳақиқат метавон гуфт, ки маркази тавлиди муҳимтарин рустаниҳои дороии гуногунии бойи генетикӣ арзёбӣ намуд ва беҳтарин коллексияи ҷаҳонӣ, нок, дарахтони себ, ангур, чормағз арзи афзоиш доранд.

Азнавсозии муносибатҳои хоҷагидорӣ дар вилоят сурат гирифта истодааст, ки ба ҷустуҷуйи роҳҳои такмили сохтору шаклҳои хоҷагидорӣ, ки завқи ташаббускориву эҷодкории истеҳсолгарони кишоварзиро баланд мебардорад, нигаронида шудааст. Дар ин самт таъмини муҳит барои рӯйи кор омадани қобилияти ҷустуҷӯи роҳҳои истифодаи устувори замину иқлими маҳал, низ дар назар аст. Шароити зиёд кардани истеҳсоли маҳсу-

лоти кишоварзӣ дар асоси сарфакорона истифода бурдани замин ва дигар захираҳои моддию пулӣ мусоидат менамояд.

Ислоҳоти замин дар соҳаи кишоварзӣ имрӯз ба самти гузариш ба муносибатҳои нави он равона шудааст. Ҳадафи асосии ин ислоҳот на танҳо ба таъмини зуҳури иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ, балки барои ташкили истифодаи экологии замин, баланд бардоштани ҳосилхезии он, амалигардии ҳокимияти иқтисодии заминистифодабарандагони соҳаи кишоварзӣ, ки ба он дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии аҳолии деҳот аҳамияти бузург дорад, равона шудааст. Илова бар ин, зимни гузаронидани ислоҳоти замин, ба фикри мо, бояд дар баробари истифодаи анъанаҳои муқарраргардидаи истеҳсолоти кишоварзӣ, бодарназардошти ивазшавии иқлим ва истифодаи маҳсулотҳои аз ҷиҳати генетикӣ тағйирёфта (ГМО), ташаккул ва инкишофи хоҷагиҳои органикӣ айни муддаост.

Таҳлили натиҷаи истифодаи замин аз ҷониби хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва кооперативҳои кишоварзӣ нишон медиҳад, ки асосан бо сабабҳои субъективӣ тақсимоти одилона нашудааст, яъне, аксари заминҳои серҳосил ба деҳқонони асил, ки арзиши заминро дар мадди аввал мегузоштанду ба қадри он мерасиданд, вобаста нашуда буд.

**Хулоса аз боби сеюм**

1. Рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ва таъминоти захиравии амнияти иқтисодиву озуқаворecho мамлакат аз истифодаи устувори заминҳои кишоварзӣ вобаста аст. Бинобар ин, хусусият ва андозаи дигаргунсозии муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодии мамлакат ва минтақаҳои он аз хусусиятҳои ислоҳоти замин, бахусус заминҳои кишоварзӣ бармеояд ва он ба омилҳои ҳалкунанда дар таъминоти захиравии амнияти иқтисодиву озуқаворӣ маҳсуб мешавад. Замин, ки пойдевори фаъолияти иқтисодиву иҷтимоӣ мебошад, бо хосиятҳои худ аз дигар омилҳои истеҳсолӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Заминҳои кишоварзӣ ҳарҷанд офаридаи табиат бошад ҳам, аммо дар асл маҳсули меҳнати инсон ҳам мебошад, бинобар он, сифати такрористеҳсолшавандаро дорад.

